**НАШРИЁТИ**
**«БАЛОҒАТ»**



**КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО**

# ДЕҲАРО ХОБ МЕБИНАМ

*Як қисса ва чанд ҳикоя*

Душанбе
«Балоғат»
2014

ББК 84 – Тоҷик 7-4
М-65

Муҳаррир: *Ибодулло Шарифов*

**Кароматуллоҳи Мирзо.** Деҳаро хоб мебинам.
(Қисса ва ҳикояҳо). – Душанбе, 2014.
Нашриёти “Балоғат”. 192 саҳ.

Дар китоби нави Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Кароматуллоҳи Мирзо қиссаи “Ситораҳои паси абр”, ки хонандаи зиёд пайдо намуда-аст ва чанд ҳикояи ӯ дохиланд. Бовар дорем, мутолиаи китоб ба хонандаи арҷманд хуш меояд.

ISBN 978-99947-2-336-2

© Кароматуллоҳи Мирзо, 2014

# СИТОРАҲОИ ПАСИ АБР

***(Қисса)***

Он солҳо дур аз деҳа, дар шаҳр мезистем. Кулбаамон дар бинои баланд, дар ошёнаи панҷум ҷойгир буд. Ва чун субҳгоҳон аз хоб бармехостам, аз тиреза ба офтоббаро, ба ҷониби деҳа рӯ меовардам. Теппаҳои баланди атрофаш намоён. Вале чандест, деҳа рафта наметавонам. Он ҷо ноором, ҷангҳои байниҳамдигарии хешовандон, ҳамзабонон. Гурӯҳҳои силоҳдор ҳаёту зиндагии мардумро ноосуда гардондаанд. Хаёлам ба деҳа, ба ҳамдеҳагон. Деҳаамон Нилкон ном дорад, миёни деҳаҳои ҷамоаи Роҳатӣ ба назарам аз ҳама зебо ва дилкушо менамояд. Аз ҷониби офтоббарои деҳа оби сангоб ҷорист. Он аз бағали дараҳо ва оброҳаҳои кӯҳҳои Мағмуруду Қандӣ меояд, баъд роҳаш давомнок шуда, то ба дарёи шӯху тезоби Кофарниҳон меравад. Сангоб ба мисли сарҳаде байни деҳаҳое, ки дар ду канори он ҷойгиранд. Мағмуруд, Қандӣ, Теппаи Самарқанд, Навобод, Дуобаи боло, Дуобаи поён, Роҳатӣ, Нилкон, Оқчакман, Моинкаҷ ном доранд деҳаҳо. Оби сангоб дар рӯзҳои гармо, айёми тобистону тирамоҳ қариб хушк мешавад, сангҳо метасфанд, аз ҷониби сангоб боди гарм мевазад, то дуриҳо – то боғоту ҳавлиҳои деҳаҳои Нилкону Роҳатӣ паҳн мешавад, сангоб мисли хате кашида шуда байни ин деҳаҳо. Як ҳиссаи боғҳо, ангурзорҳо, ҳавлиҳои аҳли деҳаи Нилкон дар ҷониби дигари сангоб, дар ҷониби Роҳатӣ ҷойгиранд. Онҳо ба хонаю ҳавлиҳои сокинони деҳаи Роҳатӣ якҷоя, деворбадеворанд. Лекин мардум худро нилконӣ мегӯянд. Ва ҳам дар рӯйхатҳо, ҳисобгирии идораи ҷамоа нишонаашонро ба номи ин деҳа менави-

санд. Дар тӯю маъракаҳояшон ҳам аҳли деҳаи Нилкон хабар мешаванд ва манзили абадӣ – гӯристонашон ҳам гӯристони деҳаи Нилкон. Боғоту ангурзорони дар он сӯи сангоб будаи нилкониҳо то андаке пеш, дар солҳои дар мактаби миёнаи деҳаи Роҳатӣ хондани мо бо номи соҳибонашон – боғи эшони Мавлон, боғи эшони Солеҳ, боғи эшони Мулло Сайиднеъматуллоҳ, замини Моҳи Мулло зикр меёфтанд. Дар наздикиҳо хона ё ҳавлие ба чашм намеафтод. Хонаҳои сокинони деҳаи Нилкону Роҳатӣ аз ҳам дур буданд. Мо, бачаҳо, аз миёни боғҳо, аз таги чинорҳою лаби ҷӯй ва аз канори заминҳо гузашта, мактаб рафта меомадем. Баъдҳо бо чӣ сабабе гурӯҳ-гурӯҳ мардумони деҳаҳои дараи Ромит кӯчида ба Роҳатӣ меомаданд. Аксарашон дар ҳамин заминҳои соҳили сангоб хонаю ҳавлӣ бунёд карданд. Ва имрӯз ба туфайли манзил ёфтани онҳо деҳаҳои Роҳатӣ ва Нилкон қариб бо ҳамякҷоя шудаанд. Вале, чи тарзе таъкид намудем, мардумони дар он сӯи сангоб мондаи деҳаи мо ҳанӯз худро нилконӣ мегӯянд, манзил – хокдонашон ҳам дар ҷониби мо – дар Нилкон.

Бале, сол аз сол ҳисоби аҳли деҳаҳо афзун мешаванд, хонаю дар месозанд. Миёни баъзе деҳаҳо, аз ҷумла Тепаи Самарқанд, Фермаи Нилкон, Оқчакман, Дуобаи боло, Меҳтарӣ, Роҳатӣ ва Нилкон қариб ҳудуд намонда. Заминҳои деҳаи Нилкон, ки дар замонҳои подшоҳӣ мардумонаш заминдор ҳисоб меёфтанд, бо баъзеи ин деҳаҳо якҷоя шуда аз они сокинони он гашта.

Дар баҳорон оби сангоби байни Нилкону Роҳатӣ зиёд гашта сел меояд. Мардум баъзан аз сангоб гузашта наметавонанд, равуояшон барҳам мехӯрад. Чандест болои сангоб кӯпруки ларзонаке пайдо шудааст. Онро кӯпруки эшони Аъзамхон мегӯянд. Ин марди саховатманд, савобҷӯйро ҳамаи мо медонем. Бадавлат ҳам нест, солҳои баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон дар Бухоро таҳсил

карда, илми таҷвид, қироъатро бисёр хуб аз худ намуда. Овози хуше дорад, вале ӯ аз ин пеша нон нахӯрда, устои чӯбкор аст. Марди боҳунар. Ана ҳамин эшони Аъзамхон бо меҳнати ҳалолаш каму беш маблағ ёфта, масолеҳи кӯпрук, ҳар гуна оҳанҳо харида, барои равуои мардум аз болои сангоб кӯпрук сохта. Алҳол пояҳои кӯпруки эшони Аъзамхонро обхезиҳои айёми баҳорон бебақо кардаанд. Об ба ҷониби деҳаи Роҳатӣ, ба тарафи баъзе ҳавлиҳо гаштааст, саҳни чанд ҳавлиро об шуста бурдааст. Хавфи ба коми сел рафтани кулбаҳои сокинони ин ҳавлиҳо ба вуҷуд омадааст. Ба ҳар ҳол кӯпруки эшони Аъзамхон мавҷуд аст, онро баъзе одамони савобҷӯ аз нав месозанд, ба ҳар гунае насозанд, минбаъда кӯпрук бо номи эшони Аъзамхон. Номи одамони саховатпеша баъди сарашон ҳам зинда мемонад.

Акнун чанд сухан аз хусуси маънии номи деҳаи Нилкон. Ривоятҳо мавҷуданд. Некон ҳам мегӯянд деҳаи моро. Аммо номи Нилкон маъмултар. Дар ҳамаи мавридҳо Нилкон мегӯянд. Ва ҳамин тавр менависанд. Чӣ маъние дошта Нилкон ё Некон? Ба чӣ муносибате чунин номҳо ёфта деҳаи мо?

Тахминҳо ҳар гунаанд. Мегӯянд, дар гузашта, дар ким-кадом замоне, дар ин маҳал аз гиёҳе нил ҳосил мекардаанд. Маънии нил дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: Нил гиёҳест дар мамлакатҳои гарм, ки аз шираи он ранги нилӣ мегиранд: ранги кабуди баланди сиёҳтоб, ранги лоҷувардӣ, осмониранг. Боз мегӯянд, замоне дар ин ҷо ҳама аҳли ҳунар мезистаанд, матоъ мебофтаанд, ба матоъҳо ранг медодаанд. Ва дар зери қалъае, ки дар поёни деҳа мавҷуд аст, дар соҳили сангоб бозор будааст. Дар танаи қалъа изи хумҳо ба назар метобад, хумҳое, ки аз қади одам баланд. Хумҳоро кандаанд, сафолпораҳо мондаанд. Дар он хумҳо ранг будааст, хумҳои пур аз нил. Ва он барои ранг додани матоъҳои бофандагон ис-

тифода мешуда. Ва, агар ин ривоятҳо бесабаб пайдо нашуда бошанд, пайдоиши номи деҳа бо рангҳо, ба кони нил алоқаманд. Ва шояд мардум ба ҳамин хотир ба маҳалли мо кони нил – Нилкон ном мондаанд.

Ва гуфтем, ки деҳаи моро Некон ҳам мегӯянд. Ва бо ин ном ҳам зикр шудани деҳа сабаб дорад. Қадима аст.

Мегӯянд, ки замоне ба ин гӯшаи хушманзар гузори гурӯҳи одамоне афтода. Онҳо соҳибилм, бофазл, соҳибмартаба. Дар он айёми баҳорон, дар ин гӯшаи афсонавии сердолударахт, пургулугиёҳ, дар канори сангоб, ки обаш ширину нуқрасо буда, чанд гоҳе рӯз гузарондаанд. Писандашон шуда ин мавзеъ. Дигар аз ин ҷо нарафта зиндагӣ ихтиёр кардаанд. Муқимнишин шудаанд. Ба шарофати онҳо ин ҷо обод ва серодам гашта. Ҷои рафтуомад, муридону муқаррабонашон. Ва ба ҳурмати эшон, ки аз ҷигарбандони Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ будаанд, барои деҳа ном пайдо мешавад, Некон меномонанд онро, деҳаи Некон. Аҳли деҳа ҳама сайидзода, эшонҳо. Сокинони деҳа имрӯз давоми он хонадон, хонадони Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадониانд, шаҷараномаашон аз он зоти пок оғоз ёфта. Ва дар замони ҳар подшоҳе ба шаҷаранома муҳр мемондаанд. Муҳргузорӣ, тасдиқи аз авлоди Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ будани аҳли деҳа то замони ҳукумати Шуравӣ давом ёфта. Ва яке аз он ҷигарбандони Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки деҳаи Некон аз шарофаташон бунёд ёфтааст, Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф будаанд, ки мазорашон аз он рӯзҳо, аз охирҳои асри XIV монда. Мазори Ҳазрат дар саҳни зебою барҳавои масҷид, дар ҷониби офтоббаро болотар аз сангоб ҷой ёфтаанд. Дар рӯ ба рӯи мазор ду оромгоҳи дигар. Аз рӯи нақлу ривоятҳо яки он мадфани бародар ва дигаре хоқдони хоҳари Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф Асмоҳ буда. Баъд як мадфани нав - манзили абадии қиблагоҳи банда

эшони домулло Мирзо, ки ҳамдеҳагон охири моҳи июни соли 1950-ум он касро ҳамин ҷо ба хок супурдаанд ва масҷиди ҷомеъи деҳа имрӯз ба номашон гузошта шуда.

Гирдогирди мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф бо хишт девор бардошта шуда буд, бо хишти пухта. Бо гузашти солҳо ҷо-ҷои деворҳо вайрон шуда, хиштҳо афтода, шикаста, таги хок монда буданд ва мазор намуди вайронае пайдо намуда. Мардуми деҳа деворҳои валангори мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро аз нав бунёд карданӣ шуданд. Хело сол ҳамин хел орзу доштанд, дар маъракаҳо ва дар масҷид, дар ҳузури намозгузорон дар ин масъала гап мекушоданд, маслиҳат мекарданд.

Соли 1989-ум ба масҷид имомхатиби нав омад. Ӯро бо хоҳиши аҳли деҳа аз ҷониби Идораи қозиёти ҷумҳурӣ фиристода буданд. Шахси фозил, воиз, шӯҳратманд. Номи эшон ҳоҷӣ Саъдиддин. Мухлису эътиқодмандонашон зиёд, суханҳояшон ба ҳама хуш меомад. «Амри маъруфи ҳоҷӣ Саъдиддинро шунавем» гуфта аз деҳаҳои ҳамсоя, аз шаҳри Душанбе ба масҷиди деҳаи мо намозхонҳо меомаданд. Дар давраи имомхатибии ҳоҷӣ Саъдиддин масҷид obод ва серодам гашт. Дар рӯзҳои Иди шарифи рамазон ва Иди қурбон дар саҳни масҷид ҷойи холӣ намемонд, ки намоз гузоранд. Саҳни васею озодаи масҷид, кӯчаҳою боғоти деҳа пур-пури одам мешуд. Аз панду насиҳатҳои ин инсони муътабар ҳама баҳравар. Сухану амалашон мувофиқ, бетамаъ. Мисли баъзе муллою имомхатибҳо аз пайи ғун овардани молу амвол, бунёди хонаю дари боҳашамат, мошингирию пулёбӣ набуданд. Хаёлашон ба тоату ибодат, ба мутолиа. Кам меҳӯфтаанд, тоатӣ, дар забонашон зикри Аллоҳ. Ранҷ мекашиданд, чеҳраашон заъфаронӣ, лоғарандом. Дӯсташон медоштанд ҳамнишинону ҳамнафасон. Ободии масҷид, ободии деҳа буданд.

Бо саъйи ана ҳамин шахсияти нексиришт – ҳоҷӣ

Саъдиддин дар деҳа пайи азнавсозии мазори ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф афтоданд. Амали хайр шурӯъ гашт. Аз ҳар хонадон ба дараҷаи имконашон пул ғун оварданд, баъзе одамони будаманди деҳаро, ки дар шаҳри Душанбе мезистанд, ба нанг андохтанӣ шуданд. Якду нафари онҳо гӯё миён бастаанд. Гуфтаанд, ки мазорро худашон обод мекунанд. Дар ин миён нафаре аз аҳли деҳа изҳор карда, ки масъалаи аз нав бунёд кардани мазорро ба ӯҳдаи ӯ гузоранд. Дар дил ӯ орзуҳо парварида, ҳатто ба кор шурӯъ намуд. Рӯзе дидем, ки он ҳамдеҳаамон булдозер оварда деворҳои мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро мегардонад. Чанги хок ба осмон. Хиштҳои мазор, ки ҳар яке аз гузашта нишоне, ёдгорие буданд, зери чархҳои мошини пурдаҳшати афсонавӣ монда қасар-қусур мешикастанд, пора мегаштанд, гӯё булдозер хиштҳоро ба комаш фурӯ мебурд, якяк нобуд месохт. Ба ақли кас намегунҷид, ки ба ёдгориҳои аз гузашта боқимонда чунин муносибат намоянд. Ёдгориҳо барои ҳар халқу миллат азизу нишонаҳо аз гузашта, нишонаҳои аҷдодонамонанд. Агар лозим биояд, мо бояд чангу ғубори болои хиштҳои ин ёдгориҳоро бо дидагонамон бардорем. Аммо ҳамдеҳагони ман аз нофаҳмӣ чи коре карданд? Бале, медонистем, ки ин амали ба ҷо омада, саҳван сар зада, аз кутоҳандешӣ, саҳлангорӣ. Вагарна ба мисли аввалааш аз нав бунёд сохтани мазор осон набуд, хароҷоти зиёд, маблағи беҳисобе лозим. Меъморон, идораҳои масъул, олимон бояд тарҳи аз нав ба вуҷуд овардани мазорро рӯи коғаз меоварданд.

Мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф вайрон ва аз рӯи замин нопадид гашта буд. Хиштҳои сиҳатмонда ва нимшикастаро ҷо-ҷо рӯи ҳам чиданд, ҷои мазор ғарамҳои хишт ба назар меафтод. Чӣ коре шуда? Хурду калони деҳа хиҷил. Чун аз дари масҷид медаромаданд,

ба саҳни он назар меандохтанд, ҳамон чинорҳо, чинорҳои сершоху навдаи баланд-баланд, кундаҳояшон чунон ғафс, ки гирдогирдашон арғамчинҳо намерасанд. Онҳо, гӯё сар ба бағали ҳамдигар ниҳода, қад-қади ҷӯй ба кабудии осмон баланд шудаанд. Оби ҷӯй соф, нуқрасо, сангчаҳои зери он чун садафпораҳо намоён. Шилдирроси оби ҷӯй ба гӯш мерасад. Садо ба мисле ғамангез, дилгир. Оре, боз ҳамон чинорҳо, ҳамаашон ҷобаҷо. Аз ҷӯи зери чинорҳо мисли пешина об ҷорӣ. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин саҳни масҷид мисли пешина наменамояд. Бо вайрон шудани мазор ҳусни он коста гашта. Масҷид ва саҳни он ба назар холӣ. Шаҳомати пешинааш намонда.

Худованд, аз афташ, рӯҳи поки ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф дар дили банда фикре оварда, ки аз пайи ободонӣ, аз нав бунёд гаштани мазор афтам. Он солҳо директори нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви коллегияи вазорат будам. Яке аз шахсиятҳои бофазлу фазилат Бобохон Маҳмадов вазири фарҳанги ҷумҳурӣ буданд. Бо ҳамкорон меҳрубон, аз дасташон ояд некӣ мекарданд. Аз воқеаи нохуше, ки як ёдгории нодир, мазори ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро барҳам занонда буданд, ҷаноби вазирро огоҳ намудам. «Наход ҳамин хел кор карда боршанд? Наход?!» ба ташвиш афтоданд. Ҳамон бегоҳирӯзӣ ҳамроҳи чанд нафар масъулони идораи нигаҳдорӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ дар ҷумҳурӣ ба деҳаи мо омаданд, ҳодисаро пеши назар дида мутаасир гаштанд.

Бо омадани вазир Бобохон Маҳмадов кори аз нав барқарор намудани мазори ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф шуруъ гашт. Меъморон, лоиҳакашҳо, таърихнигорону архиологҳо мемомаданд. Чанд нома ба идораҳои ҳифз ва нигаҳдории ёдгориҳои таърихии назди ҳукумат, ба Шурои вазирони онвақта, ба Академияи улуму Институти таъриху арихиология навиштам, ба

собиқ сафирони кабири Ҷумҳурии Исломии Эрон Али Ашраф Муштаҳиди Шаббистарӣ, Носир Сармади Порсо муроҷиат кардам. Дар давоми чанд сол – солҳои 1990-1997 муттахассисону масъулони Муассисаи давлатии иттиҳодияи илмӣ-истеҳсолӣ оиди таъмири ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон кор карданд. Зиёдулло Ҳасанов, Рамазон Насирдинов, Музаффар Азизов, Сайидҷаъфар Раҳмонов, Павел Тимофеевич Самойлик барин масъулони ин муассиса дар он солҳои пурошӯб, ки сари ҳар қадам силоҳдорон буданд, осон набуд, ки ба масҷид омада мерафтанд. Гурӯҳи устоҳои истаравшанӣ бо сарварии Устосолеҳ ба нақшу нигори сутунҳо ва пӯшонидани айвонҳо машғул шуданд. Корҳои сохтмону бунёдгузории мазор ба анҷом расид. Дар он солҳо эшони мулло Шамсиддин ва мулло Тоҳир эмомхатибҳои масҷид буданд. Мазори ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ҳусни дигар ёфт. Акнун чун аз дарвозаи нави пурнақшунигори масҷид вориди он шавем, аз ҳама аввал чашм боз ба мазор меафтад, ки ҳусну шаҳомати масҷидро афзунтар намудаанд. Мо акнун мазори пешинаи ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро хаёлан ба хотир меорем, нақлу ривоятҳо ҳам аз он рӯзҳо дар хаёламон мондаанд.

Аз паси деворҳои саҳни масҷид, аз канори мазор роҳ, роҳи калони байни деҳаи мо ва Роҳатӣ, роҳи бисёр деҳаҳои дигар ва маҳаллаҳои дур, роҳи шаҳр, шаҳри Душанбе. Пеш, дар замонҳои подшоҳӣ, ҳама харакию аспакӣ бо ҳамин роҳ ба бозор–ба Душанбе мерафтанд, ангур, себ меваҳои боғашонро мебурданд мардум ба бозор. Шабҳо ҳам улавакиҳо бо ин роҳ мегузаштанд. Аз деҳаи Роҳатӣ куталро нишеб мешуданд ва аз сангоб, ки мегузаштанд, боз кутал, кутали деҳаи Нилкон пеш меомад. Дар сари кутал мазор, мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф, аз паси мазор ба деҳа роҳ оғоз ёфта.

Баъд кӯчаҳо, ҳавлиҳо, кулбаҳою боғу майдонҳои мардумони деҳа ва роҳ ба масҷиду дохили мазор. Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф нигаҳбони аҳли деҳа, нигаҳбони давоми ҷигарбандон, давоми фарзандонашон, асрҳо боз руҳашон онҳоро бонӣ мекунанд, аз балоҳо, аз офатҳо ҳифз менамоянд.

Дар рӯзҳои низоъҳо, ҷангҳои байниҳамдигарии тоҷикон аз ким-куҷое ба ҷониби деҳаи Нилкон аз тӯпҳо тирҳо холӣ шудаанд, тирҳо ба девор, (дар он рӯзҳо мазор аз нав бунёд мешуд), ба сутунҳои пешайвони мазор омада, ба замин – ба пешгоҳи он афтода. Лек ягонтои он ба болои деҳа, ба сари одамон ва ҷонвариёту ҷонзотҳо нағалтида, сари хасе аз кулбаҳои аҳолӣ беҷо нагашта. Мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф тирҳоро ба худ гирифта. Руҳашон фарзандон–мардумони деҳаро ҳифз намуда, болои сарашон сипар шудаанд.

Мардум бо чашмонашон дида ва шунидаанд, ки руҳи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф аз носипосӣ, беҳурматии одамон ранҷидаанд. Ранҷишашон боиси беморию ранҷурии якумрии баъзеҳо шуда. Рӯи ин гуна касон каҷ, ба паси сар чапа гашта. Шахсони пургуноҳ, нопок аз назди мазор роҳ ёфта натавонистаанд, тавбаю надомат мекардаанд, даст ба гиребонашон мешуданд.

Боре корвонакиҳо аз Хитой бармегаштаанд, чандин шабу рӯз буда, ки онҳо дар роҳ. Зану марди бисёре. Раҳ ба раҳ чи дилхушӣ, чи беадабиҳо накарда. Он рӯз аз кутали деҳаи Роҳатӣ нишеб шудани ин корвонакиҳоро одамон аз деҳаи Нилкон мушоҳида намуда. Тамошои аҷоибе. Корвонакиҳо аз улавҳошон пиёда шуда таги дарахтони олучаю зардолуҳои ғарқигулшудаи канори роҳ ғун омада суруд мехонданд, даф мезаданд, занону духтаронашонро оғӯш мекашиданд, онҳоро ба даруни боғу дарахтзорон кашола мекарданд. Аз афташ май нӯшида, ҳама маст, сархуш, аз худ бехабар. Садои ҳаёҳуй, қаҳ-

қаҳи хандаашон ба фалак. Баъзеашон рӯи роҳ афтода боз бо мадади ҳамдигарӣ аз ҷой бармехостаанд. Бо ҳамин минвол, бо гуфтае бо ҳангоҳунг сангобро гузашта, кутали мазорро баромадаанд. Аз назди мазор, аз масҷид дур нашуда ҳамаашонро дарди ҷонкоҳе гиребонгир мешавад. Улавҳошон аз роҳравӣ бозмеистанд, дигар пеш намераванд. Ҳар қадар бар сари онҳо қамчин андозанд, бефоида. Улавҳо ноҷунбон, гӯё пойҳояшон ба замин мехкӯб шуда. Аз дарди ишкам корвонакиҳо ба худ мепечиданд, наъра мекашиданд, нола доштанд. Ишкам ба қоши зин мегузоштанд, тоқат карда наметавонистанд. Корвонакиҳои беҳисоб дар кӯчаҳои деҳа аз роҳ бозмонда. Мардуми деҳа, куҳансолон, мӯйсафедон атрофи онҳо ҷамъ омада.

– Чӣ гап шуда ба мо, бародарон, чӣ илоҷ ёбем, чӣ маслиҳат медиҳед? Ёрдам расонед, як бало кунед, мемирем, – корвонакиҳо аз мардум мадад мехостанд ва хурду калон ҳама аз дард мӯи ба оташ расида барин ба худ мепечиданд, тадбир мепурсиданд, «мадад расонед, бародарон, мемурем», мегуфтанд.

Куҳансолони деҳа, онҳое, ки бо беҳурматӣ, носипосона аз назди мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф гузаштани корвонакиҳоро шоҳид гашта буданд, ба онҳо сабаби ба дарди бедаво гирифтор гаштанашонро гуфтаанд, гуфтаанд, ки руҳи эшон аз онҳо ранҷида. Корвонакиҳо, ки бародарони қалмиқҳо будаанд, амалҳои ношоистаашон ба хотирашон омада, аз роҳашон баргаштаанд, аз улавҳо пиёда шудаанд, футаҳо дар гардан, дастҳо пеши бар бо илтиҷою тазаррӯъ ба масҷид даромадаанд, назди оромгоҳи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф тавбаю тазаррӯъ карда омурзиш хостаанд.

Корвонакиҳо чанд гову гӯсфанд хун карда, дар дегҳо хӯрок пухта худоӣ кардаанд, ба номи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф хатми Қуръон фармудаанд. Сиҳат ёфта

аз мардум – аз пайвандони Ҳазрат дуо хостаанд ва як ҳамроҳашон – занеро минбаъда баҳри тозаю озода нигоҳ доштани мазор гузоштаанд. Зан ҷорӯбкаши мазору масҷид. Рӯзҳо то бегоҳ ӯ ҳамин вазифаро адо намуда, шабҳо дар кулбаҳои мардуми деҳа мехуфтааст. Баъд ӯ дар деҳа хонадор–шавҳардор шуда, то охири умр дар мазор ва масҷид хидмат карда. Аз зан фарзандон ба дунё омада, фарзандон аз модари қалмиқ, аз қалмиқзан ва насле аз ӯ ба дунё омада дар деҳа.

* * *

Аз кутали паси деворҳои масҷиди деҳа дар давоми асрҳо чӣ қадар одамони ошною ноошно қадам монда. Корвонакиҳои қалмиқҳо ҳам гузашта. Нишонаашон монда дар деҳа ва банда ҳам айёми хурдсолию ҷавонӣ хело аз ин кутал равуо доштам. Дар деҳаи Нилкон он солҳо мактаб чорсола буд. Баъд барои давоми таҳсил ба деҳаи Роҳатӣ мерафтем. Аз дигар деҳаҳо, аз ноҳияи Кофарниҳон ҳам хонандагон ба ин мактаб меомаданд. Шоир Нуъмон Розиқ аз деҳаи Симуганҷ, ки аз Роҳатӣ хело дур аст, дар ҳамин мактаб мехонд. Яке аз мактабҳои аввали замони Ҳукумати Шӯравӣ, мактаби маълуму машҳури маҳаллаҳои гирду атроф. Банда баъди хатми синфи чоруми мактаби деҳа дар мактаби деҳаи Роҳатӣ шаш сол хондам. Соли 1958-ум соҳиби маълумоти миёна гаштам. Муаллимони азизам Носиров, Ҳамроев, Ҳайдаров, Сергей Сухоян (ҳоло яке аз шоирони маълуму машҳур), Қобилова, Р.Муҳаммадиев, А.Холов, О.Азизов, Р.Муҳаммадшоев, ки аз шаҳрҳои Бухорою Самарқанд, аз шаҳру музофотҳои гуногуни ҷумҳурӣ буданд ва муаллимон Изатулло Ҳусайнӣ, Т. Солиев, С. Азизов, Н. Гулонов ва ҳамсинфонам Саидмурод Баротов, Эмом Мансуров, Абдукарим, Бобокалон, Абдуалим, Абдуррозиқ, Ҳабиба, Салоҳи бачаи Раҷаб,

Дӯстмуҳаммад, Исмоил бо меҳрубониҳояшон дар ёдам мондаанд. Баъд ҳамон сол ба факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи омӯзгории ба номи Т. Г. Шевченко, ҳоло Донишгоҳи давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дохил шудам. Роҳам боз аз даруни сангоб, аз кӯчаҳои деҳаи Роҳатӣ. Аз ҳамин ҷо мошин савор мешудем, мардум аз ҳамин ҷо ба шаҳр – ба Душанбе рафта меомаданд.

Имрӯзҳо, агар гоҳе ба масҷид дароям, мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ва мадфани падарамро зиёрат карда, баъд рӯ ба гӯристони паҳлуи мазор меорам. Ин гӯристонро дар деҳа Мазори Поён мегӯянд. Мардумони деҳаи ҳамсоя–деҳаи Оқчакманро ҳам пеш ин ҷо дафн мекардаанд. Мазори Поён дар миёни деҳа, дар канори масҷид, дар паси девори мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ҷойгир аст. Хело солҳост, ки гӯристони Мазори Поён пур шудааст. Гӯристони болои деҳа хокдони мардум шуда. Онро Мазори Боло мегӯянд. Мазори Болою Мазори Поён аз ҳам дур нестанд. Лекин усули ба хок мондани майитҳо дар ин хокдонҳо аз ҳам фарқ мекунад. Дар гӯристони Мазори Поён бо тарзи дӯконӣ ва дар гӯристони Мазори Боло бо усули шомӣ гӯр мекананд.

Аз канори гӯристон, аз паси деворҳои масҷид ва мазор рӯ-рӯи хору алафҳои хушкида қадам монда ба сари кутал меоем. Аз баландии сари кутал ба поён, ба сангоб ва боз ба роҳ, ки таг-таги дарахтони олучаю зардолу ва чормағзҳои сар ба фалак, то деҳаи Роҳатӣ расидаанд, назар меандозам. Хаёлам ба роҳ, ба дӯстонам банд гашта, ки замоне ҳамроҳашон аз он гузар мекардем.

Шоир Изатулло Ҳусайнӣ аз деҳаи Роҳатианд. Муаллим, роҳбари синфамон. Баъд дар идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон» ҳамкорам буданд. Муаллим яке аз дӯстони наздикам дар

зиндагӣ буданд. Ба хонаи мо – ба деҳаи Нилкон меомаданд. Аксаран то нимаҳои шаб бо ҳам сӯҳбат мекардем. Шеър мехонданд, аз мазмуни ҳикояҳои навам нақл мекардам. Ба гуселашон мебаромадам. Аз кӯчаҳои деҳа, аз роҳи паси деворҳои масҷид, аз назди мазор гузашта, куталро мефаромадем. Ба лаби сангоб меомадем. Ҳамин ҷо бо ҳам хайрухуш мегуфтем. Муаллим кутали деҳаи Роҳатиро боло мешуданд, банда кутали деҳаи Нилконро. Ба сари кутал, назди мазор расида, рӯ ба роҳи омадаам, ба ҷониби деҳаи Роҳатӣ меовардам. Баъзан шабҳо маҳтоб болои сангоб меомад. Ҳама ҷо равшан, шир барин. Дар равшании маҳтоб медидам, ки муаллим Изатулло Ҳусайнӣ ҳанӯз дар роҳ, ҳанӯз оҳиста-оҳиста кутал мебароянд.

5-уми ноябри соли 1989-ум хабари марги Изатулло Ҳусайниро шунидам. Шаб дар назарам тиратар гашт. Ситораҳо гӯё паси абрҳо монда, чарх мегашт гирди сарам олам. Наход инсони бароям ин қадар азизу гиромӣ аз олам гузашта, вафот карда? Ду ҳафта пеш зери капаи миёни боғашон ҳамроҳ нишаста будем. Хабари бемориашонро шунида ба ҳолпурсиашон рафта будам. Он рӯзҳо устод бемории сактаи дилро аз сар гузаронда буданд.

– Сиҳат шудам, ҳамааш гузашт, – маро бовар мекунонданд муаллим. Аммо он бегоҳирӯзӣ аз олам гузашта буданд. Онҳое, ки хабари маргашонро оварда буданд, ҳамроҳам дар паси дарвозаи ҳавлиамон меистоданд. Хаёли эшонро «ба хона дароед, марҳамат», гуфтан аз сарам рафта. Карахту беҳаракат, аз худ бехабарам карда буд хабари марги муаллим, дӯст, бародарам. Изатулло Ҳусайнии азиз дигар ба хонаи мо, деҳаи Нилкон, ба хабаргирии банда ва фарзандонам намеомаданд, дигар ҳамроҳашон кутали сари мазорро фаромада, то лаби сангоб гуселашон намекардам. Ҳамаи бо ҳам дар ин ду-

нёи равшан гаштанҳоямон бо муаллим як давре, хобу хаёле буда.

Муаллимонам Солиев Теша, Нори Гулон ва муаллимон Саидов Давлат, Мирзоҳаётбоев, дӯстони азизам Кӯкани дуобачӣ, Маҳкам, Азиз, собиқ раиси ҷамоаи Роҳатӣ Мақсадулло Кӯканов ва ҳамсинфонам Сайидмуроди резинка, Ғафур, Абдуррозиқ, Салоҳи Раҷаб, ки акнун дар қайди ҳаёт нестанд, бо ҳамин роҳ – бо роҳи сангоб ба хонаи мо – ба Нилкон омада мерафтанд.

* * *

Дар ёдам монда, дар деҳаи Роҳатӣ бо устодам нависанда Ҳабибулло Назаров аз мошин фаромадем. Аз кӯчаҳои танг-танги пурпечутоби деҳа мегузаштем. Кутали деҳаи Роҳатиро ҷониби сангоб нишеб мешудем. Дар ду тарафи роҳ ҳавлию боғҳо. Шоху навдаҳои дарахтони чормағзу олуча ва зардолуҳо болои бому деворҳо хамидаанд. Аз сангоб гузаштем, роҳи мо боз рӯ ба баландӣ, ба кутали деҳаи Нилкон. Кутал мебаромадем.

– Офарин ба ту, Кароматуллоҳ, – қомати баланду пайкари паҳлавононаи муаллим андаке ба пеш хам гашт. Ба хаёлам монда шуда буданд. Давом намуданд: – аз ҳамин ҷо ҳар рӯз шаҳр рафта меоӣ? Кор меравӣ?

– Ҳа, устод.

– Роҳи дур.

Куталро боло шудем. Дар рӯ ба рӯ мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф, деворҳои атрофи саҳни масҷид сар шуда.

– Камтар истем, – аз афташ муаллим дам гирифтан мехостанд. Рӯ ба роҳи омадаамон овардем. Дар поёни кутал сангоб. Ҳамроҳи муаллим рӯ-рӯи сангҳо сангобро гузашта будем. Шабона садои об баланд, аз сари кутал низ шав-шуви об ба гӯш меомад. Ҳамон шаб ҳам моҳи пурра болои сангоб омада буд. Боғу майдон, адиру

пуштаҳо аз шуои он равшан. Равшании дилкушо ва фараҳафзо, осмон софу беғубор. Бӯи гул, бӯи сабзаю гиёҳҳои навруста меомад. Аз шохсорони чинорҳои баланди масҷид парандагон ҳанӯз ғаҷар-ғуҷур мекарданд.

– Кай шинондани ин чинорҳоро мардум ёд дошта бошанд? – Пурсиданд муаллим.

– Не, мӯйсафедон ҳам ба хотир оварда наметавонанд, – ҷавоб додам.

– Дунё зебо, дунё афсона, кухна, – гуфтанд муаллим, нигоҳашон ба моҳу ситораҳо буд. Аз нурҳои ширгуни моҳ қаъри сангоб ҳам равшан гашта. – Дунё зебо аст, – ғарқи хаёл такрор намуданд муаллим, – вале умри одамон кирой не, бисёр кӯтоҳ, ночиз, ана ин чинорҳои қишлоқи шумо аз чандин насли одамӣ зиёдтар умр доранд. Вале одамон дар давоми ҳамин умри кӯтоҳашон бо ҳамдигар соз намегиранд, ҳамдигарро бад мебинанд, гӯё дар ин дунёи кушод бо ҳам зиста наметавонанд, намегунҷанд, хаёли марг, мурдан ба сарашон намеояд…

Мо ба роҳ даромадем.

* * *

Мегӯянд, ки масҷиди деҳа ҳам солҳое бунёд шуда, ки фарзандон – ҷигарбандҳои Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба ин макон омада будаанд. Аз ҳамон рӯзҳо дар ҳамин ҷои масҷиди ҳозира намоз мегузоштаанд. Масҷидашон шуда ин гӯшаи хушманзараи деҳа. Хурдакак буда аввал бинои масҷид. Кулбаи хасине. Бо афзудани ҳисоби намозхонҳо аз нав ва аз нав сохта ва васеъ карда мешудааст. Ибтидои солҳои 1800-ум сохтмони масҷиди имрӯза шурӯъ гашта. Масҷиде, ки ҳоло намоз мегузоранд ва дар ҷумҳурӣ аз ҷиҳати меъморӣ яке аз ёдгориҳои нодир ба ҳисоб гирифта шудааст. Устоҳои соҳибҳунар, дар замонашон номдор баҳри бунёди масҷид аз шаҳрҳои гуногун даъват шудаанд, солҳо

заҳмат кашидаанд. Аз чӯби чинорҳои азим барои долону пешайвонҳо сутун ва аз сангҳои хоро баҳри ҳар яки онҳо зерсутун тарошидаанд ва ба сангҳо гул андохтаанд. Ҳикоят мекунанд, ки ҳангоми ҷобаҷо сохтани бошаҳои болои сутунҳо устое, ки бунёди масҷид таҳти назари ӯ сурат меёфтааст, афтодааст, пояш шикастааст, лат хӯрдааст. Худо ба ӯ боз ҷони дубора ато намудааст, беш аз ду моҳ рӯи ҷой хобидааст, мардум бо навбат ӯро дар масҷид нигоҳубин кардаанд. Умуман, баҳри бунёди масҷид тамоми аҳли деҳа, хурду калон, зану мард ҷоннисор будаанд. Масҷид бо заҳмати мардумони онрӯзаи деҳа бино гашта. Таҳдевори бинои масҷид, сӯфаи баланди пешайвонҳо ҳама аз санг, сангчин шуда. Тамоми санги сангобро гӯё мардум ба масҷид кашидаанд. Пирони барҷомонда, беморон ҳам аз кори хайр, аз савоб дар канор намонем, гуфта аз сангоб як ё ду санг меовардаанд. Занҳо, арӯсони таги чодар шабҳо аз сангоб санг кашидаанд. Ҳар кадоми онҳо он рӯзҳо ҳазорҳо бор кутали деҳаро баромада фаромадаанд. Мардумони онрӯзаи деҳа ҳар яке орзуманд буда, ки заррае ҳам бошад, баҳри бунёди масҷид – хонаи Худо аз худ нақш, осоре бимонанд. Масҷиди боҳашамати деҳа ба мисли кохи ёдгорие аз онҳо монда. То рӯзҳои аз нав таъмир гаштани масҷид, аз нав андова кардани деворҳои баланди он нақши ангуштон, панҷаҳо намоён буданд. Бунёдгузорони онрӯзаи масҷид гӯё бо ин васила баҳри ояндагон – ба мо нома навиштаанд. Онҳо киҳо буданд? Хок шудаанд ҳама. Аз онҳо масҷиди боҳашамати деҳа нишона.

Таърихи бунёди масҷидро бо хатти зебои арабӣ дар сутун ва болорҳо сабт карда будаанд, бо сиёҳии баланд, ҳарфҳои гӯё. Мегӯянд, ки сармашқҳо бо қалами яке аз мардони маълуму машҳури ҳамон рӯзҳои деҳа Ҳоҷимаҳмуд тааллуқ дошта. Вале хатти зебои хаттот имрӯз нохоно шуда. Лекин мардум соҳиби хатро аз хотир набаро-

вардаанд. Андоваи як гӯшаи девори долони масҷид панҷакаш шуда. Он ҳам нақши панҷаҳои Ҳоҷимаҳмуд буда.

# ҲОҶИМАҲМУД

Аз ҷасорат, тавоноӣ ва соҳиби нангу номуси баланд будани ин марди афсонавӣ, паҳлавон ҳикоятҳо мондаанд.

Модари ӯро Моҳи Мулло мегуфтаанд. Мактабдор. Ба занону духтарони деҳа дар замони подшоҳӣ сабақ меомӯхтаанд. Занҳои синну солашон ба ҷое расидаи деҳа мегуфтанд: «забони каҷи моро Моҳи Мулло рост карданд. Ҳар чизе медонем, аз он кас ёд гирифтаем. Моҳи Мулло устодамон. Фарзандонашон, набераю абера, пушт ба пушташон устодзода, як умр мо назди онҳо қарздор, хидмат мекунем».

Ҳоҷимаҳмуд аввалин марде буда дар деҳа, ки дунёдида, оламу одамдида. Бо нияти сафари Маккаю Мадина беш аз чордаҳ сол беному нишон шуда аз хаёлу хотирҳо рафтааст. Ӯ дар ин муддат ба бисёр мамлакатҳои араб сафар карда. Ба зиёрати хонаи Каъба шарафманд гашта. Ҳоҷӣ шуда. Солҳои зиёд дар кишварҳои Русия ҳам буда ӯ. Дар шаҳрҳои Маскав, Петербург зиста. Вақте вай ба деҳа баргашта, ки ҳамдеҳагон қарибе ӯро нашинохтаанд. Ба тарзи аврупоиён либос ба бар карда, шапка мемондааст, палто мепӯшидааст. Силоҳдор, шамшеру шоф, тапонча ва милтиқ доштааст. Ҳангоми савори аспи саманди зебояш ба сафар баромадан мусаллаҳ мешудааст. Қаторвазна, шофу шамшер дар миён, камон дар китф, таппонча дар бағал. Аз кӯчаҳои деҳа ҳам ҳамин хел савора мегузаштааст. Худ ба худ бо забонҳои бахри ҳамдеҳагон номафҳум ҳарф мезадааст, аввалин шахсе, ки дар деҳа забони русиро медонистааст. Ҳама аз ӯ дар ҳазар, ҳам меҳаросидаанд аз ӯ, ҳам эҳтиром доштаанд ба вай, соҳиби дараҷаи

ҳоҷигӣ. «Ҳоҷимаҳмуд» мегуфтанд ӯро. Ба деҳа примус оварда будааст. Аҳли онрӯзаи деҳа назди Ҳоҷимаҳмуд дар ҳайрат. Гапу ҳарфи деҳа дар даҳони ӯ. Ӯ сару сарвари деҳа. Дар аҳди зиндагии Ҳоҷимаҳмуд дар деҳа эшони Судур, эшони Авлиё, мирохуру юзбошиҳо, амалдорони амиру мири Ҳисор, эшону муллоҳои забардаст мезистаанд. Лек ҳама сари итоат назди Ҳоҷимаҳмуд фуруд оварда. Аз ӯ ҳазар доштанд, Ҳоҷимаҳмуд марди ҷаҳондида, соҳиби илм, паҳлавон, батанутӯш. Аҳли деҳа аз туфайли ному шаҳомати ин марди наҷиб осуда, деҳа ором. Ба сар задани ҷанҷолу низоъҳо дар байни ҳамдеҳагон роҳ намедодааст. Аз гапаш баромада наметавонистаанд. Дуздон, одамони якраҳаю бадкирдорро ҳад мезанондааст.

Замоне дар деҳа ва дар деҳаҳои ҳамсоя аспдуздӣ сар шуда. Аспҳои бузии зӯр, аспҳои номиро мебурдаанд, мардум аз дасти аспдуздҳо ба дод омада. Ҳоҷимаҳмуд чандин шаб хоб нарафта аз пайи дастгир кардани дуздон меафтад. Ниҳоят сардори аспдуздҳоро, ки Намоз ном дошта, аз номаш ҳама дар ҳарос будаанд, дастгир мекунад ӯ. Рӯяш пури пашм, торҳои ришаш бо ҳам печида. Чашмони танг-тангаш хунбор, симои нозеб ва ваҳмоваре. Ана бо ҳамин гуна як марди бадафт, ки хело пурзӯр ҳам будааст, Ҳоҷимаҳмуд дар он шаби тираю тор танҳо ба танҳо даст ба гиребон шуда, ниҳоят ӯро мағлуб месозад ва баъд дастонашро ба пушт баста, пешандоз карда ба ҳавлии худаш меорад, вайро дар танаи сутуни пешайвонаш мебандад, пагоҳӣ вақти намози саҳар дар масҷид эълон доштааст, ки мардум, агар ҳавас дошта бошанд, ба хонаи ӯ биоянду дузди Намозро бубинанд.

* * *

Аз шаб посе гузашта, мардуми деҳа ҳама хоб. Аҳли хонаводаи Ҳоҷимаҳмуд ҳам. Ана дар ҳамон лаҳзаҳои ҳама хоб будан дарвозаи ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд бо дастаи қамчин сахт ва хело сахт кӯфта шуд. Аз ҳама аввал хидматгорҳо тарсида аз хоб бедор шуда, тарафи дарвоза давиданд. Дар паси дарвоза эшони Абдулвоҳиди чормағзакиро диданд. Ҳазрати эшон ба онҳо ошно. Яке аз меҳмонони иззатманди хонадони Ҳоҷимаҳмуд, гоҳгоҳе ба даргоҳи вай ташриф меовард. Ҳоло эшони Абдулвоҳид бетаклиф, дар бевақтии шаб омада.

– Марҳамат, ҳазрати эшон, марҳамат, биёед, хуш омаданд, – хидматгорҳои Ҳоҷимаҳмуд ҳар ду табақаи дарвозаи калонро боз намуданд.

– Ҳоҷӣ дар хона ҳастанд? – эшони Абдулвоҳид аз афташ аспро хело давонда буданд, ки он зери обу арақ шитта гашта буд ва дар ҷои исташ бетоқатона сумак мезад.

– Бале, ҳазрати эшон, хӯҷаин дар хонаанд, хобанд, марҳамат дароед, – меҳмонро ба ҳавлӣ хонданд хидматгорон.

– Зудтар Ҳоҷиро бедор кунед, гӯед, ки эшони Абдулвоҳид омадааст, кори зарур ҳаст, хезад гӯед, зуд! – эшони Абдулвоҳид дар ҳарос буд, хаёлаш парешон.

Хидматгорон аз ҷилави аспи эшон дошта рӯ ба даруни ҳавлӣ оварданд. Дар ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд аллакай аҳли хонавода бедор шуда буданд. Бо хоҳиши Ҳоҷимаҳмуд эшон аз асп пиёда шуда. Вале эшони Абдулвоҳид ба меҳмонхона надаромада, сабаби дар он ғояти шаб ташриф оварданашро баён намуд.

Эшони Абдулвоҳид хоб дида будааст, ки гови харобе пайдо шуда гови фарбеҳро хӯрда.

– Таъбири хобатон, пирам? – Ҳоҷимаҳмуд дастҳо пеши бар бо сари хам назди эшони Абдулвоҳид меистод.

– Амир бетахт шудагист.

– Шояд, – Ҳоҷимаҳмуд гӯё фикри эшони Абдулвоҳидро тасдиқ мекард.

– Худо нигаҳ дорад, Ҳоҷӣ, мамлакат кофаристон мешавад, Ҳоҷӣ, худатон медонед, аз Бухорои Шариф ҳар хел хабарҳо меоянд. Баъд мири Ҳисор ҳам бебақо мешавад.

– Мамлакат ба дасти урус мегузарад, пирам.

– То он рӯз омадан Худо амонатиашро гирад, Худованд рӯи уруса надида мурем. Шумо ҳама чия мефаҳмед, Ҳоҷӣ, шумо ҷаҳондида, медонед.

– Каму беш.

– Хобам рост аст, Ҳоҷӣ, худи ҳамин шаб ягон гап шуд, дилам гувоҳӣ медиҳад, ягон гап шуд, – эшони Абдулвоҳид гаштаву баргашта таъкид мекард, парешон ва бетоқаттар мегашт. Эшон ба Ҳоҷимаҳмуд муроҷиат кард: – то пештар равед, маълум мешавад, хабар биоред.

– Меҳмонхона дароед, пирам, монда шудед.

– Меравед?

– Чӣ мефармоед, пирам? – Ҳоҷимаҳмуд иқрор дошт, ки ба хидмат омода аст.

– Равед, балам, баргаштанатонро интизор мешавам.

– Сунатулло! – Овози Ҳоҷимаҳмуд баланд гашт.

– Лаббай, хӯҷаин, – хидматгоре пеш омад.

– Самандро аз ахтахона барор, зин зан, зуд бош!

– Хуб шудааст, хӯҷаин.

Ҳоҷимаҳмуд ба ҳавлии дарун гузашт. Занҳояш пайи ба сафар омода намудани вай шуданд. Палтояшро, ки

гоҳе онро ба ҷои чакман ба бар мекард, оварданд. Ба ҷои салла ба сар телпак монд, телпаки пӯсти баррагини сип-сиёҳ. Шамшеру қаторвазна дар миён. Дудама дар соқи мӯза, камонро ба китф овехта пой бар ӯзангу ниҳод. Савори асп аз ҳазрати эшони Абдулвоҳид – аз пираш дуо ва иҷозаи аз дарвоза бурун рафтан хост. Эшони Абдулвоҳид рӯ ба мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф, ки бо ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд девор ба девор ҷойгир аст, даст ба дуо бардошта дуру дароз руҳу арвоҳҳоро ёд овард, дар сафари роҳи дур ба Ҳоҷимаҳмуд аз даргоҳи Худованд мадад хост, омин гуфт. Баъд садои суми аспи Ҳоҷимаҳмуд дар он шаби тираю тор ба гӯш меомад. Ҳоҷимаҳмуд аз кӯчаҳои тангу пурпечутоби деҳа рӯ ба роҳи дур асп медавонд.

Шаби дигар, ҳангоме ки дар деҳаи Нилкон субҳ медамид, боз садои тақ-тақи дарвозаи ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд баланд гашт. Эшони Абдулвоҳид, ки ҳанӯз болои ҷойнамоз хаёлаш ба воқеаҳои нохуш – ба ҳодисаи бетахт шудани амири Бухоро буд ва ба даргоҳи Худованд менолид, садои суми асп, тақ-тақ зада шудани дарвозаро шунид. Аз ҷой бархост: «Ҳоҷӣ баргашт, хайрият, чӣ хабар оварда ӯ?» – Бетоқат гашта буд. Табақаҳои калон-калони дарвозаро хидматгорон кушоданд. Ҳоҷимаҳмуд савора вориди ҳавлӣ гашт. Наздики эшони Абдулвоҳид аспашро нигоҳ дошт ва пой аз ӯзангу канд.

Эшони Абдулвоҳид бесабаб хоб надида будааст, хоб бо таъбири эшон мувофиқ буда. Бухоро аз ҷониби русҳо ишғол шуда, амир рӯ ба ҳиҷрат, ба ҷониби Ҳисор оварда. Ин хабарро ба Бухоро нарасида дар Дарбанд шунида Ҳоҷимаҳмуд ва баъд ба ақиб, ба деҳа баргашта ӯ.

Ҳазрати эшони Абдулвоҳид ва Ҳоҷимаҳмуд дами дарвоза меистоданд. Ҳар ду хомӯш. Замину замон гир-

ди сари эшони Абдулвоҳид гирдгардон. Хабари нохуш ва яъсовари сарнагун гаштани ҳукумати аморати Бухороро боди субҳгоҳӣ гӯё ба дуриҳои дур – ба гӯши ҳама мерасонд. Эшони Абдулвоҳид ва Ҳоҷимаҳмуд сар боло карда наметавонистанд, афсӯс ва таассуф мехӯрданд. Онҳоро овози азони муаззин, ки аз масҷид баланд гашта буд, ба худ овард. Мавриде буд он лаҳзаҳо, ки субҳ медамид, вақти намози бомдод.

– Чӣ илоҷ? – ниҳоят эшони Абдулвоҳид пас аз таваққуфи зиёд ба сухан омад.

– Ноилоҷ ҳастем, пирам, ноилоҷ.

Ҳолатҳое ба амал меоянд, ки бандагони Худо чашмдор наянд. Муждаҳои ногаҳонӣ, ҳамин тавр аст тартиби зиндагонӣ. Баъзан бо омадани рӯзи нав хабари нохуш, гӯшношуниде мешунавӣ. Ҳамон субҳгоҳӣ мардуми деҳаи Нилкон ҳангоми намози саҳар аз забони Ҳоҷимаҳмуд ва меҳмони ӯ эшони Абдулвоҳид хабари шуми аз тахт бетахт гаштани амири Бухороро шунида буданд. Хабари барҳам зада шудани сояи Худо дар сарзамини аҷдодон.

Амир Олимхон ба мулки Ҳисор омад. Дар Ҳисори Шодмон, дар Душанбе рӯзҳои аввали аз ҳукумат маҳрум гаштанаш мегузашт. Дар деҳаи Нилкон шуниданд, ки амир Олимхон меҳмони онҳо мешуда. Дурӯғ набуда ин хабар. Чанд нафар аз сипоҳиёну муқаррабони ӯ дар ин мобайн ба деҳа омада рафтанд. Бо одамони номдор, гапрасҳои деҳа, сӯҳбат доштанд. Бо вуҷуди ин ҳам баъзеҳо ҳанӯз бовар намекарданд, ки амир Олимхон ба деҳаи онҳо меомада бошад. Дар ҳайрат буданд. Солҳои сол номи ӯро мешуниданд аҳли деҳа. Аз ному аз шаҳоматаш ҳама дар ҳарос.

Андоз ғун меоварданд, мегуфтанд, ки андоз барои

хазинаи амир. Мухолифи гуфтаҳо, талабҳои бою амалдорон ҳарфе ба забон овардан наметавонистанд. Аз номи амир пуписа мешуниданд. Канахонаю зиндонҳои Бухороро ёд меоварданд. Бо ҳукми амир одамонро сар мезаданд. Сангсор мекарданд, ба дор меовехтанд. Ҷаллодони амир зиёд буданд, зинда ба зинда аз тани одамон пӯст меканданд. Ҳама зери фармони амир Олимхон. Ҷаллод интизоре, ки баҳри қатли одамон ишорае бикунад. Амир Олимхон қасрҳо, кӯшкҳо, ҳарамхонаҳо дошта.

Аз қишлоқпораҳои онҳо ҳам духтарони паризодро пайдо намуда ба Бухоро, ба ҳарами амир Олимхон фиристода буданд. Оре, дар деҳа ҳама номи амир Олимхонро мешуниданд. Аммо ҳоло худи ӯ ба деҳаи онҳо меомада, меҳмонашон мегаштааст. Аз наздик. Дар рӯ ба рӯ амир Олимхонро мебинанд.

Албатта дар водии Ҳисор ҳазорҳо деҳаҳо мавҷуд аст. Чаро амир маҳз ба деҳаи Нилкон меомадааст? Сабабаш маълум. Сокинони деҳаи Нилконро дар Бухоро, ҳатто худи амир Олимхон ҳам медонистааст. Яки онҳо ҳамсабақи устод С.Айнӣ эшони домулло Мирзо, баъд эшони Авлиё, эшони Аълам, эшони Судур, эшони Сайидхон. Ҳама аз авлоди Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, сайидзода, эшонанд. Шаҷара доранд. Дар деҳа мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф. Амир Олимхон аз шахсияти бузургвор, аз фазилатҳои эшон огоҳ буда, медонистааст, Ҳазрат соҳибкитоб, соҳибдевон. Китобҳояшон дар ҷое нигоҳ дошта шуда, ки хокдон ёфтаанд, соҳибкаромот будаанд, як валии вақт. Амир ният карда, ки мазорашонро зиёрат мекунад. Ва ана бо ҳамин мақсад, бо мақсади зиёрати мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф меомада.

Баҳри пешвоз гирифтани амир Олимхон дар деҳа тайёрӣ медиданд, ҳама интизори меҳмони олиқадр, хурду калон дар ташвишу таҳлука. Ҳоҷимаҳмуд мисли соҳибхона буда дар деҳа. Бо маслиҳати ӯ баҳри истиқболи меҳмон омода мегаштанд. Бо фармони ӯ аз тамоми хонаҳои аҳли деҳа лаълиҳои зебои биринҷӣ ва нуқрагин ҷамъ оварда шуда. Барои иваз ва гум нашудани онҳо худи Ҳоҷимаҳмуд бо хати зебояш паси ҳар лаълӣ ному насаби соҳиби онро сабт менамуд. Чанде аз он лаълиҳо мисли шоҳиди он рӯзи ба деҳаи мо ташриф овардани амир Олимхон ҳанӯз дар баъзе хонаҳо мавҷуданд. Лаълиҳои аз он рӯз монда шоҳиди дар ин олам будани охирин подшоҳи сулолаи манғитиҳо амир Олимхон. Шоҳиди зинда будани соҳиби хати паси онҳо Ҳоҷимаҳмуд. Шоҳиди зиндагии ҳамдеҳагони онрӯзаи мо. Дар хонаи мо низ аз он лаълиҳо нишонае мавҷуд монда. Лаълии зарди зебои биринҷие. Паси он бо хати зебои Ҳоҷимаҳмуд номи падарам – эшони домулло Мирзо навишта шуда.

Амир Олимхон бо аҳли рикобаш ба деҳаи Нилкон омадааст. Савори аспи сафед буда амир. Аспи сафеди зебое. Узангуҳо тиллоӣ, зин, аилу пуштанг, ҷул ва гиргиҳоро ҳазор нақшу нигор, зардузӣ. Мардум он хел аспи фарбеҳи калони хушнамудро гӯё ҳаргиз надида будаанд. Масҷиди деҳа мисли рӯзҳои мо чунин дарвозаи дутабақаи боҳашамат надошта, ки он соли гузашта – соли 2003 бо ҳидояти Сафири Кабири Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷаноби Оқои Носир Сармади Порсо бо маблағи зиёде сохта шудааст. Панҷараи чӯбине буда пеш ҷои дарвоза. Он баланд набуда. Одамон аз болояш гузашта вориди масҷид мешуданд ё аз он берун мерафтанд. Дар ёдам монда, ки он панҷараи чӯбинро

чӯббандии масҷид ҳам мегуфтанд. Беруни чӯббандӣ, кӯчаю паскӯча, роҳу роҳравҳои деҳа пур-пури одам, аробаю маркаб, улавҳои аҳли рикоби амир. Ёд надоштаанд мардум, ки онрӯза барин деҳаи мо ягон вақте ин қадар сермеҳмону серодам шуда. Воқеаи муҳимми таърихӣ рӯй дода. Амир Олимхон меҳмонашон. Хурду калон, пиру ҷавон, зану мард дар ташвишу дар таҳлука. Ҳама меҳмондор. Ҳоҷимаҳмуд – пешвои аҳли деҳа. Ӯ меҳмонгузор, хидматфармо, дар бар ҷомаи шоҳии абр, дар сар саллаи пешоварии хело зебо басташуда, марди тануманде қоматбаланд, қавипайкар. Рӯи сабзаю себаргаҳои тару тоза, зери чинорҳои баланди чандинасра меҳмонҳо ҷой ёфта. Манзараи дилнишину дилкушое. Дар рӯ ба рӯ мақбара – мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф. Хиштҳои деворҳо чун оташпораҳо супсурх. Онҳо аз асрҳои гузашта, аз қисмати хушу нохуши мардумон гӯё ҳикоят мегӯянд, қисса мекунанд. Ҳар хишт шоҳиди он рӯз, шоҳиди меҳмонии амир Олимхон, аҳли рикоби беҳисоби ӯ. Хиштҳо ҳоло ҳикоятгӯи он рӯзи тирамоҳи соли 1921-ум. Амир Олимхон рӯ ба рӯи мақбара истода, бо ҳамроҳон даст ба дуо кушода.

Лек мардум то имрӯз як амали номуносиберо, ки он рӯз ба ақидаи онҳо аз ҷониби амири мамлакат зуҳур гашта будааст, аз хотир намебароранд, дар он айём мавриди гап, норизоии бисёриҳо гашта.

Амир Олимхон ба чӯббандии масҷид расида, пиёда нашуда, ба сағрии асп қамчин меандозад, асп аз болои чӯббандӣ меҷаҳад, амир вориди саҳни масҷид мешавад. Аз ҷӯйбори саҳни масҷид савора мегузарад, назди мазор, рӯ ба рӯи мақбараи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф пой аз ӯзангу меканад, қамчини пурнақшунигори тиллокорӣ дар даст аз асп пиёда мешавад. Ин амали амир

нисбат ба рӯҳи бузургвор беҳурматӣ ҳисоб меёфт. Дар дилҳо аз ӯ сардӣ омада.

Мегӯянд, ки аз ҷониби амир Олимхон нисбати руҳи поки Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифи авлиё беҳурматӣ, беодобӣ зуҳур шуда. Устод Садриддин Айнӣ дар романи машҳурашон «Дохунда» овардаанд, ки Саъдулло кӯкнории роҳатичиро дар болои деҳаи Мавлоно дастаи босмачиёни Иброҳимбек буз кашидаанд. Ҷасадашро Абдурашидбӣ аз майдон бурун оварда соҳиби зани ӯ гашта. Дар ҳақиқат чунин воқеаи мудҳиш ба амал омада будааст. Ин ҳодиса ба сафари амир ба деҳаи Нилкон алоқаманд буда.

Ҳамон рӯзи ба деҳаи Нилкон омадани амир Олимхон Саъдулло кукнорӣ ҳам аспакӣ вориди масҷид гаштани амирро дидааст. Хомӯш наистодааст, дар ҳаққи ӯ суханҳои носазо ба забон овардааст. Гуфтааст, ки амир Олимхон ба номи шоҳаншоҳӣ иснод овардааст, шариати исломро хор кардааст. Ӯ арвоҳзада шуда. Хабарчинҳои амир шунидаанд, аз хотир набаровардаанд, баъдтар тавассути Иброҳимбек дар ҳаққаш ҷазо раво дидаанд.

Аз тақдири минбаъдаи завҷаи Саъдулло кукнорӣ, ки Абдурашидбӣ дар бузкашӣ соҳиби вай гашта буд, огоҳӣ ёфтам. Дар Кӯктош – ҳозира шаҳраки Сомониёни ноҳияи Рӯдакӣ мезистааст. Мегуфтанд, ки духтаре аз ӯ монда.

Баъди сафари бебозгашти амир Олимхон ба Афғонистон зиндагии аҳли деҳаи мо, ба мисли кулли собиқ қаламрави ӯ ноором, ноосуда, пурфоҷиа шуда.

Дар деҳа хабари урусомад паҳн шуда, хабарҳои нохуш, ваҳмовар. Одамоне пайдо шуда, ки деҳа ба деҳа гашта, «Во дино! Во шариато!!!» гӯён фиғон меандох-

таанд, фарёд мезадаанд. Мегуфтаанд, ки урусҳо дину шариатро барҳам зада, фарзандони мусулмонро, аз тифли гаҳвора то пирони барҷомонда, мекуштаанд, аз синаҳои занҳо сим мегузарондаанд, чашму даҳони одамонро медӯхтаанд. Ва урусҳо аҷоиб махлуқе буда, шох доштаанд, чашми баъзеашон дар пешона. Мардум аз онҳо мегурехтаанд. Русҳо ба деҳаҳо даромада ҷинси одамиро намеёфтаанд. Деҳаҳо холӣ, мардум молу амволашонро гузошта ҷонашонро гирифта мегурехтаанд. Душанберо гирифта будаанд. Аҳли деҳаи Нилкон ҳам омад-омади урусҳоро аз забони одамони иғвомеандохта шунида рӯ ба гурез овардаанд. Ҳама ба ҷониби кухҳои Мағмуруду Қандӣ рафтаанд. Бемориони рӯи ҷойро ҳам бардошта ба кухҳ мебаромадаанд. Бесарусомонӣ, парешонӣ ва рӯзи қиёмате. Дод аз дасти урус мегуфтаанд.

Мутаассифона, ҳамин хел ҳолат, гурезогурез дар рӯзҳои мо, дар солҳои баъди навадуми асри XX аз нав дар деҳа такрор ёфт. Боз мардуми деҳа – хурду калон, пиру ҷавон аз деҳа рӯ ба гурез оварда буданд, боз дар кухҳои Мағмуруду Қандӣ панаҳ мебурданд. Аммо ин дафъа мисли падару бобоёнашон аз ҳароси омад-омади русҳо намегурехтанд. Ин дафъа онҳоро ҳамзабонони худашон таъқиб мекарданд, тоҷик аз тарси тоҷик – ҳамзабонаш мегурехт. Дар давоми солҳои ҳамроҳи русҳо будан тоҷикон бо онҳо дӯст, бародар гашта. Дар рӯзҳои сахт, дар рӯзҳои ҷанги бародаркушӣ тоҷикон ба кишварҳои рус мерафтанд, русҳо ба онҳо мададгор, русҳо ба тоҷикон паноҳгоҳ медоданд.

Замоне дар деҳаи Нилкон танҳо як нафар забони русиро медонист, ҳамон Ҳоҷимаҳмуди номдор, дунёдида. Ӯ дар вақташ ба чанд нафар амалдорони замони

подшоҳӣ ба ақидаи худаш боз амал-унвонҳо дода буд. Мирохурро «Х..й Мирохур», тӯқсаборо «П..да Тӯқсабо» мегуфт. Соҳибони унвони мирохур ва тӯқсабо аз унвони нави ба онҳо додаи Ҳоҷимаҳмуд бениҳоят шод мегаштанд, «Ҳоҷӣ ба мо чунин амалҳо додаанд» гӯён ифтихор мекарданд. Дар деҳа мазмуни ин калимаҳои носазоро танҳо худи Ҳоҷимаҳмуд медонист. Замоне мардуми деҳа аз маънии ин калимаҳо бохабар гаштанд, ки на мирохур монда буду на туқсабо.

Ҳоҷимаҳмуд ва падарам эшони домулло Мирзо хешовандони наздик – холабача буданд. Қиблагоҳи падарамро эшони Амирҳайдар мегуфтаанд. Заминдор, гову моли зиёде доштаанд. Серфарзанд. Мехостаанд, ки ҳамаи фарзандонашон аҳли меҳнат бошанд, гову гӯсфандонро бонӣ кунанд, ба киштукор, ба боғдорӣ, ба заминдорӣ машғул шаванд. Аммо дар дили падари банда Худованд аз хурдӣ меҳри хонданро ҷой кунонда. Аввал дар деҳа, дар мактаби Моҳи Мулло хондаанд. Баъд баҳри таҳсил ба Файзобод ва Ҳисор рафтаанд, зеҳни тез доштаанд, назди кадом муллое, ки мехонданд, сабақ мегирифтанд, устод аз эшон розӣ, дӯсташон медоштаанд.

«... вақти тӯлгирӣ аст, бачаҳо, ҳушёр бошед, эҳтиёт шавед, барраҳо талаф наёбанд... ана бинед, баҳор омада, мо кай ба кишт сар мекунем?.. гандум ба дарав омада, нони даҳонамон аст гандум... ангур дар боғ ночинда монд, айни майиззанӣ, ширинӣ мепазед, ширинӣ. Ширинӣ мазаи даҳон, дар хунукӣ дорӯ... дар зимистон гову молҳо бенигоҳубин намонанд». – Аз рӯи гуфтаҳои падар дар хонадон ягон лаҳза вақти бекорӣ намеёфтанд. Падар сарвари хонадон, сарвари молу ҳол, сарвари ҳама. Ҳамеша кор мефармуданду кор мегуфтанд.

Гоҳе падарам ҷуръат пайдо карда аз қиблагоҳашон мепурсиданд:

– Вақти хондан кай мешавад?

– Хонда кӣ шудан мехоҳӣ, бачам? Мулло? Замин одама мехӯронад, бачам, замин, аз замин ҳама чӣ меёбӣ, аз замин. Муллои бечора чӣ дорад? Ба насиҳати худам гӯш кун, хор намешавӣ, соҳиби ҳама чӣ мешавӣ. – Падар аз рӯи андешаҳои худ зиндагӣ мекарданд.

Дар сари ҷуфт, алафу гандумдаравӣ, ангурчинию чигинакашӣ ҳам дар бағали падарам китоб, лаҳзае фурсат, ки пайдо мешуд, чашм ба китоб медӯхтанд. Гоҳе ҳангоми ба кор рафтан ҳамаи китобҳояшонро бо худ мегирифтанд, ба бағалашон як-ду нон меандохтанд. Ба мисле сафаракӣ, ба кучоое равона буданд, ки як даст дар муштаи миспору чашм ба роҳ, ба дуриҳо, бо ҳамин ҳол ҷуфт меронданд.

Рӯзе падарам аз сари ҷуфт ба хона барнагаштаанд. Говҳоро пешандози хидматгорҳо кардаанду дигар чизе нагуфтаанд.

Шаб, шаби дигар ва баъд боз рӯзҳо омадаю дигар аз он кас хабаре нашунида. Дар хона модарашон, аҳли хонадон, бародару хоҳарон алахон. Ва баъзан модарро фарзандон тасаллӣ медодаанд. Шояд бародарашон куҷое ба хондан рафтаанд. Зеро ягон китобашон дар хона намонда буд, вале куҷо ба хондан рафтаанд? Ба Ҳисор ё боз ба Файзобод? Падар дар ҷустуҷӯи фарзанд афтода. Ба ҳамаи манзилу маконҳое, ки гумон доштаанд, рафтаанд, пурсуҷӯ кардаанд. Вале аз он кас нишону хабаре наёфтаанд. Бобоям акнун фарзандашонро на баҳри он меҷустанд, ки ба дарави ғалла ба сари хирман бибаранд. Пазмон, дар орзуи дидор шуда буданд. Дар фироқашон мегиристанд. Шабҳо ҳам дар хаёли фар-

занди толибилмашон, дилашон гум мезада барои он кас. «Бовар кунед, бачам Мирзоҷонро аз ҳамаи фарзандонам зиёдтар дӯст медорам, ба Худо вай алоҳида аст, бафаҳм, боақл аст», рӯзе бо дидаи ашкбор назди зану фарзандон иқрор гаштаанд бобоям.

Дар куҷо будани падарамро дар деҳа танҳо як кас – эшони Ӯзбакхоҷа, холабачаи бобоям медонистаанд, сир пинҳон медоштаанд. Лекин дидаанд, ки рӯз аз рӯз ҳоли писархолаашон дар фироқи фарзанд бад гашта, ҳатто ба беморӣ зада, дигар аз ҳавлӣ ба берун намебаромадагӣ, ҳатто ба масҷид ҳам намерафтагӣ шудаанд, ноилоҷ мондаанд. Эшони Ӯзбакхоҷа ба ҳавлии холабачаашон меоянд. Мебинанд, ки он кас дар ҳақиқат бемор, сар аз болин бардошта наметавонанд, аз эшони Амирҳайдар мепурсанд:

– Мехоҳӣ ҷои писаратро гӯям?

– Баростӣ ту медонӣ, ки ӯ дар куҷо аст?

– Ҳа.

– Намебинӣ, ки ба чӣ ҳол афтодаам? Намегӯӣ, тамошобин шудаӣ, гиряю нола, ғиреви аҳли хонаро намешунавӣ? Раҳм надорӣ?

– Чаро вайро хондан намемонӣ?

– Гап зан, Ӯзбакхоҷа, Мирзо куҷост? Сиҳату саломат аст, бачам?

– Натарс, Амирҳайдар, Мирзо сиҳату саломат.

– Дар куҷо аст? Дар куҷо?

– Шарт дорам, ба шартам розӣ шавӣ, мегӯям, худи ҳозир мегӯям. – Мирзо ҳамин хел шарт мондааст. – Агар розӣ нашавӣ ба шартам, вайро дигар намебинӣ, аз дидораш маҳрум мешавӣ.

– Чӣ хел шарт? Аввал ҷои вайро ба ман гӯй, ғам нате, дилам мекафад, бовар кун, шабҳо хоб нестам, мода-

раш ҳам ба ғам задааст, ҷояшро гӯй, ба Худо севанчӣ медиҳам, асп медиҳам, як аспи бо зину афзол медиҳам.

– Ба ман ҳеҷ чизат лозим нест, Амирҳайдар, мон вай хонад, аз зоти худамон як аҳли илми зӯр мерӯяд, вай худодод аст, ҳама мегӯянд.

– Ба Худо, ки монеъ намешавам. Хона биояд, хонад, ба устодаш пулу мол медиҳам, мадад мерасонам.

– Вай рафтанӣ аст.

– Куҷо?

– Бухоро.

– Бухоро?!

– Мегузорӣ?

– Ӯзбакхоҷа, Бухоро дур, ман вайро дӯст медорам. Боз модараш касал, наход раҳм надорад. Ту ҳам вайро насиҳат кун, бегона нестӣ, худиӣ.

– Гуфтам-ку ту ҳеҷ вақт ба хондани вай розӣ намешавӣ. Медонистам, Мирзо ҳам медонад. Ба ту боғу роғ, гову мол, дороиат азиз, ҷамъ кун, пагоҳ ҳамаи онҳо ба гӯрат медароянд, дар охират дастгират мешаванд… – Эшони Ӯзбакхоҷа дигар ба писархолааш ҳарфе назада аз ҳавлӣ берун меравад. Эшони Амирҳайдар ва модари падарамро тобу тавон намемонад. Онҳо дар куҷо будани фарзандашонро донистан мехостанд, ба дидорашон пазмон шуда будаанд. Дар куҷо будани он кас танҳо ба эшони Ӯзбакхоҷа маълум. Аммо ӯ намегуфт. Ноилоҷ монда эшони Мирҳайдар. Ба шартҳои писархолаашон розӣ шуда, қасам хӯрдаанд, ки ба таҳсили фарзандашон монеъ намешаванд.

Аз рӯи гуфтаҳои эшони Ӯзбакхоҷа бобоям адиру теппаҳои баланди дараи Ойтуғдиро гузашта ба деҳаи Лойоб мераванд, қарибии нимрӯз ба лаби чашмаи канори деҳа мерасанд. Ҳамин ҷо аз асп фаромада онро ба

паси сангҳои хонамонанд мекашанд ва худашон ҳам панаҳ мешаванд. Чашм ба роҳ, ба чашма. Ниҳоят, аз рӯи гуфтаи эшони Ӯзбакхоҷа, писарашон намоён мешаванд. Аз чашма ба кӯзаҳо об мегиранд. Дигар барои падар ҷои истиҳола ва сабру таҳаммул намонда буд. Мавриде, ки сари писарашон хам ба кӯзаҳо об мегирифтанд, наздашон ҳозир мешаванд.

– Мирзо? – овози падар баланд мегардад.

– Бова[1] ?!

– Барои ту мемирам, бачам, ҷони ширинам, – падар фарзандашонро ба оғӯш мегиранд, сару рӯяшонро мебӯянду мебӯсанд, – туро ёд кардам, бачам, – мегирянд.

Падар дар назди домулло Абдуманнони ҳамдеҳаашон, ки дар масҷиди деҳаи Лойоб вазифаи эмомиро ба ҷо меоварданд, мехондаанд ва ҳар рӯз айни нимрӯз ба лаби чашма омада баҳри устод дар кӯзаҳо об мебурдаанд.

Бобоям Амирҳайдар бо дидагони ашкбор назди фарзандашон ваъда додаанд, ки ба ӯ мадад мерасонанд, илм омӯзад, ба Бухоро баҳри хондан равад. Масъалаи Бухоро ба хондан рафтани падарам дар лаби чашма ҳал шуда буд. Падар ба хондани он кас розӣ. Писар худро ба оғӯши падар фиканда. Падару писар дар лаби чашма аз хурсандӣ ашк мерехтанд. Ашки шодӣ.

Рӯзи дигар модар ва падарашон, хоҳару бародарон, эшони Ӯзбакхоҷа, ҷумлаи хешовандон... падарам эшони Мирзои ҷавонро ба хондан ба Бухоро гуселондаанд. Падарам халтаи кулчаю кумочҳои пухтаи модар дар пушт аз канори боғҳои ангур, аз зери дарахтон, ки дар

---

[1] Бова – падар.

он айёми баҳор ҳама ғарқи гул гашта буданд, мегузаштанд. Дар халта нон, дар бағал китоб, рӯ ба роҳи Бухорои Шариф оварда буданд, аз шодӣ гӯё парвоз доштанд.

– Мирзоҷон, дидорҳо ба қиёмат... – гуфт модари бемор ба фарзанд.

Аламовар буданд он лаҳзаҳо. Пас аз ҳафт сол, вақте ки заминларзаи Қаратоғ ба амал омада, мулки Ҳисор хароб гашт, одамони зиёде фавтиданд, эшони Мирзо ба деҳа, ба Нилкон баргаштанд. Дидори модар дар ҳақиқат ба қиёмат монда. Он кас аз олам гузашта. Падар – эшони Амирҳайдар пир шуда.

Аммо эшони Мирзо пас аз дидорбинӣ бо падар, хоҳару бародарон боз ба хондан, ба Бухоро баргаштанд. Ин дафъа ҳангоми гуселашон падари пир фарзандро оғӯш гирифта ашк рехтанд ва суханони модарро такрор намуданд. «Хайр, бачам, агар набинам, дидорҳо ба қиёмат» гуфтанд. Писар ғамгин гашта буданд, медонистанд, ки падар офтоби сари кӯҳ шуда. Лек рӯ ба роҳи махзани илм – ба Бухоро мерафтанд.

Ин дафъа қариб бист соли умри азизи эшони домулло Мирзо боз аз пайи илмомӯзӣ, дар Бухоро гузашт. Ба гуфтаи худашон илмро хатм намуда, чанде дар мадрасаҳои Бухоро дарс гуфтаанд.

Падарам дар вақташ бо чанд китобе дар бағал ба Бухоро рафта буданд, пас аз 27 сол аз Бухоро дар бағал бо муҳри мударрисӣ ва дар чанд уштур бори китоб ба зодгоҳашон – ба Нилкон баргаштаанд. Ҳангоми баргаштани падарам ба Ватан дӯстонашон, уламои Бухоро мегуфтанд: «эшони домулло Мирзо илмро ба Ҳисор мебаранд».

* * *

Синни падарам аз 40 гузашта буд. Холабачаашон эшони Ҳоҷимаҳмуд аз он кас калонсолтар. Дар рӯзҳои зиндагии онҳо рӯзгори мардум нооролм, ноосуда гашта. Замони гурезогурези мардум, аз тахт бетахт гаштани амир, замони урусомад, замони босмачигарӣ.

Аз чӣ сабаб буд, ки дар рӯзҳои ташкил ёфтани Ҳукумати Шӯравӣ деҳаи Нилкон нисбати деҳаҳои дигар нооромтар гашт. Аз ҳама бештар гурӯҳҳои гуногун, ба ном озодихоҳ, зидди ҳукумат ба деҳа омада мерафтанд. Намояндагони дастаҳои босмачиёни Иброҳимбек ҳам меомаданду ҷонибдорон, силоҳбадастони Раҳмондодхоҳ ҳам. Дар дастаи Раҳмондодхоҳ асосан тоҷикон муттаҳид гашта буданд. Аъзоёни яке аз дастаҳои хело бераҳм, ки сарварашон бо номи Носирхитой машҳур буд, қарибе рӯз дар миён ба Нилкон омада мерафтанд. Баъзан рӯзҳою шабҳо кӯчаҳои деҳа пур аз силоҳдорони ӯ – пур аз босмачиён. Аз онҳо ҳама дар ҳарос ва одамоне ҳам буданд дар деҳа, ки онҳоро «бачаҳои худамон» гуфта беҳ-беҳ мекардаанд ва ин «бачаҳои худашон» ба сари ҳама рӯзҳои сиёҳ оварданд. Носирхитой дар деҳа шиносу ошноҳо дошт. Маҳз тавассути ҳамин одамони наздикашон босмачиёни дастаи Носирхитой ба деҳа роҳ ёфта буданд. Шиносҳояшон онҳоро ба хонаҳояшон, пеши зану фарзандон мехонданд, илтиҷо мекарданд, ки фалону бисмадон ҳамдеҳашонро бикушанд. Ҳамин ҳол дар рӯзҳои мо, дар рӯзҳои ҷанги беақлонаи байни тоҷикон, боз рух дода буд.

Дар замони Ҳоҷимаҳмуд душманони номардаш аз пайи нобуд кардани ӯ афтода буданд. Бо дасти Носирхитою аъзоёни дастаи ӯ Ҳоҷимаҳмудро кушондан мехостанд. Бо ҳамин мақсад назди босмачиён тор метаниданд, роҳу воситаҳои нобуд сохтани Ҳоҷимаҳмудро меҷустанд.

* * *

Бобои модариам эшони Ҳалим дар шаҳри Душанбе мезистаанд. Ҳамроҳи Ҳоҷӣ Яъқуббой, ки масҷиди калонтарини ҷомеи шаҳри Душанбе аз он кас мондааст, дар шаҳр дӯконҳо, дар мавзеъҳои бозори Баракат ва дар ҷои ҳозираи чойхонаи Роҳат боғу майдонҳо доштанд. Чун хабари омад-омади аскарони Ҳукумати Шӯравӣ, русҳоро мешунаванд, ҷоҳу манзилҳояшонро гузошта, рӯ ба муҳоҷират меоранд.

Ҳоҷӣ Яъқуббой ба Афғонистон мусофират намуда, дигар ба сари мулку манзилҳояш барнамегардад, эшони Ҳалим ба зодгоҳашон, ба деҳаи Нилкон кӯч мебанданд. Ва шабу рӯз аз даргоҳи Худованд мурод металабанд, ки рӯи аҳли куфрро набинанд. Дар ҳамон рӯзҳои нооpом, дар рӯзҳои «урусомад» аз олам мегузаранд. Аз эшони Ҳалим се духтар, якеаш Маҳкамбибӣ – модари банда, Муслима, Сайидпошо ва аз завҷаи душанбегиашон, духтари Одинабойи душанбегӣ, ки зани бисёр зебо буданд, ду писар – Эшону Азимхон монда. Баъдтар соли 1941-ум Эшону Азимхон ба ҷанг меравранд ва аз онҳо ба номи модари сиёҳбахт хатти сиёҳ меояд. Азимхон зани дар фотиҳа доштааст, аз Эшон як духтар Бибиқанд ва як писар Ҳамроҳхон монда. Ҳамроҳхон соҳиби фарзандон яки онҳо Исохон – полковники вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ.

Баъди фавти эшони Ҳалим нигоҳубини фарзандон ва завҷаашон бонуи душанбегӣ ба ӯҳдаи Ҳоҷимаҳмуд афтода буд. Ҳоҷимаҳмуд сарбон, ворисдараки онҳо буд. Душманони Ҳоҷӣ зани душанбегии эшони Ҳалимро назди Носирхитой васф кардаанд. Сайибаи зебо, баҳусн гуфтаанд. Саъй кардаанд, ки ҳушу хаёли Носирхитойро моили ӯ гардонанд. Ҳатто вайро ба ӯ нишон додаанд.

Носирхитой шайдои ҳусну ҷамоли зани раҳматии эшони Ҳалим мешавад. Мавриде омада, ки душманони Ҳоҷимаҳмуд ба мақсади нопокашон бирасанд. Қарибе шер дар ҷелашон дармонда, ботинан аз ин роҳи ёфтаашон шодмон буданд.

– Ҳамин шаб иҷоб мекунем, аз ҳамин шаб дер намемонем. – Носирхитой баъди ҳамон рӯзи дидани зани эшони Ҳалим ҳар чи зудтар ба висоли ӯ расидан мехост.

– Як мамониат ҳаст, ҳазрати қумандон, мамониати сахт. Ин ҷонибаш ба худатон ҳавола. Худатон ҳал кунед, аз дасти мо намеояд, – барои душманони Ҳоҷимаҳмуд гӯё акнун ҷои арзи ҳолу гапу ҳарф омада буд.

– Чӣ мушкилӣ будааст? Ё дар ҳамин Нилкон одаме ёфт мешавад, ки пеши роҳи маро гирифта тавонад. Намедонанд? Наметарсанд эшонҳо? Ҷонашон чандто? Мо ҳарчи хоҳем, мекунем! – Димоғи Носирхитой сӯхта буд, оташин гашт.

– Ҳамин хел одам ҳаст, вайро медонед, – ду марди номард, сари дастурхони хеш бозори қатли Ҳоҷимаҳмудро тез мекарданд. Он ду нафар яке дузд буд, ки солҳои сол молу амволи аҳли деҳаро ба ғорат мебурд, касе ҳад надошт, ки дар деҳа вайро дузд бигӯяд, ё ба рӯяш назар андозад, роҳат дошт, чи хеле гӯянд, худаш шоҳу табъаш вазир. Агар мехост гову гӯсфандони ҳамсояҳоро ҳай карда ба ҳавлиаш медаровард ва баъд канӣ касе, ки моли мо ҳамин ҷо бошад гуфта дари ҳавлӣ ё дари оғили вайро кушояд. На, ин хел мард дар деҳа нарӯида буд, тамоми мардуми Нилкон дар ғайбаш гап мезаданд, аз ҷабру ҷафои ӯ менолиданд, ба қадаш садҳо дангал мебуриданд, дашном медоданд, мегуфтанд, ки радди маърака карда шавад, лекин чун ӯро ме-

диданд, ба таърифу тавсифаш медаромадаанд, дуқату секат шуда наздаш таъзим мекарданд. Оре, он дузд ҳамин хел давру давроне дошт, дузде, ки соҳиби молро баста. Аммо бо пайдо шудани Ҳоҷимаҳмуд дар деҳа, айшаш талх шуд.

Ҳоҷимаҳмуд ӯро вақти гови ҳамсояро дуздидан дастгир кард, назди аҳли деҳа шармсораш намуд, тавба дод.

Вай ба Ҳоҷимаҳмуд аз ҳамон рӯз ғузнадор аст. Ҳоло ҷояш омада, Худо хоҳад, тавассути Носирхитойи бизан ва йигитҳои ӯ аз Ҳоҷимаҳмуд ниқор меситонад, вайро мекушонад, дилаш боғ-боғ кушода мегардад.

Марди дувумӣ як ҳамсояи деворбадевораш, ӯ бо Ҳоҷимаҳмуд ким – кайҳо боз носоз, чашми дидан надорад, лек дар муқобили вай ноилоҷ, оҷиз.

– Кӣ будааст вай? Забон нахоед, номашро гӯед. – Тоқати Носирхитой намонда буд.

– Ҳоҷимаҳмуд, – аз ҳарос овози дузд пасттар гашт.

– Ҳоҷимаҳмуд?

– Ҳа.

– Ҳозир ҷеғ занед, гӯед наздам биояд, ё ҳамроҳатон йигитҳоро фиристам?

– Ин тавр накунед, вайро хонаи ман наоред, шумо мераведу ман ба бало мемонам. Хонаамонро месӯзад, ҳамаамонро мекушад, метавонад, – ба ҳарос афтид ҳамсояаш.

– Ҳамин қадар аз вай метарсед?

– Ҷоҳил аст, ваҳшӣ, камон дорад, мепаронад.

– Воҳима накунед, вай маро мешиносад, баъд Ҳоҷимаҳмуд ба ин зан чӣ муносибат дорад?

– Эшони Ҳалим хешаш, ин занак янгааш, гапу ҳарфи вай дар даҳони Ҳоҷимаҳмуд.

Носирхитой лаҳзае хомӯш монд. Ба хаёли душманони Ҳоҷимаҳмуд, ки ӯ ҳам номи вайро шунида ба андеша афтода. Аз обрӯ, эътибори Ҳоҷимаҳмуд дар миёни мардум ва аз зӯрию тавоноии ин марди нексиришт Носирхитой огоҳ аст. Дузди Намозро маҳз Ҳоҷимаҳмуд дошт, чи хеле мегӯянд, адабашро дод, ба тавбааш расонд. Ҳоҷимаҳмудро Иброҳимбеку Раҳмондодхоҳ ҳам мешиносанд.

– Ба фикр ғалтидед, ака? Ба хаёли мо шумо илоҷи вайро меёбед, бачаҳоятон бисёранд, ба Худо аз шумо дар деҳаи мо ҳама меҳаросад, – ҳамсояи Ҳоҷимаҳмуд маккорона ба оташи ғазаби Носирхитой равған пошидан мехост. – Вай, Ҳоҷимаҳмуд, дар ҳаққи шумо ҳам дар маъракаҳо announce нописандона ҳар хел гапҳо мегӯяд, мо, ака, худамон шунидем, вай ҳеҷ касро писанд намекунад.

– Худам бо Ҳоҷимаҳмуд гапзанон мекунам. Хоҳад нахоҳад, ин занака мегирам, вай азони худам, моли худам мешавад, вайро агар Ҳоҷимаҳмуд гӯянд, мана Носирхитой мегӯянд. – Камонашро Носирхитой аз сари мех гирифта ба китф овехт, аз назди ҳозирон берун шуд.

– Худатон танҳо меравед? Бачаҳо (силоҳдорони зердасташро дар назар доштанд) қатӣ намеравед? – Яке пурсид аз Носирхитой.

– Танҳо ба танҳо бо вай гап мезанам, мард бо мард, мебинем. – Носирхитойро ҳамроҳонаш ва душманони Ҳоҷимаҳмуд то дами дарвоза гусел карданд.

Ҳар ду табақаи дарвозаи калони ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд он бегоҳирӯзӣ кушода буд. Гову молҳоро хидматгорон аз сари пода гардонда ба ҳавлӣ ҳай мекарданд. Чанд нафар наздикони хонаводаи Ҳоҷимаҳмуд миёни ҳавлӣ меистоданд, андаке пеш аъзоёни кадом як дастаи босмачиёнро, ки бо Ҳоҷимаҳмуд сӯҳбат доштанд, гуселонда буданд.

Дар ин лаҳзаҳо худи Ҳоҷимаҳмуд рӯи меҳмонхонаи калони ёздаҳболорааш, ки дар боломанзар, дар ошёнаи дуюм ҷойгир буд, қадам мемонд. Даричаи меҳмонхонаро, ки ба ҷониби саҳни масҷид кушода мегашт, боз намуд. Ба хона ҳавои салқин медаромад, чанд қадам онсӯтар аз меҳмонхонаи Ҳоҷимаҳмуд бинои баланд ва боҳашамати масҷид. Аз паси чинорҳои баланди саҳни масҷид мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф намоён. Аз миён лаҳзаҳо мегузашту назари Ҳоҷимаҳмуд аз даричаи меҳмонхона ба масҷид, ба саҳни он.

Хаёлаш ба меҳмононаш. Силоҳдорони дастаи Раҳмондодхоҳ аз наздаш рафтанд. Замони ноороми шуда. Ҳама, қариб ҳама ба азоб мондаанд, таҳқир мешаванд. Ҳайфи рӯзҳои оромӣ, осудагӣ, ки дар замони подшоҳӣ зиндагӣ доштанд.

– Меҳмон омадааст, шуморо диданӣ будааст, – як хидматгор ба Ҳоҷимаҳмуд хабар расонд.

– Кӣ аст меҳмон?

– Носирхитой.

– Носирхитой? – Лаҳзае хомӯш монд Ҳоҷимаҳмуд ва баъд биафзуд: – гӯй дарояд.

– Мехоҳад шумо наздаш бароед, вай дар берун, дар таги дарвозахона.

– Гӯй дарояд, – такрор намуд Ҳоҷимаҳмуд.– Ҳамин тавр гӯй?! – Ҳоҷимаҳмуд нигоҳашро аз шохсорони чинорҳои баланд, ки нурҳои офтоби бегоҳирӯзӣ болои онҳо ҳанӯз ҳамоил буданд, намеканд.

Хидматгор назди марди силоҳдор – Носирхитой баргашта гуфт, ки Ҳоҷимаҳмуд вайро интизор.

– Наомад? – Димоғи Носирхитой сӯхта буд. Аз мусоҳибаш ҷавоб нашунид, аз баёни суханҳои Ҳоҷимаҳмуд дар назди Носирхитой истиҳола намуд хидматгор. «Аз рости фитнаангез, дурӯғи маслиҳатомез беҳ, ё хомӯш

мондан», панду насиҳатҳои шунидааш ба ёдаш меомад. Хидматгор назди Носирхитой сукут ихтиёр карда буд.

Носирхитой ба хаёл афтода буд. Ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд надаромада баргардад? Ба ҳамроҳонаш чӣ мегӯяд? Гӯяд, ки Ҳоҷимаҳмуд наздаш набаромад? Писанд накард? Шояд бипурсандаш: хайр, баъд Носирхитой дар ҷавоби нописандии Ҳоҷимаҳмуд чӣ амале раво дид? Носирхитой дар ҳоли ногувор ва ноҳинҷоре монда буд. Илоҷе намонда.

– Пеш даро, роҳ нишон те, – Носирхитой бо оташинӣ аз паси хидматгор қадам монд. Гӯё ниқорашро аз замин меситонд, ки гурс-гурс қадам мемонд. Бо ҳамин ҳол Носирхитой ба боломанзар баромад. Мӯзаҳояшро накашида вориди меҳмонхона гашт. Ҳоҷимаҳмуд ҳанӯз аз назди дарича дур нарафта рӯ ба боми масҷид меистод.

– Ҳоҷӣ, салом, – Носирхитой бо ситеза дарро бо мушт мезад.

– Салом, – ҷониби меҳмонаш омад Ҳоҷимаҳмуд.

– Маслиҳат доштам ба худат, Ҳоҷӣ.

– Марҳамат шин. Ё аввал масҷид рафта намоз гузорем, баъд хона биоем, аср қазо мешавад, – Ҳоҷимаҳмуд меҳмонро ҷазман ба нишастан таклиф накарда ба масҷид равон шуданӣ буд.

– Фурсат надорам, – Носирхитой мӯзаҳояшро накашида болои кӯрпача гузашт, ба хоҳиши соҳиби хона эътибор надода нишаст. – Болои дӯконат омадем. Саломамонро алайк гир, – нописандона пойҳояшро дароз кард.

Ҳоҷимаҳмуд ноилоҷ монда буд, меҳмонашро гузошта аз меҳмонхона берун шуда наметавонист. Аз роҳаш баргашт, болотар аз меҳмон, дар муқобили ӯ, рӯ ба рӯяш аз тарафи дигари хона болои кӯрпача чорзону зад.

– Хайр, агар корат зарур, таъҷилӣ бошад, мешинем. Аҳволат чӣ хел? Хело вақт боз наменамудӣ, ягон ҷо рафта будӣ? – Ҳоҷимаҳмуд бо «меҳмонаш» дар сӯҳбат шуд.

– Мо фидоӣ, фидоии роҳи ислом, кофирон, носипосонро сар мебурем, мекушем, онҳоро қир мекунем, – Носирхитой чашми Ҳоҷимаҳмудро тарсонданӣ буд.

– Чӣ гап доштӣ? – Ҳоҷимаҳмуд ба гуфтаҳои Носирхитой эътибор надода аз ӯ суол кард.

– Зан гирифтаниам.

– Ба ман чаро ин гапро мегӯӣ?

– Вай занак хешовандони худат, пешдаро шав мегӯям.

– Хеши ман? Кӣ будааст вай занак?

– Зани амакат, зани эшони Ҳалим.

– Кадом занашон?

– Аёли душанбегии эшонро мегӯям. Хело хушрӯ, соз будааст.

– Дидӣ?

– Нишон доданд.

– Кӣ?

– Инашро ба ту намегӯям.

– Носирхитой, агар бо ҳамин ният омада бошӣ, ки ба зангирии ту миёнрав мешавам, аз Нилкон барои ту зан гирифта медиҳам, хато мекунӣ. Ту маро кӣ хаёл кардӣ?

– Зани амакатро ба ман тӯй карда медиҳӣ.

– Гап аз як зани амаки ман намеравад, Носирхитой. То ҳине, ки ман зинда бошам, аз қишлоқи Нилкон ту зан гирифта наметавонӣ. Зан барои мо нангу номусамон аст. Барои нангу номус мо ҳама мемирем. Лозим биояд, корду камон мегирем.

– Муҳобот мекунӣ, Ҳоҷимаҳмуд. Аз номи тамоми аҳли қишлоқат гап назан. Бисёрии онҳо хоки пои моро

мелесанд, ҷониби моанд. Моро «бачаҳои худамон» мегӯянд.

– Шумо ҳеҷ гоҳ барои мо худӣ намешавед. Гуфтамку, ман ҳоло зиндаам. Нангу номус дорем. То зиндаам қишлоқро ҳимоят карда метавонам. Як ту намешиносӣ маро. Худи ҳазрати Мир – Иброҳимбек медонанд маро. Ҳамин ҳозиракак ҳазрати Раҳмондодхоҳ аз хонаам рафта буданд. Ту дигар ба деҳаи мо намедароӣ.

Носирхитой ва Ҳоҷимаҳмуд рӯ ба рӯи ҳамдигар аз ҷой бархостанд. Аз масҷид овози муаззин ба гӯш меомад, азон мегуфт, азони намози аср, мардумро ба намоз мехонд. Вақти намоз мегузашт. Вале акнун ба хаёли Ҳоҷимаҳмуд намоз намерасид. Носирхитой пеши пайкари паҳлавононаи Ҳоҷимаҳмуд нокироӣ менамуд. Қадаш аз ӯ хело паст. Носирхитой таҳқир шуда буд. Ҳоҷимаҳмуд гапашро нагирифт, писанд накард. Айби худи ӯ. Бо ин марди дағалу қайсар, бо як паҳлавони ман мегуфтагӣ, бо забони ширину нарм ба гап даромад. Носирхитой қадри худашро надонист. Вагарна Ҳоҷимаҳмуд кию Носирхитой кӣ? Ҳоҷимаҳмуд ҳазор зӯру ҷаҳондида, номдор ҳам ки бошад, як нафар. Дар ихтиёри Носирхитой як дастаи тавонои йигитҳои яккачин. Ҳама камондор, ҳама мусаллаҳ. Ҳар рӯз хонаҳо, деҳаҳоро ғорат мекунанд. Одам мекушанд, аз ҳамаи гуруҳҳои босмачиёни Иброҳимбек йигитҳои Носирхитой бераҳманд, барои аз ҳад зиёд беинсофу хунхор буданашон ба охири номи Носир калимаи хитойро ҳамроҳ кардаанд. Шояд калимаи «хитой» дар ақидаи мардум бераҳмии гӯшношунидро ифодагар аст.

– Ҳоҷӣ, ба худ биё, аз ҳад нагузарон, алафатро паст чар, – Носирхитой кӣ будани худашро гӯё акнун сарфаҳм мерафт.

– Чӣ мекунӣ?

– Пеш даро, – Носирхитой милли туфангашро ба ҷониби Ҳоҷимаҳмуд рост кард. – Роҳ гард!

– Куҷо меравем? – Ҳоҷимаҳмуд бепарвоёна бо Носирхитой гап мезад.

– Пеши ҳамқишлоқиҳоят меравем, ҳамонҳое, ки ту онҳоро ба ҷонашон расонда будаӣ. Дунё ҳамин хел, акнун навбати онҳо.

– Онҳо бо ман чӣ мекунанд?

– Мекушанд.

– Ба Худо, онҳо маро кушта наметавонанд. Ғайрат надоранд.

– Худам туро мекушам, баъд тӯй мекунам, зани амакатро мегирам.

– Ба Худо, наметавонӣ. Ман, ман ҳамон Ҳоҷимаҳмуд ҳастам... – дар як они воҳид Ҳоҷимаҳмуд, чӣ гуна ба Носирхитой дарафтод, чи гуна камони ӯро аз дасташ рабуд, Носирхитой сарфаҳм нарафт. Хоб буд ӯ ё бедор? Намедонист. Ҳоҷимаҳмуд камонро ба як сӯ ҳаво дода дастони Носирхитойро ба пушт тоб дод, ба хаёлаш, ки дастонаш шикастанд, устухонҳояш орд шуданд. Ҳоҷимаҳмуд мисли бало вайро зери дасту панҷаҳояш кашида буд. Дастони Носирхитойро ӯ бо чилбур маҳкам баст. Вайро аз дари меҳмонхона ба берун тела кард. Носирхитой акнун пешандози Ҳоҷимаҳмуд шуда буд. Чанд лаҳза пеш Носирхитой ба сари Ҳоҷимаҳмуд фармонфармоӣ ва дар дил чи орзуҳое дошт. Аммо вазъият дар байни чанд лаҳза тағйир ёфта. Дунё ҳамин хел. Ҳоло дасти Ҳоҷимаҳмуд боло. Дар берун, дар рӯи ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд хидматгорҳо, хешовандон, зану фарзандонаш. Мардум баъди намози аср аз масҷид мебаромаданд. Ҳоло Ҳоҷимаҳмуд сардори як дастаи тавонои йигитҳои Иброҳимбек – Носирхитойро аз назди

онҳо, аз кӯчаҳои деҳа мегузаронад. Камони Носирхитой дар дасти Ҳоҷимаҳмуд, дастони ӯ ба пушт баста шудаанд. Йигитҳояш, душманони Ҳоҷимаҳмуд ҳам мебинанд ин ҳолро.

Носирхитой бо Ҳоҷимаҳмуд саломуалайк буд, аз тавоноӣ, ҷасорати вай ҳикояҳо шунидааст. Рост мегуфтаанд мардум, паҳлавони бемисл, беҳамто будааст ин мард. Носирхитой ба дасти вай ғалтид, мутеаш гашт. Оқибат чӣ мешуда бошад? Боз чанд лаҳзаи дигар мегузараду бисёр балоҳо ба сари Носирхитой меоянд. Барои ӯ дигар ҷои рафт ва ҷои зист намемонад. Баъди он Ҳоҷимаҳмудро кушаду накушад ҳам, суде намеорад, ба дардаш даво намеёбад. Кош, ба хонаи ӯ намеомад, кош, ба гапи душманони нотавону пастфитрати Ҳоҷимаҳмуд намедаромад. Онҳо беҳуда ба вай суол надода будаанд, ки худаш танҳо ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд меравад? Медонистаанд. Вай аз рӯи нангу номус йигитҳояшро ҳамроҳ нагирифт. Нафаҳмида худро ба ин доми марг – ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд зад. Ба беобрӯю шарманда шудани ӯ лаҳзаҳо монда. Ҳамин ҳоло пешандози Ҳоҷимаҳмуд мешавад. Баъд Худованд ҷонашро ситонад ҳам, халос намеёбад. Чӣ тадбир андешад? Чӣ кунад?

Носирхитой аз остонаи дари меҳмонхона худро ба ақиб, ба дарун кашид, рӯ ба замин, рӯ ба пеши пойҳои Ҳоҷимаҳмуд фиканд худро. Дастонаш бо чилбур баста. Ягона илоҷе буда ӯро ин ҳол.

– Ҳоҷӣ, акаи ҷон, маро бахш, аз гуноҳам гузар, маро шарманда накун, бо ин ҳол маро аз назди одамон нагузарон, раҳм кун, аз гуноҳам гузар. Маро бубахш, хидмататро ба ҷо меорам, агар хоҳӣ, сари душманҳоятро аз тан ҷудо мекунам, ҳамин ҳоло ҳамин корро ба ҷо меорам, сарашонро оварда пеши пойҳоят мепартоям, чи ки гӯӣ, гуфтаҳоятро ба ҷо мебиёрам, Ҳоҷимаҳмуд, маро

озод кун, Ҳоҷимаҳмуд, – Носирхитой хоки пойҳои Ҳоҷимаҳмудро ба дидагон молида нола мекард, зорию илтиҷо дошт.

– Хез, Носирхитой, ман туро ҳеҷ кор намекунам, туро мебахшам, – гуфт Ҳоҷимаҳмуд.

Ҳоҷимаҳмуд дастони Носирхитойро кушод. Камонашро ба ӯ баргардонд.

– Рав, – фармон дод ба вай, то беруни дарвоза гуселаш карда аз ӯ қатъиян талаб кард, ки бо йигитҳояш аз деҳа равад, дигар аз Нилкон зан мегирам, гуфтани гапро ба ёд набиёрад.

Хабари мунокиша, низои байни Ҳоҷимаҳмуд ва Носирхитой дар деҳа бо ҳазор гуна обу ранг ва ҳар навъе ҳикоят карда мешуд. Мегуфтанд, ки Ҳоҷимаҳмуд дастҳои Носирхитойро бастааст, қасам додааст, ки дигар ба деҳаи Нилкон қадам нагузорад, корду камонашро гирифтааст, ба гарданаш пулу моли зиёд, халтаҳои тангаю тилло бор кардааст, Носир-хитой талхакаф шудааст, дигар ёди Нилкон намекардааст. Ва боз баъзеҳои дигар аз рӯи дӯстӣ ин амали Ҳоҷимаҳмудро нораво ҳисоб кардаанд, «Ҳоҷимаҳмуд беақлӣ кардааст», мегуфтанд. Ҷабр ба ҷони худаш. Носирхитой гӯё гуфта будааст: «Бо Ҳоҷӣ боз вомехӯрам, ҳамин хел рӯз мебиёяд, мекушам, агар сарашро аз тан ҷудо накунам, агар ҳамин хел накунам, номам Носирхитой не, зиндагӣ бароям ҳаром, ҷавонмард набошам...», – қасам хӯрдааст.

Ин гапу ҳарфҳо ба гӯши худи Ҳоҷимаҳмуд ҳам расидааст.

Он рӯз баъди намози бомдод Ҳоҷимаҳмуд аз имомхатиби масҷиди деҳа эшони домулло Мирзо хоҳиш кард, ки намозхонҳоро нигоҳ доранд.

Эшони домулло аз низои байни Носирхитой ва

Ҳоҷимаҳмуд огоҳ буданд. Ба эшони домулло Мирзо ҳам маълум, ки Носирхитой як марди худобехабар, хунхор, чи хеле гуфтаанд, на дар пушташ думу на дар пешаш ёл. Худо инсонро ба ин хел зотҳо гирифтор накунад. Аз ин ҷиҳат дили эшони домулло барои хешовандашон меларзид, аз тақдири минбаъдаи вай дар ташвиш буданд. Ва ҳоло бо мардуми деҳа – бо намозхонҳо чи гуфтани Ҳоҷимаҳмудро медонистанд. Аз ин рӯ, баъди сокит мондани намозхонҳо худи эшони домулло Мирзо ба гап сар карданд.

– Қавмо, мою шумо ҳама хешу табор, гӯшту нохун, обшарику хокшарик. Пагоҳ мурдаи якдигарамонро худамон соҳиб мешавем, каси дигар, бегонаҳо не, худамон.

– Бале, ҳазрати домулло, рост мегӯянд, ҳамин тавр аст, – овозҳо баланд шуд.

– Ҳамин тавр ки бошад, мо бояд ҳамдигарамонро нафурӯшем, бегонаҳоро ба сари ҳамдигарамон набиёрем. Носирхитой кӣ? – эшони домулло Мирзо суол карданд.

Ҳама хомӯш буданд, аз ҳарос касе ҷуръати дар ин масъала забон кушодан надошт.

– Ҳамаамон кӣ будани ин одамро медонем, – эшони домулло Мирзо боз ба гап даромаданд.

Баъд эшони домулло Мирзо аз хусуси Носирхитой, йигитҳои вай хело гап заданд. Гуфтанд, ки Носирхитой як одами авом, муштамзӯр, ӯ худашро сарлашкари аҳли ислом хондааст, аммо аз ислом, аз дину аз шариат бехабар. Хонаҳои бандаҳои мусулмонро тороҷ мекунад, чашмаш ба зану духтарҳои мардум. Агар давраш мебуд, – давом намуданд домулло Мирзо, – ӯро ҳад мезананд, сангсор мекарданд. Ва баъзеи мо айбу уболро намедонем. Носирхитою йигитҳои вайро «бачаҳои ху-

дамон» мегӯем, болои зану фарзандонамон мебиёрем. Бех-бех мекунем. Баъд мегӯем, ки фалон касро куш, хонаашро ғорат кун. Ҳамон фалону бисмадон кас кӣ? Одамони қишлоқи худамон, хешу табори худамон. Мо ҳамин хел бераҳму беандеша ҳастем.

Эшони домулло Мирзо ин гапҳоро гӯшона ба душманони Ҳоҷимаҳмуд мегуфтанд. Якеаш ҳамон дузди номии деҳа ва дигараш ҳамон ҳамсояаш эшони Тошбой, ки вайро эшони домулло Мирзо нимчамулло мегуфтанд. Нимчамулло ба Ҳоҷимаҳмуд ғузнадор. Вай дар масҷид имомхатиб шуданӣ. Вале садди роҳаш ҳамин Ҳоҷимаҳмуд, ба қади пасту ҷуссаи нокироии эшони Тошбой ишора карда «Эшони Тошбойро худаш чию илмаш чӣ… илмаш дар куҷояш ҷой гираду хурдагиаш дар куҷо? Э, гум шаваде», – дар пеши худию бегона ба ҳоли вай механдаду механдад. Ва он ду душмани Ҳоҷимаҳмуд он лаҳзаҳо дар масҷид дар намози саҳар ҳозир буданд, аммо аз ғазаби халқ, аз Ҳоҷимаҳмуд меҳаросиданд. Лаб зери дандон ба гуфтаҳои домулло тоб меоварданд, ҷавоб гардонда наметавонистанд.

Ҳоҷимаҳмуд ба пешгоҳи аҳли намоз баромада ба онҳо рӯ овард.

– Қавмо, бо шумоҳо гап дорам, дар хотир доред, – ӯ канда-канда ба суханаш афзуд: – имрӯзҳои нотинҷии мою шумо мегузарад. Агар намирем, боз мою шумо мемонем. Ҷои сӯхта сабза медамад. Ба Худо, ҳамин хел мешавад. Зану духтарони деҳа нангу номуси ҳамаамонанд, онҳо занҳои мо, модарҳо, хоҳаронамон. Лекин як-ду беномус занҳои деҳаро ба бегонаҳо, ба одамони ғайр савдо доранд. Онҳо ба Носирхитой зан доданӣ. Мо беномус нестем, якҷоя мешавем, намемонем, аз Нилкон зан ёбанд, зан гиранд, дигаронро намедонам, лекин хуни ман намебардорад, намегузорам. Барои ҳамин бо

Носирхитой чанг шудам. Боз мегӯям, қавмо, биёед, тифоқ шавем, қишлоқ гӯем, зану фарзанд гӯем, – Ҳоҷимаҳмуд гӯё ҳамаи гапи дилашро гуфта буд, ки хомӯш гашт, намозхонҳо ҳанӯз аз ҷойҳояшон наҷунбида, гӯш ба гуфтаҳои ӯ буданд. Вай рӯ ба ҷониби дар овард, аз масҷид берун шуд. Лаби сӯфаи масҷид рӯ ба офтоббаро ба ҷониби мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф истод. Дуои фотиҳа хонд, дуо мекард, аз мазор, аз арвоҳҳо дар роҳи ҳалли мушкилиҳо мадад мехост, ба даргоҳи Худованд илтиҷо дошт. Аз ҷониби мазор офтоб рух менамуд, офтоби пагоҳ...

Суханони таҳдори домулло Мирзо ва Ҳоҷимаҳмуд ба нимчамулло бештар асар карда буд. Таҳқир шуда ӯ. Вайро пастфитрат, лагандбардори Носирхитой гуфтанд. Холабачаҳо – эшони домулло Мирзо, Ҳоҷимаҳмуд мулкро бе душман дида Носирхитой барин лашкаркаши овозадор, тавонои аз дасташ ҳар кор меомадаро дар назди мардум дашном доданд, вайро ҷоҳил, дасти росташро аз чапаш фарқ намекардагӣ гуфтанд ва кофир ҳукм карданд. Худо одама, ки занад, ба ғазаби Худо гирифтор, ки шавад, ҳамин тавр ақлаш пӯшида мегардад. Носирхитойро ҳам мисли нимчамуллои мегуфтагиашон, мисли ҳамқишлоқиҳои худошон пиндоштаанд, вайро дур дидаанд. Намедонанд, ки Носирхитой имрӯзҳо чи қадар одамонро аз дами теғ мегузаронад. Аз пояшон ба дарахтҳо меовезад, чи коре хоҳад, мекунад. Бале, инҳо Носирхитойро намедонанд, ҳоло шаттаашро нахӯрдаанд. Баъд аз афташ хаёл доранд, ки гапҳои онҳо ба гӯши Носирхитой намерасад, намедонанд, ки нимчамуллои мегуфтагиашон бародари ҷонӣ, одами наздики Носирхитой аст, вай дар ҷои дигар не, дар бехи биниашон. Худо хоҳад, ин одам нимчамуллоро ба мартабаҳо мерасонад.

Носирхитой ҳамон шаби бо Ҳоҷимаҳмуд ҷанг хурда аз Нилкон баромада рафтанаш бо нимчамулло хело сӯҳбат кард. Гуфт, ки оянда дар Нилкон, одами бовариаш, гӯши вай нимчамулло. Гап чинад, чи гапе дар ҳаққи Носирхитой мешунавад, ба ӯ расонад. Чашму ақлу ҳуши вай шавад ва боз таъкид кард, ки имрӯз ҳам ки набошад, фардо, албатта, Носирхитой ба Нилкон бармегардад, Ҳоҷимаҳмудро саришта мекунад, ваъдаи ба нимчамулло додаашро фаромӯш намекунад ва ҳатман имомхатиби масҷид мешавад.

Нимчамулло бо димоғи сӯхта бо хаёлоти зиёд ҷониби кулбааш мешитофт. Ӯ Носирхитойро пайдо намуда ҳамаи гапу ҳарфҳои шунидаашро ба вай мерасонад, огоҳаш мекунад, ки холабачаҳо мардуми қишлоқи Нилконро муқобили ӯ ба по хезонданианд, маслиҳат карданд. Қаҳру ғазаби нимчамулло зиёдтар мешуд. Домулло Мирзо гӯё ҷои гапгӯӣ, ҷои сиёҳ кардани вайро ёфта. Ҳамаи гапҳояш гӯшона ба вай. Носирхитой гӯё хар буда, ки ӯ вайро беҳ-беҳ карда ба деҳа меовардааст, зан медодааст, зан мекофтааст. Таҳқиру дашном дар ҳаққи одам аз ин зиёда намешавад. Мулло Тошбойро, ки нимчамулло ном додаанд, беобрӯ карданианд. Пеши роҳи имомхатиб шудани ӯро гирифтанианд. Мулло Тошбой кӯдак не, мефаҳмад, лекин корро ин тавр ҳам намемонад.

Мулло Тошбой бо дилу ҷигари сӯхта, бо алами зиёд роҳ мерафт. Пиёда мерафт. Камбизоат аст, соҳиби як маркаби исқотӣ ҳам нашуда ӯ. Як бало карда ба деҳаи Муғулон расад, аз он ҷо кема қатӣ аз дарё мегузарад. Он ҷо мардуми марқа, ҳама муридонаш. Хонаи Ортиқхоли ҷӯрааш медарояд, ягон улав мепурсад. Хонаи Носирхитой хело дур, пиёда қариб дурӯза роҳ. Ба Кӯктош, ки расид, боз хело роҳ, боз чанд талу теппаҳо,

куталҳои баландро баромадан лозим. Аз ҳама вазнинаш баромадани кутали мазори Хӯҷазаррин. Худо бошад, ки бо ин қадар саргардонӣ, роҳро ба рӯ карданҳо Носирхитойи бародархондашро дар хонааш ёбад. Кушоиш омад ба корҳои мулло Тошбой. Дӯсти наздикмуридаш Ортиқхоли марқаро дар хонааш пайдо намуд. Ба аспи ҷавмасти худаш савор кард домуллоро. Таъкид намуд, ки эшони Тошбой эҳтиёт шаванд, асп андак чарс. Бодпо будааст аспи Ортиқхол. Дар роҳ мисли шамол. Ҷонвар ба дили мулло Тошбой роҳ мегашт, ба дили вай медавид. Вақте мулло Тошбой кутали мазори Хӯҷазарринро баромада, аз Рангон гузашта, ба деҳаи Бедак расид, шаб ним шуда буд. Дар ҳамон шабӣ аз йигитҳои Носирхитой хоҳиш кард, ки аз омадани мулло Тошбой ӯро бохабар кунанд. Носирхитой аз хоб хест, ба гуфтаҳои мулло Тошбой бо диққат гӯш дод. Мулло Тошбой суханҳои дар роҳи дароз пухта кардаашро ба ӯ гуфт. Қаҳру ғазаби Носирхитойро ба аҳли деҳаи Нилкон, ба Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо афзун намуд. Ба гуфтаҳояш дурӯғи беше ямоқ кард, ба гап ҷома пӯшонд. Гӯё Ҳоҷимаҳмуд дар назди ҳама зану фарзандҳои Носирхитойро ҳам дашном дода.

– Эшони домулло, дигар гап назанед, фаҳмидам, шуд. Ҳоҷимаҳмудро мекушам, сарашро аз тан ҷудо мекунам. – Носирхитой ба шунидани давоми суханони эшони Тошбой тоб наоварда аз ҷой бархост, рӯ ба қибла овард ва қасам ёд кард ва баъд ҷомаашро болои китфонаш партофт. Аз назди мулло берун рафт. Дар берун ҳаво торик, осмон пурабр, шаб, шаби сиёҳ, сиёҳию тирагие мисли дили эшони Тошбой ва Носирхитой. Аз «Ҳоҷимаҳмудро мекушам» гуфта, қасам ёд кардани Носирхитой дили эшони Тошбой равшан гашта ва ӯ мадор гирифта, тавоноӣ ёфт, шукр гуфт ба даргоҳи Ху-

довонд, ки Носирхитой барин чунин як шахси соҳибшуҳрат, тавоно, муттако, пушту паноҳаш шуда. Душманонаш, алалхусус эшони домулло Мирзо, кӣ будани вайро бояд дарк бикунанд.

* * *

Байни намози асру шом хабаре ба деҳа, ба кулли хурду калони Нилкон паҳн гашт: «Носирхитой омадааст, йигитҳояш беҳисоб, ҳамаашон дар масҷид, масҷид пури босмачӣ. Ва талаб кардааст, ки аҳли деҳа ҳама зуд ба масҷид ҷамъ биоянд, бо мардум гап доштааст». Мардум ҳама дар ҳарос, сабаби бо йигитҳои беҳисобаш ба Нилкон ташриф овардани ӯро медонистанд. Аз хотирашон набаромада, дина баъди намози бомдод Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо гапи ӯро гуфта буданд, дар ҳаққаш суханҳои ноҷо ба забон оварданд, эшони Тошбой нарезондаю ночаконда ҳамаи гапҳоро хабар бурдааст ва пешдаро шуда ӯро ба деҳа, ба сари мардум, ба сари Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо овардааст, кори нохуб кардааст. Одами хуб набудааст, мурдор будааст эшони Тошбой. Дӯстону наздикон ғами Ҳоҷимаҳмуд ва эшони домулло Мирзоро мехӯрданд. Чанд нафар кебида – кебида, пинҳон шуда, пас-паси деворҳо хонаи Ҳоҷимаҳмуд рафтанд. Гӯё ӯро хабардор кардан мехостанд. Аммо ӯ кайҳо аз омадани Носирхитой, аз нияти ӯ огоҳ будааст. Бо вуҷуди ин, дӯстон аз вай хоҳиш доштанд, ки ба масҷид наравад. Бо Носирхитой рӯ ба рӯ наояд, ғами ҷони худашро хӯрад, илоҷ ёбад аз деҳа равад.

– Гурезам?! – Ҳоҷимаҳмуд аз панду насиҳатгӯиҳои дӯстон ранҷида буд. – Меравам, албатта меравам, – гуфт.

Ҳоҷимаҳмуд маҳтали азони шом наистода, нисбат ба

ҳаррӯза бармаҳалтар аз дари масҷид даромад. Дар масҷид гӯё маъракае буд. Хело ва хело серодам. Йигитҳои Носирхитой дар саҳни масҷид. Пас-паси деворҳо, аз назди чӯббандии масҷид қадам мезаданд. Худи Носирхитой дар пешайвон. Дар сар салла, дар китф камон, дастҳо дар миён ин сӯ – он сӯ қадам мезад. Нописандона ба ҷониби мардум назар меандохт. Ҳамаи ин худнамоиҳои ӯ аз барои ду-се нафар. Ҳоҷимаҳмуд ва эшони домулло Мирзоро душман ҳисобида ӯ. Назди онҳо худнамоӣ дошт, фукаш ба осмон.

Баъди намози шомро хондан Носирхитой ба чанд нафар наздиконаш, ки паҳлӯи ӯ саф гирифта буданд, фармоиш дод, ки дарҳои масҷидро бубанданд. Намозхонҳоро нигоҳ дошт ӯ.

– Пирам, эшони домулло Мирзо, – Носирхитой ба имомхатиб муроҷиат кард: – ба шумо гап дорам.

– Марҳамат, гап занед, – овози домулло Мирзоро шунид Носирхитой.

– Аҷаб не, банда сураҳои намозамро намедонам, – суханҳои дар намози пагоҳ ба забон овардаи эшони домулло Мирзоро айнан такрор кард ва бо овози баландтар давом намуд: – Лекин фармоиш медиҳам Шумо, ҳазрати эшон ва ҳамаи мардуми Нилкон ба ман гӯш медиҳед, илоҷ надоред. Ман калтаю кӯтоҳи гапро мегӯям, гӯш диҳед, эшонҳо, ман Носирхитой, фарзанди Шамшодбои Қалуғ, ман ҳамин хел одам, касе ба гапам гӯш надиҳад, овоз барорад, мекушам. Шумо, эшони домулло Мирзо, – боз ба имомхатиб муроҷиат кард, – ба гапам гӯш диҳед. – Шумо ҳарчанд ба олам машҳур ҳастед, шуморо дар тамоми мамлакат медонанд, лекин ман ба шумо мегӯям. Шумо дигар имомхатиб намешавед, аз ин вазифа озод мешавед. Албатта, бо ҳамин аз имомхатибӣ озод шудан, шумо халос намеёбед, боз гап

мезанем, шояд ба масҷид дигар қадам намемонед, садқаи илматон шавам. Шумо ҳоло Носирхитойро намедонед, бо собуни вай ҷома нашустаед, илматон камӣ кардааст, боз илм омӯзед, ҳазрати домулло, – Носирхитой домулло Мирзоро мазаммат мекард. Баъд Носирхитой эшони Тошбойи пирашро наздаш даъват кард.

– Мешиносед эшони Тошбойро ё намешиносед? – Ба ҳозирон мурочиат кард Носирхитой. Вале касе чизе намегуфт, сари ҳама хам, гӯё ҳама ба муроқаба рафта буданд.

– Шунидед ман чӣ гуфтам? – Такрор намуд Носирхитой ва даст ба китфи эшони Тошбой гузошта бо қатъият гуфт: – Аз пагоҳ эшони Тошбой пешвои шумо, имомхатиби масҷид, пагоҳ ҳамаатон ҳамин ҷо ҷамъ мешавед. Фаҳмидед, аз пагоҳ имомхатиб кӣ? – Боз аз ҳозирон суол кард Носирхитой. – Ё ҳастанд касоне, ки не, имоматии эшони Тошбойро намехоҳем, гӯянд, – мепурсид ӯ ва гӯё гап мекофт. Вале боз ҳама хомӯш, касеро ҷуръати сухангӯӣ набуд, аз ҳарос забон кушода наметавонистанд. Дар масҷид вақти намози шом вазъи нохуш, вазъи тарсу ҳароси аз ҳад зиёд ба амал омада буд. Йигитҳои Носирхитой назди дарҳои масҷид истода буданд. Мили камонҳояшон ба сӯи намозхонҳо, маҳтали ишораи Носирхитой, бо амри ӯ онҳо бояд тир кушоянд. Дарҳои масҷид руст. Дари хонаи Худоро ба рӯи бандагон баста буданд. Онҳоро гӯё туфангдорон тирборон мекарданд.

Носирхитой ба ҷои эшони домулло Мирзо эшони Тошбойро эмомхатиб гузошта баъд аз пайи Ҳоҷимаҳмуд афтоданӣ буд.

Ҳоҷимаҳмуд аз миёни намозхонҳо аз ҳама аввал аз дари масҷид берун шуд, ба Носирхитой ҳарфе нагуфта

саросема ба хонааш баргашт, ба хидматгорҳо фармуд, аспи зоти арабии сиёҳмушкинашро аз зери собот ба берун оранд, зину абзол зананд. Худаш, ба гуфтае ки либосҳои ҷангиашро ба бар карда шамшеру камон гирифт, чи хеле мегӯянд, чорафзол шуду пой ба ӯзангуи асп монд, лаҷомро кашида рӯ ба масҷид – рӯ ба мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф оят хонд, кушоиши кор орзу намуд ва баъд ба сағрии асп қамчин андохт. Вай банди андешаҳои ба хаёлаш бесарунӯк аз деҳа мебаромад. Вай боз садди роҳи Носирхитой шуданӣ.

Носирхитой он шаб, баъди гуфтугузораш бо намозхонҳо, мардуми деҳаи Нилкон ба хонаи эшони Тошбой омад. Ба хонаи пираш дасти холӣ наомада, гӯсфанд ва як ҷувол биринҷу равған оварда буд. Гӯсфандро кушта дар як деги маъракагӣ ош пухтанд. Хонаҳои эшон ва рӯи ҳавлиаш пури меҳмон. Ҳаёҳӯй доштанд. Овозашон баланд, инчунин миёни ҳавлӣ гулхан афрӯхта буданд. Ҷавононе, ки саллаҳои калон-калон дар сар доштанд, гирди гулхан мерақсиданд.

Носирхитой дар хонаи пираш шабашро саҳар карда, пагоҳӣ дар масҷид аз пасаш намоз хонда, чашми душманонро мош барин аз сарашон бароварда андаке таскин ёфта, баъд ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд омада, дастонашро ба пушт баста ӯро аз хонааш, аз назди зану фарзандонаш бароварда, баъд ба сараш об рехтанӣ буд.

Вақти зиёфат, андаке дам гирифта осудан ба хаёли Носирхитой душманаш Ҳоҷимаҳмуд омад. Табъаш хира гашт.

– Ош хӯред, ҳазрати мир, – эшони Тошбой ба номи Носирхитой амали мирӣ илова намуда вайро шод гардонда давом намуд.

– Ё оша нағз напухтааст янгаатон? Писандатон наафтод?

– Не, пирам, оши хуб пухтаанд, дилам намекашад, – ва пас аз чанд лаҳза илова намуд: – Ҳоҷимаҳмуд саросема буд, тез аз масҷид баромад.

– Эшони домулло Мирзо хафа шуд, – гуфт мулло Тошбой.

– Даҳон мекушоду рӯзаша медид.

– Фаҳмид, тарсид.

– Дигар аз гулӯям ҳеҷ чиз намегузарад, – ва илова намуд Носирхитой. – Ҳоҷиро ҳозир, ҳамин ҳозир овардан лозим, – Носирхитой дасту панҷаҳои равғанолудашро бо сачоқ пок мекард.

– Ҳамин ҷо, ба ҳавлии мо мебиёред? – Эшони Тошбой бо ҳарос пурсон гашт.

– Бердиқул, оҳой Бердиқул, – Носирхитой як сардори дастаашро чеғ зад.

– Лаббай, – гӯён марди миёнсоли серрише, ки сари рухсораҳояш аз мӯй наметофтанд, дастҳо пеши бар аз дар даромад.

– Хонаи Ҳоҷимаҳмуд рав, бачаҳоят қатӣ, ҳамаатон. Хонаи Ҳоҷиро медонетон, ба ту нишон дода будам. Ё аз хотират баромад?

– Не, ака, медонам.

– Дастҳояшро ба пушт баста, пешандоз карда биёретон.

– Хуб шудааст, ака, – Бердиқул назди Носирхитой таъзим карда пайи адои фармони ӯ ақибнокӣ аз дар баромад.

– Ҳазрати мир, – хушомадгӯёна боз давом намуд эшони Тошбой, – додари ҷонам, шумо чӣ гуфтед?

– Ҳоҷимаҳмуди ҷӯраатонро ҳамин ҷо, ба хонаи шумо биоранд гуфтам.

– Мекушед?

– Худо хоҳад.

– Ҳамин ҷо, дар болои дӯкони банда?

– Агар аҷалаш расида бошад, ҳамин хел мекунем. Мефармоям пеши пойҳои шумо афтад, афтаду боз хезад, зорӣ кунад, ба тавалло дарояд… Агар душманатонро дар ҳамин ҳол бинед, магар Шумо хурсанд намешавед?..

– Не, не, додарам, ин хел накунед, вайро хонаи мо набиёред.

– Метарсед? – Носирхитой пас аз лаҳзае хомӯш истодан хотири эшони Тошбойро осуда намудан хост: – ҷои тарс намемонад, мо вайро мекушем. Дигар ба шумо ҳеҷ кас кордор шуда наметавонад. Чӣ, Шумо аз мурдааш ҳам меҳаросед?

– Медонам, ҳазрати мири музаффар, вайро шумо мекушед, лекин баъд ман дар бало мемонам, хундор мешавам. Ин халқи Нилкон ҳамааш ба сарам мехезанд. Дигар зиндагӣ кардан намемонанд. Ҳамин рӯз пагоҳӣ дар намози бомдод ҳама ба сарам хестанд. «Куҳрии паси маърака мешавӣ» гуфтанд. Баъд вай эшони домулло Мирзо ҳамаро ба сарам мехезонад, қиёмат мешавад. Аз Ҳоҷимаҳмуд дида эшони домулло Мирзо хавфнок, мардум ба гапи вай медароянд. Аввал гӯед ҳамин одамро кушанд.

– Ин хел нагӯед, пирам. Эшони домулло Мирзоро ҳеҷ кас кушта наметавонад. Магар шумо намедонед?

– Ҳоҷимаҳмуд зӯр аст.

– Эшони домулло Мирзоро ба Ҳоҷимаҳмуд баробар накунед. Эшони домулло Мирзо олим, шайх, ин одам авлиёст, ба авлиёҳо кӣ сарбасар мешавад? Дуо кунад тухму тараамон қир мешавад. Мо мардуми авом метарсем. Дар ҳама ҷо муридонаш, вай пири ҳама. Қавми лақаю марқая сари кӯдакашон дард кунад, эшони домулло мегӯянд. Ба Худо сари як мӯяш кам шавад,

ҳамаашон мехезанд. Ман медонам, ман аз қавми онҳо. Хосса обрӯю эътиборе, ки эшони домулло Мирзо дорад, дар водии Ҳисор дар ҳамин шабу рӯз касе надорад. Вайро лақаё кӯчонда бурданианд, эшони домулло Мирзо гуфта барои ин одам мемуранд, ҷон медиҳанд. Ман бо ин одам аз гап задан метарсам.

– Барои ҳамин ин одам шуморо писанд накард, барои ҳамин саҳар дар ҳаққи шумо ҳар гап гуфт, – эшони Тошбой байни эшони домулло Мирзо ва Носирхитой алангаи низоъ афрӯхтанӣ, ба аланга пуф мекарду пуф.

Дар хона ду нафар – эшони Тошбой монда буду Носирхитой. Ҳар ду хомӯш гаштанд.

– Чи шавад-нашавад, шуморо ба ҷои эшони домулло Мирзо имомхатиб мегузорам. Пагоҳ ин корро мекунем, аз қавлам намегардам.

Он шаб фиристодаҳои Носирхитой се бор хонаи Ҳоҷимаҳмуд рафта баргаштанд. Ҳоҷимаҳмудро наёфтанд.

– Куҷо гум шудааст? Нафаҳмидед, ки куҷо рафтааст? – Носирхитой такроран аз фиристодаҳояш мепурсид.

– Гурехтагист, – як йигиташ ҷавоб гардонд.

– Ту мегурезӣ, вай намегурезад. – Ба ғазаб омада буд Носирхитой.

– Дар хонааш нест, кофтем, пурсидем. – Боз ҷавоб гардонд ҳамон йигити Носирхитой.

– Равед, боз равед, ёбед, – фармоиш дод Носирхитой.

Йигитҳои Носирхитой ҳамон шаб гӯё дар роҳи хонаи Ҳоҷимаҳмуд ва эшони Тошбой тор метаниданд, мерафтанд Ҳоҷимаҳмудро наёфта боз бармегаштанд. Аҳли хонаводаи Ҳоҷимаҳмуд, модари бузургвораш Моҳи Мулло ҳам ҳамон шаб лаҳзае хуфта натавонистанд. Дар он бегоҳирӯзӣ куҷо рафтани Ҳоҷимаҳмудро намедонистанд. Модари бузургвораш, занону фарзандон ҳама аз

Худованд илтиҷо доштанд, ки Ҳоҷимаҳмуд ба хонааш наояд.

Саҳар мешуд, эшони Тошбой ҳамон шаб мижа таҳ карда натавонист. Вай дар хаёле, ки зудтар саҳар ояду ҳамроҳи Носирхитой, босмачиёни беҳисоби ӯ ба масҷид дароянд. Баъд эълон шавад, ки эшони Тошбой имомхатиби масҷид, баъд ӯ ба минбар барояд, ба муаззин фармояд, ки такбир бигӯяд, баъд меҳробро соҳиб шавад ва мардум аз пасаш намоз гузоранд. Имомхатиби масҷид шудан орзуи деринаи эшони Тошбой буд. Бо ҳамин орзу Бухоро рафт, бо ҳамин орзу бисёр солҳо хонд. Лек ба ҷое нарасид, мегӯянд, ки камсавод аст, зеҳнаш кунд. Дар деҳа ҳам ҳама вайро мазаммат мекарданд, лекин ҳоло рӯзҳое омада, ки дигар ин тавр гуфта наметавонанд, Носирхитой муридаш, ба сари рақибони вай корду камон мекашад, ҷон ба ҳама ширин, метарсанд. Аз пагоҳ сар карда баъди ҳар намоз дар ҳаққи Носирхитой, ҳамроҳони вай дуои нек хондан мегирад, дар ситоишашон ваъз мегӯяд. Ин амал барояш душвор не, гӯр сӯзаду дег ҷӯшад.

Субҳ медамад, аввалин субҳе, ки эшони Тошбой бо шодмонии беинтиҳо пешвоз мегирифт. Ниҳоят овози азон аз масҷид баланд гашт. Мардуми деҳа ба сӯи масҷид мешитобиданд. Эшони Тошбою Носирхитой аз ҳама аввал аз чӯббандии масҷид дарун шуданд. Саҳни масҷид ҳанӯз равшан нашуда, аз паси пардаи торикӣ баъзе чинорҳои қатори лаби ҷӯй ба назар намеғалтиданд. Вале аз шохсорони онҳо ғаҷар-ғуҷури гунҷишкакон ва бисёр парандаҳои дигар ба гӯш мерасид. Садои уҳу-уҳу, садои сулфаи намозхонҳо, аз обхона, ташнобҳо ба гӯш меомад, ки таҳорат мекарданд.

Дар он субҳгоҳ воқеае рух дод, ки Носирхитой чашмдор набуд.

Ҳоҷимаҳмуд дар саҳни масҷид пайдо шуд. Танҳо набуд. Ҳамроҳ дошт. Аз назди Носирхитой бовиқор, бо сари баланд гузашт. Дар дами дари даромадгоҳи масҷид истод, ба онҳое, ки вориди масҷид шуданӣ буданд, рӯй овард.

– Қавмо, – овозаш баланд гашт, – ҳоло ҳамаатон ҳамин ҷо ҷамъ шавед. Ба масҷид надароетон, гап дорам, ба ҳамаатон гап дорам, – фармоиш медод ӯ ба ҳама.

Нигоҳи эшони Тошбой ба Носирхитой шуд. Ӯ ба дӯсташ гуфтанӣ буд: шунидед ин одам чӣ мегӯяд? Дари масҷидро гирифтааст-а? Носирхитойро писанд намекунад. Ё ӯ Ҳоҷимаҳмудро намебинад? Аз шаб боз бо йигитҳояш меҷуст, дасту пойҳояшро бастанӣ буд. Ана, ҳоло ҳамон Ҳоҷимаҳмуди ҷуста мегаштааш дар рӯ ба рӯ. Чӣ истодан дорад? Бигирадаш, дасту пойҳояшро бибандад, ба гарданаш завлона занад.

– Ҳамаи намозхонҳо омаданд? Ҳеҷ кас намонд? – овози Ҳоҷимаҳмуд боз баланд шуд: – Эшони домулло Мирзо пеш биоед, – фармуд ба хешаш ва ба ҳозирон муроҷиат кард: – Медонед имомхатибатон кӣ?

Чанд лаҳза суоли Ҳоҷимаҳмуд беҷавоб монд. Қариб ҳама аз ҷавоб гуфтан ба ин суол меҳаросиданд. Бегоҳ Носирхитой эшони Тошбойро имомхатиб эълон карда буд. Ҳоло бошад Ҳоҷимаҳмуд эшони домулло Мирзоро наздаш даъват дорад, ҳатто дари масҷидро руст кардааст. Ҳоло ягон воқеа рух медиҳад. Носирхитой танҳо нест, гирду атроф, саҳни масҷид пури одамони ӯ. Агар як ишора намояд, як Ҳоҷимаҳмуд чи ки, ҳамаи намозхонҳоро дар як дам саришта мекунанд. Деҳаро оташ мезананд, хунхоранд. Нангу номус, шараф мегӯяд Ҳоҷимаҳмуд. Худи ӯ, дар ҳақиқат, бо нангу номус аст. Лекин оқибати ҳамаи ин сар нафароварданҳои ӯ нохушӣ меорад. Ягон гап мешавад. Таркиши азиме дар

пеш. Худо нигоҳ дорад. Дар ҳоле ки мардум аз ҳарос сар боло карда наметавонистанд ва Носирхитой дуртар аз онҳо ҳодисаҳои пеши назараш ба амал меомадаро муоина дошт, Ҳоҷимаҳмуд боз ба гап даромад. – Фаромӯш кардетон, ки имомхатиби масҷидамон кӣ буданд? – бо овози баландтар боз давом намуд: – эшони домулло Мирзо! – Ҳоҷимаҳмуд аз ҷайбаш коғазеро бурун овард, – ана ин фармони мир, фармони мири музаффар Иброҳимбек, мӯҳру васиқа қати ба номи эшони домулло Мирзо. Худи мир фармон доданд, ки эшони домулло Мирзо имомхатиб бошанд, ба номашон нома ирсол карданд, тӯҳфа фиристоданд ва бастаеро, ки наздаш гузошта буд, кушод, ҷомаи кори[1] бирешимии зебое, ҷомаро ба китфи он кас партофт ва баъд боз ба ҳозирон рӯ оварда: – ҷомаро худи Иброҳимбек ба номи эшони домулло Мирзо фиристоданд. Салом гуфтанд, акнун эшони домулло Мирзо имоми якумрӣ мешаванд. Муборак бошад, эшони домулло Мирзо. Ҳеҷ кас дигар ҳад надорад фармоиши мири фотеҳ, соҳибназар Иброҳимбекро рад кунад. Ё мегӯед бошад ҳамин хел одам? Не, ба хаёлам ҳеҷ кас аз ҷонаш сер нашудааст, мамлакат соҳиб дорад, – Ҳоҷимаҳмуд суханҳои охирашро гӯшона ба Носирхитой мегуфт. Ва баъд Ҳоҷимаҳмуд марди қоматбаланди дар паҳлӯяш бударо, ки дар бар яктаҳи сабзи дарозе дошт, ҳамроҳи Ҳоҷимаҳмуд омада буд ва аз миёни ҳозирон кӣ будани вайро танҳо Носирхитой медонист ва барои ҳамин ҳам аз ноилоҷӣ лаб зери дандон хомӯширо ихтиёр карда буд, ба ҳозирон нишон дода давом намуд: – Ана ин кас, ин меҳмони азизу иззатманди мо фиристода, намояндаи худи ҳазрати мир ҳастанд. Ҷойнишин, вазири дасти

[1] кор – матое, ки дар замони пеш мебофтанд.

росташон. Ҳазрати мир ҷойнишини худашонро ба ҳурмати эшони домулло Мирзо фиристоданд, барои он фиристодаанд, ки мардум ҳадди худашонро донанд, – бо таъкид Ҳоҷимаҳмуд ин суханҳои таҳдорро ба забон меовард, ки Носирхитойю эшони Тошбой бишнаванд. Баъд ӯ фармони Иброҳимбекро боз ба мардум нишон дода, ба абрӯвонаш молида бӯсид ва ба эшони домулло Мирзо супурд: – гиред, эшони домулло, шукр гӯед, ки адлу адолат, инсоф ҳаст, шукр, ки ҳазрати мири музаффар Иброҳимбек ҳастанд ва боз ба мардум рӯй овард: –ҳамин хел, қавмо, шунавед, дониста бошед, ки Нилкон соҳиб дорад, ҳоло Ҳоҷимаҳмуд зинда, намурдааст. То зинда аст, барои нангу номуси қишлоқ, барои мардум, талош мекунад... – Ҳоҷимаҳмуд ҳар ду табақаи дари кандакории масҷидро боз намуд. – Эшони домулло Мирзо, марҳамат, пеш гузаред, боз як бори дигар фармони мири музаффар Иброҳимбекро бароятон муборак мегӯем, – гуфта боз ба мардум муроҷиат кард: – Ҳамин тавр не, қавмо?!

– Ҳамин тавр, Ҳоҷӣ.

– Муборак шавад!

– Муборак, – гуфта ҳозирон ҷуръат пайдо карда ин суханҳоро ба забон меоварданд ва бо сарбаландӣ вориди масҷид мегаштанд.

Ҳама ба масҷид даромаданд ба ҷуз эшони Тошбой, Носирхитой ва йигитҳои силоҳбадасташ. Ба Носирхитой маълум гашт, ки Ҳоҷимаҳмуд шаб назди Иброҳимбек рафта будааст. Ӯ бори дигар Носирхитойро дар ҳоли ногувор, дар хиҷолат мононда. Вай бо йигитҳояш аз масҷид берун шуд, бо эшони Тошбой хайрухуш ҳам нагуфта аз Нилкон рафт. Дилаш пуркин, пурандӯҳ, пурғазаб. Аз Нилкон мерафту боз қасам ёд мекард, қасами Ҳоҷимаҳмудро мехӯрд, ки ӯро ба қатл мерасо-

над. Худаш ӯро мекушад, худаш, агар накушад Қуръони Карим ӯро куру кухрӣ кунад, безану фарзанд монад, хонааш ба вай ҳаром шавад.

* * *

Табиат, новобаста бо шоду ношод будани одамон, тағйир меёбад, фасли хазон мерасаду зимистон меояд, баҳор мешавад, гулҳо мешукуфанд. Ҳамон соли 1925-ум ҳам баҳор омада дашту даман, боғу майдонҳо гулпӯш гашта. Олам зебу оро ёфта, лек одамон шод набуданд. Низоюю ҷанҷоли байни босмачиёну аскарони Ҳукумати Шӯро хурӯҷ карда. Одамон ба якдигар носоз, душман. Меваи ҷангҳо ҳамин гуна: якдигарбадбинӣ, ҳамдигаркушӣ. Рӯи роҳу хоку қум, сабзазорон, оби ҷӯйҳо бо хуни инсон олуда. Одамон аз ғам гӯё зебоии дунё, ҳусни баҳор, сабзазорону гулу гиёҳҳои талу теппаҳоро намедиданд. Гулҳои сияҳгӯш, наврӯзӣ, бойчечак, лола шукуфта, одамон гул намечиданд. Гулҳо зери по, хазон, олам хазонзада. Зебоӣ, гулу сабзазоронро ҳам одамон дар хушу хурсанд будан мебинанд... Ба чи ваҷҳ шод бошӣ, ки аз ҳар деҳа ҷавонон, навхонадорон, дилдодагон ба баҳор нарасида. Модарон, хоҳарон, бародарон, волидайн хунҷигар... Баҳор омадаю айём нооором, ин баҳор ба хонадони Ҳоҷимаҳмуд ҳам ғаму алам, мотам оварда.

Носирхитой баҳри қатли Ҳоҷимаҳмуд, аз ӯ ниқор ситонидан пайт меҷуст. Мисли гурги гурусна пайи куштанаш хунҷигар гашта ӯ. Ҳоҷимаҳмуд, албатта, мисли Носирхитой дастаи камонбадастон надошт, ӯ як марди танҳо, як худаш. Вале тавоно, боирода, далер, нотарс буд. Шахси маълуму машҳур. Қариб ҳамаи сарварони дастаҳои босмачиён ӯро мешиносанд. Раҳмондодхоҳи тоҷик яке аз дӯстони наздикаш. Ҳатто русҳо

ҳам ҳангоми ба деҳаҳои ҷамоаи Роҳатӣ ворид гаштан аз ӯ, ки забони русиро медонист, мадад мехостанд. Ҳоҷимаҳмуд бо намояддагони давлати Шӯроҳо – бо русҳо ҳамгап. Аз ҳама муҳимаш Ҳоҷимаҳмудро худи Иброҳимбек мешинохт. Ҳамон шабе, ки ба хотири эшони домулло Мирзо ба суроғи Иброҳимбек рафта буд, аз ҷанҷоли байни Ҳоҷимаҳмуд ва Носирхитой огоҳӣ ёфт. Носирхитой бо Иброҳимбек хеш ҳам бошад, ба ҳар ҳол эҳтироми Ҳоҷимаҳмуд дар назди вай зиёд. Дар масъалаи Ҳоҷимаҳмуд бо Носирхитой сӯҳбат намуд, фаҳмид, ки Носирхитой ба Ҳоҷимаҳмуд кинавар шуда. Феълу атвор ва марди бефарҳангу ҷоҳил ва беандеша будани Носирхитойро медонист, ӯ кӯтоҳандеш. Ба гуфте, ки феъли саг ба соҳибаш маълум. Барои ҳамин ҳам таъкид кард, ки ба Ҳоҷимаҳмуд кордор нашавад, дар акси ҳол агар ба вай осебе ояд, ба пояш хоре халад, худи Иброҳимбек ӯро саришта мекардааст, мекуштааст. Обрӯ ва эҳтироми эшони домулло Мирзо-ку дар назди Иброҳимбек аз ҳама баланд. Иброҳимбек ба Носирхитой ҳамаи инро гаштаю баргашта мефаҳмонд. Ӯ дар масъалаи ин ду душманаш гӯё ба ҷеле дармонда буд. Чи карданашро намедонист, эшони Тошбой бошад, ҳар гоҳ вақту бевақт меҳмони Носирхитой шуда хабар мебурд, халтаи хабар шуда эшони Тошбой, бо хабарҳои нохушаш табъи вайро ҳамеша нохуш ва хотирашро ноосуда мекард. Ғазабаш меомад, ваъдаашро дар назди эшони Тошбой ба ҷо оварда наметавонист. Агар ба ҷои ин ду душмани ҷонаш Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо касони дигар мебуданд, Носирхитой кайҳо онҳоро саришта мекард, натанҳо худашон, балки аҳлу авлодашон нест мешуданд, устухонҳояшон ким-кайҳо дар таги хок мепӯсид, рӯи қабрашон як ваҷаб сабза медамид.

Аммо бо як Ҳоҷимаҳмуд, ки вай аллакай ба дили Носирхитой даҳҳо ханҷар задааст, шармандаю шармсораш гардондааст, ҳеҷ кор карда наметавонад.

Дар ин миён боз як ноосудагие дар ҳаёту зиндагии Носирхитой ва ҷумлаи босмачиёни Иброҳимбек ба амал омад. Дастаҳои Аскарони Сурх дар ҳама ҷо онҳоро таъқиб мекарданд, ҷои осудан, бехавфу хатар барояшон намемонд. Йигитҳои онҳо, қумандонҳои обрӯмандашон кушта мегаштанд. Дар деҳаҳо, дар зодгоҳи худашон душманҳояшон беш гашта. Ҳатто духтари холаи худаш Бахмалой рӯ бароварда фаресарро аз сар партофта, ба Иброҳимбек душман шудаасту бачаашро бо Аскарони Сурх ҳамроҳ кардааст. Ҷои хоб, ҷои пинҳон гаштаи онҳоро хабар медоданд, ба дараҷае, ки дар ватанашон барои босмачиёни Иброҳимбек, барои Носирхитой ҷои зист намонда. Маҷбур гашта буданд, ки пас аз амир Олимхон онҳо низ ба хоки Афғонистон гузаранд. Носирхитой низ бо йигитҳояш ҳамроҳи Иброҳимбек аз дарё гузаштанд, дар Афғонистон панаҳ бурданд. Дарёи пуртуғёни Панҷро дар айни баҳор, дар рӯзҳое, ки борон меборид, сел меомад, ҷон ба каф гирифта гузаштанд. Ба мулки бегона рӯ ниҳодан аз ҳама беш баҳри Носирхитой аламовар буд. Дар он сӯи дарё ватан, зану фарзандон. Дилу ҷигараш монда. Аламовар буда барои Носирхитой, ки ба душманаш Ҳоҷимаҳмуд ҳеҷ коре карда натавонист, дар масҷид, дар назди мардуми деҳаи Нилкон, дар ҳозирии эшони Тошбой рӯ ба қибла қасам ёд карда буд. Ҳоҷӣ аз ӯ дур, дар ватан монд. Шояд рӯзе худи Носирхитой кушта мешаваду душманаш зинда мемонад. Агар ҳамин тавр шавад, вай номурод. Не, вай ба муродаш мерасад. Аз як ҷиҳат, баҳри кушта гаштани Ҳоҷимаҳмуд ва ҳатто эшони домулло Мирзо акнун имкони муносиб омада.

Иброҳимбек аз ватан дур, дар мулки Афғонистон. Агар Носирхитой роҳ ёбаду боз як бори дигар ба ватан баргардад, даҳҳо ва ҳатто садҳо касро ҳам ки сар бизанад, ба вай касе чизе гуфта наметавонад. Ҳоҷимаҳмуд ё авлоди вай Иброҳимбекро аз куҷо пайдо карда ба вай арз мекунанд? Худо хоҳад, Носирхитой бо йигитҳояш, албатта, боз аз дарё мегузарад. Дина худи мир Иброҳимбек дар ин масъала ҳарф ба миён овард. Номи одамони бисёреро зикр намуд. Онҳоро ном ба ном нависонд. Онҳо душман, хоин, хабаркаш, ҷосус... Онҳоро куштан лозим буда. Ба ҳазрати мир мефаҳмонад, ки ин вазифаро ӯ бо йигитҳояш ба ҷо меорад. Ана бо ҳамин баҳона боз ба Нилкон меравад, Ҳоҷимаҳмудро меёбад, агар сад ҷон дошта бошад ҳам, як ҷонаш намераҳад. Хунашро мелесад, мехӯрад, баъд дилаш таскин меёбад, ба орзуяш мерасад.

Аз ҷониби Иброҳимбек барои ба ватан баргаштани Носирхитой ва гуруҳи зиёди йигитҳояш фармоиш ба миён омад. Ба ӯ, инчунин, худи Иброҳимбек чанд варақ коғаз дод. Коғазҳое, ки одӣ набуданд. Тақдири инсонҳо, ҳукми қатли онҳо дар онҳо бо хату муҳр тасдиқ ёфта, ба ҳукми қонун даромада. Ба назари Носирхитой он коғазҳо аз тамоми молу амволи дунё пурқимматтар менамуд. Бо чи ваҳшонияте қатли маҳкумшудагонро ба ҷо меорад, ихтиёраш. Молу амволашонро ҳам тороҷ карда ба аспҳояшон бор мекунанд. Шояд ӯ аз болои аспаш нафаромада ба йигитҳояш фармон медиҳад. Онҳо қодиранд, тавоноанд, ҳарчи ки Носирхитой бихоҳад, ба ҷо меоранд. Молу амволи ба ғанимат омада ба ҳавлии Носирхитой бурда мешаванд. Албатта номи Ҳоҷимаҳмуд ё эшони домулло Мирзо дар рӯйхате, ки Носирхитой дар даст дорад, навишта нашудааст. Лекин вай аз ҳама аввал ҳамин Ҳоҷимаҳмудро мекушад, бале,

аз ҳама аввал. Ва баъд бо дили шоду руҳбаландии зиёд аз пайи адои супориши Иброҳимбек меафтад. Молу амволи Ҳоҷимаҳмуд беҳисоб, худи Носирхитой дидааст. Хонаҳои дарун ба даруни қолинпечи ӯ хуб зебу оро ёфта... Ҳамаи онҳоро худаш ба аспҳо бор мекунад, Худо хоҳад, то меххои танаи деворҳои хонаҳои ӯро чида мегирад. Ба ҳамин хел хаёлу орзуҳо Носирхитой чанд шабу чанд рӯз буд, ки аз сарҳади давлати Афғонистон гузашта рӯ ба деҳаи Нилкон асп меронд. Боз мегӯем, ки албатта худаш танҳо не, ҳамроҳи йигитҳояш. Дар ҳамин чанд шабу чанд рӯзе ки Носирхитой бо аҳли рикобаш дар роҳ буд, борон меборид. Ҳаво асло соф нашуд, офтоб намебаромад. Гӯё осмон аз мақсади нопоки Носирхитой огоҳ гашта мегирист, ҳар қадаре ба Нилкон наздиктар мешуд, борон шиддат мегирифт, аз осмон гӯё бо сатилҳо ба замин об мепошиданд. Аспҳо, саворахо ҳама хастаю монда ва шалпар шуда буданд. Вале Носирхитой дар роҳ, имкони дам гирифтан надошт, намехост, ки фурсат аз даст равад. Вай зудтар ба Нилкон расиданӣ буд. Дар ҳоле, Худо хоҳад, ӯ акнун бо Ҳоҷимаҳмуд рӯ ба рӯ меояд, ки аз дасти вай дигар ҳеҷ чиз намеояд. Дар ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд, дар деҳаи вай қиёмат меандозад. Дасту пои Ҳоҷимаҳмудро мебанданд, пешандоз мекунанд, Носирхитой савора, душманаш дар ҳоли забун пиёда, пеши пои вай афтода... Ана ҳамин ҳолро дидан мехоҳад. Бо ҳамин орзуҳо ба сағрии аспаш Носирхитой қамчин меандохту асп медавонд.

Ниҳоят Носирхитой ба деҳаи Нилкон даромад ҳамроҳи савораҳояш. Роҳу роҳрав, боғу майдонҳои деҳа ваҷаб ба ваҷаб барояш ошно. Ин ҷо дӯстонаш мезиҳанд, эшони Тошбойи пираш... Онҳо бо ҳам вомехӯранд.

– Омадам, пирам, ана омадам, – мегӯяд ба ӯ Носирхитой ва боз меафзояд: – Пирам, худатон мегӯед-ку, ҳар кор вақту соат дорад, то Худо розӣ нашавад, намешавад. Ана имрӯз, мо кори мехостаамонро мекунем, – Носирхитой хаёлан гӯё бо эшони Тошбой гап мезад. Вай аз назди бинои масҷид гузашт. Ба ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд наздик меомад. Ана ҳамон дару дарвозаи дутабақаи ҳавлии ӯ. Манзиле, ки борҳо ӯ ин ҷо омада, як табақаи дарвоза кушода. Ба он даробаро доштанд, хидматгорҳо, занҳо, одамоне, ки Носирхитой онҳоро намешиносад. Хонаи Ҳоҷимаҳмуд ҳамеша ҳамин хел ҷои даробаро, сермеҳмон, одами дастархондор. Дар деҳа ӯ барин марди сермеҳмону обрӯманд нест. Лаҳзае лаҷоми аспашро кашид. Ҳамроҳи йигитҳояш ба ҳавлии ӯ даромада, ба сари Ҳоҷимаҳмуд ҳуҷум овардани шуд. Саворaҳояш зиёд, ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд пурпури савора мешавад, мисле ҷои бузкашӣ, дар китфи ҳама боз камон. Дар миёни ҳар кадом шамшер. Ба Худо, ҳамаи аҳли хонавода талхакаф мешаванд, худи Ҳоҷимаҳмуд ба ҳарос меафтад. Ҳамин тавр мекунанд, ҳоло рӯз барвақт, то торик шудан чандин касро кушта нобуд сохтан мумкин, метавонанд, баъди аз ҳавлиаш бароварда куштани вай боз фурсат мемонад, ки баргашта ҳавлиашро талаю тороҷ кунанд. Баъд ба ҷониби Кӯктош, ба деҳааш роҳ мегирад ва баъд боз аз пайи корҳояш меафтад, даст ба бағалаш, ба коғази ҳазрати мир бурд. Аллакай хело лаҳзаҳо буд, ки вай болои асп сукут дошт, фикр мекард, аспаш бетоқатона сумак мезад, гарданак зада лаҷомро мехоид. Саворaҳо, роҳакиҳо, ҳама аз роҳ бозистода назар ба вай доштанд. Фармонашро ҳама интизор. Носирхитой риши дарози паҳну парешонашро, ки чанд вақт боз фурсати ба он қайчӣ задан надошт ва мисли ботинаш шаби тор барин

сип-сиёҳ буд, қабза карда ғарқи фикру хаёлҳо буд. Хаёлаш ба Ҳоҷимаҳмуд, дар хаёле ки чӣ кунад, ба кор шурӯъ намояд ё андаке баъдтар?

– Чӣ кор мекунем? –мепурсиданд чанд нафар ҳамроҳони ӯ.

– Намедонам, – ҷавоб гардонд.

– Тар шудем, – шикоят кард дигаре.

– Ҳеҷ бало намезанад, намемурӣ. – Ба сухани ӯ эътибор надода ҳанӯз хаёлаш ба Ҳоҷимаҳмуд буд. Фикр мекард, ки Ҳоҷимаҳмуд, агар якбора ба ҳавлиаш даромадани савораҳои беҳисоб ва шахсан худи Носирхитойро бинад, ором намешинад, сар намефарорад, ба тақдир тан намедиҳад, силоҳ дорад, мепарронад, то ба даст меғалтад, ки чандин касро нобуд месозад, ё шояд рост ба сари худи Носирхитой ҳамлавар мешавад, ҳамин тавр мекунад, то кушта гаштанаш чанд касро мекушад. Ҳамаашон ошкор мешаванд, фалокат аз таги по мехезад. Агар Иброҳмбек фаҳмад, ки Носирхитой ба ҷои ба ҷо овардани фармони вай ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд даромадааст, йигитҳояш кушта гаштаанд, ба сараш бало меояд. Роҳ ҷустан, роҳи куштани Ҳоҷиро ёфтан лозим. Вай ҳоло бояд аввал ба хонаи пираш эшони Тошбой равад, гап гирад, фаҳмад, ки дар деҳа чи гапу ҳарф, Ҳоҷимаҳмуд дар куҷо, шояд вай дар хонааш набошад, агар ҳамин тавр шавад, пеш аз пода ҷанг кардагӣ барин мешавад. Не, аввал пирашро мебинад. Худо хоҳад, баъд аз пайи кор меафтад...

Носирхитой лаҷоми аспашро сар дод, ба биқини асп бо неши мӯзаҳояш маҳмез зад, савораҳо ҳама роҳакӣ шуданд. Аз паси дарвозаи Ҳоҷимаҳмуд гузаштанд, ба тангкӯчаи хонаи эшони Тошбой даромаданд. Аз тангкӯча базӯр як асп роҳ меёфт. Имрӯз ҳам ин тангкӯча ба ҳамин ҳол боқӣ мондааст, гардиши танг,

мисли ҳамон рӯзҳое ки Носирхитой пеш-пеши саворaҳо буд.

Носирхитой боз дар ҳамон ҳавлии барояш ошно, дар меҳмонхонаи эшони Тошбой. Эшони Тошбой Носирхитойро дида аз шодмонӣ намедонист ӯро дар куҷои меҳмонхонааш нишонад, мехост дӯсти ба дил наздикашро агар илоҷ ёбад, дар ҷои ҷонаш бигирад. Носирхитой дар меҳмонхонаи эшони Тошбой бо чанд нафар наздиконаш ҷойгир шуд.

Аз шаб хело мегузашт. Дар ин мобайн фиристодаҳои Носирхитой, ки онҳо ҳама аҳли деҳаи худи Ҳоҷимаҳмуд буданд, ба хонаи ӯ рафта омаданд, ба Носирхитой хабар оварданд, гуфтанд, ки Ҳоҷӣ дар ҳавлиаш, меҳмон доштааст. Меҳмононаш йигитҳои боз кадом як дастаи босмачиён. Онҳоро гусел карда дар боломанзараш нишаста будааст, мошина мегардондааст, либосҳои фармудаи дастаи босмачиёни Раҳмондодхоҳро медӯхтааст. Аз рӯи маслиҳати эшони Тошбой қотилони Ҳоҷимаҳмуд – Носирхитою чанд нафар ҳамроҳон – муқаррабонаш дар хонаи хоби завҷаи ӯ боломанзари чӯбкориаш, ки ба боми хонаҳои Ҳоҷимаҳмуд, нигас ба нигас часпида буд, камин гирифтанд. Қарор доданд, маслиҳат карданд, ки шаб ё қариби саҳар Ҳоҷимаҳмудро дар ғафлат мононда ба ҷои хобаш зада медароянд. Бо ҳамин мақсад Носирхитой ва ҳамроҳонаш тамоми шаб нахуфта аз боломанзари ҳамсояи Ҳоҷимаҳмуд берун нашуда, чун гурбаҳо ба сӯи хонаи Ҳоҷимаҳмуд гӯш медоданд. Қарор доданд, ки амали дастгир кардани Ҳоҷимаҳмудро айни субҳ, пеш аз азони намози бомдод, ба ҷо меоранд. Аз ин нақшаашон ҳамаи йигитҳои Носирхитой хабардор карда шуданд. Бо наздик омадани мавриди муайяншуда, йигитҳо аз қушхонаҳо баромаданд. Шаб торик буд.

Ҳанӯз, ба мисле ки аз осмон бо сатилҳо об мепошида бошанд, борон меборид. Шаб мисли дили сиёҳи «меҳмонон»-и нохондаи оншабаи деҳаи Нилкон тира ва ваҳмовартар гашта. Бо вуҷуди торик будани шаб босмачиёни Носирхитой дар кӯчаю паскӯчаҳои ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд пас–паси деворҳо, поида-поида роҳ мерафтанд. Мисли калтакеласҳои танаи девор худро ба кулуху коҳгилҳои деворҳо ҷафс намуда, ваҷаб ба ваҷаб ба пеш мехазиданд. Паси дару девор, чуқурию обкандае намонда буд, ки қотилон камин нагирифта бошанд. Ташвишу таҳлука ва ҷонканиҳои ин қадар одами беҳисоб аз баҳри дастгир намудани як мард, ҳама фармон гирифта. Худи ӯ аз торҳои танидаи душман бехабар, бепарво. Он шаб саҳар мешуду Ҳоҷимаҳмуд ҳам мижа таҳ накарда. Аз меҳмонхона берун нашуд. Ӯ дар чи хаёлу душманаш дар чи фикру андешаҳои зиште. Ҳоҷимаҳмуд ният дошт, то саҳар ҳамаи либосҳое, ки барояш фармуда буданд, дӯхта тайёр кунад. Шаби сиёҳ гӯё ба саҳар меомаду Ҳоҷимаҳмуд пайи либосдӯзӣ буд. Либосҳои пора кардаашро медӯхт, як дарзашро дӯхта шуда, боз дарзи дигареро зери сӯзан мемонд. Вай мошина мегардонду паси дару деворҳои меҳмонхона қотилонаш тор метаниданд. Аз боломанзари ҳамсоя роҳ гирифта буданд онҳо ба кулбаи Ҳоҷимаҳмуд, рӯ-рӯи бом сина ба хок ниҳода, ба пеш, сӯи меҳмонхонаи Ҳоҷимаҳмуд мехазиданд. Болору дастакҳо, танаи деворҳоро дошта болои бом мебаромаданд. Ба гӯши Ҳоҷимаҳмуд танҳо садои гардиши мошинааш меомад, садои дигаре намешунид. Қотилонаш ваҷаб ба ваҷаб ба сари ӯ наздик мешуданд. Инак, пеши назарашон дари даромади меҳмонхона. Он ҳам муддаои дили қотилон боз. Ҳоҷимаҳмуд бо умеди аз ҳавои баҳор хуб баҳравар гаштан ҳар ду табақаи дари меҳмонхонаро ба пушт ку-

шода монда... Ва Носирхитой пеш-пеш ва аз паси ӯ даҳ нафари дигар дар як мижа задан рӯ ба даруни хона давиданд. Ҳаёҳуй бардошта буданд ҳама. Бо забони тоҷикию ӯзбакӣ «гир, дор, ушла» мегуфтанд. Дар дасти қариб ҳар кадоме банд, чилбури пашмин. Дастони Ҳоҷимаҳмудро, ки ӯ ҳанӯз сарфаҳм намерафт, чи ҳодиса рух медиҳад ва фурсати ба атроф назар андохтан ҳам намеёфт, ба пушт тоб доданд.

– Хез, пеш даро! – фарёд задани Носирхитой Ҳоҷимаҳмудро ба худ овард. Ҳоҷимаҳмуд, ки дар ғафлат монда буд, барояш дигар илоҷе намонда. Марг ба сари ӯ омада. Номардона амал намуда Носирхитой. Марди номард, аз сояи Ҳоҷимаҳмуд тарсида мегаштагӣ одам.

– Ҳоҷимаҳмуд, – рӯ ба рӯи ӯ меистод Носирхитой. Дастҳои кӯтоҳ-кӯтоҳаш паси пушт мағрурона давом менамуд: – Гуфта будам, ки мебиёям, вомехӯрем, – боз таъкид намуд: – Ана дидӣ, ҷӯра, омадам. Ба берун кашед, занед! – Ба йигитҳояш фармон дод. – Чӣ хомӯшед? Нашунидед чӣ гуфтам, занед!!

Ҳоҷимаҳмудро ба пеш тела доданд, одамони бисёр, миёни онҳо монда буд Ҳоҷимаҳмуд. Ба сараш бо мушт мезаданд, бо лағат мезаданд ӯро. Носирхитой дигар куҷо будани душманашро муайян карда наметавонист. Ӯ ҳанӯз фурсати аз меҳмонхона берун шудан наёфта буд, ки овози доду фарёд, дашномдиҳии йигитҳояш аз рӯи ҳавлӣ ба гӯшаш меомад. Ҳоҷимаҳмудро аз боломанзар ба поён фароварда буданд. Қиёмате дар он субҳгоҳӣ дар рӯи ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд. Хидматгорҳо, занҳо, фарзандон, хешовандон, модари бузургвори ӯ Моҳи Мулло ҳама гирёну нолон.

– Чӣ мекунед, хонасӯхтаҳо, бачама? Ҳоҷимаҳмуд, балам, Ҳоҷӣ, – модар тарафи фарзандаш медавид.

Ҳоҷимаҳмудро аз дарвозааш ба берун бароварданд. Йигитҳои пиёдаи Носирхитой пой ба ӯзангӯи аспҳояшон монданд. Дастони Ҳоҷимаҳмудро бо чилбурҳои пашмӣ ба пеш бастанд. Аз ду тараф саворaҳо нӯки чилбурҳоро ба қоши зин баста «чӯ, ҷонвар, ҳа, чӯ», гӯён онҳоро рӯ ба роҳ гардонданд. Бо баланд гаштани овози азон аллакай дар он пагоҳирӯзии бармаҳал кӯча ва гирду атрофи масҷид пури одам шуда буд. Ҳама ҳодисаи гӯшношуниду рӯзи сиёҳи ба сари Ҳоҷимаҳмуд овардаи Носирхитойи ваҳширо пеши назар медиданд, медиданд, ки худи ӯ савори ҳамон аспи номии сафедаш. Гоҳ пеш-пеши саворaҳояш асп медавонд, гоҳе лаҷоми аспашро кашида рӯ ба Ҳоҷимаҳмуд меовард, гӯё ӯро Худо дода буд, сазо медод Ҳоҷимаҳмудро. Одамон гирёну нолон аз пасаш меомаданд, ҳисобашон лаҳза ба лаҳза зиёд мегашт. Дашном медод баъзеи онҳоро Носирхитой, мезад, қамчин мебардошт ба сарашон, онҳоро парешон менамуд, болои сарашон аз камон тир холӣ мекард, мардумро метарсонд. Аз чашмони ҳозирон ҳисси норизоӣ, кину ғазаб ҳувайдо буда, мардум ба шӯр, ба қиём меомадагӣ барин. Шояд баҳри Ҳоҷимаҳмуд хархаша ба миён меомад. Носирхитойро онҳо гӯё намешинохтанд, салом намедоданд, дар даст таёқу дангал, шоха доштанд. Носирхитой ба сарашон давид, пеши роҳро бо чанд нафар банд намуд, мардумро аз роҳ гардонд, қасам ёд кард, ки агар боз по пеш монанд, якояк тирборон мешаванд. Пеши камондорон, пеши саворaҳои хунмасти чашмонашон аз косахонаи сар буруншуда одамони пойбараҳна, камбағалони бебизоат, бесилоҳ чӣ ҳам гуфта метавонистанд, ноумед, як-як ақиб мегаштанд, мерафтанд.

Аз масҷид андаке дур рафта, аз назди мазори Шоҳтут гузаштанд. Шоҳтутҳои болои мазорро дар ким –

кадом замоне шинондаанд, чаро ин ҷои муқаддасро мазори Шоҳтут мегӯянд, имрӯз ҳам баҳри мо номаълум. Кӣ медонад, дар кадом асре чи шахси бузург, авлиё, хидматкарда, соҳибназаре ин ҷо хок шудааст. Шояд аз туфайли дарахтони шоҳтут, ки баъзешон хушк ҳам шуданд, ин ҷои муқаддасро мазори Шоҳтут номидаанд. Дар айёми хурдсолиамон мо болои онҳо мебаромадем. Шоҳтутҳои сип-сиёҳ, ширин, асалин. Ҳоло атрофи мазорро девор бардоштаанд, он ба ҳавлие ҳамроҳ шуда. Вале ҳанӯз, ҳам ин ҷои муқаддасро мазори Шоҳтут мегӯянд, аз назди мазор чун гузори касе афтад, албатта аз роҳ бозмеистад, ба руҳи бузургвор фотиҳа мехонад.

Ва он рӯзи баҳор, ки абрҳои сиёҳ болои осмони деҳаро пӯшида, борон меборид, аҳли деҳа, аксар марду зан аз паси Ҳоҷимаҳмуд то ана ҳамин ҷо, то мазори Шоҳтут омаданду баъд аз ҳарос ҳама ақиб гаштанд. Аммо танҳо як нафар, марди қоматбаланде, ки дар сар салла, дар тан чакмани пашмини сафеди дароз доштанд, паҳлӯ ба паҳлӯи Ҳоҷимаҳмуд қадам мемонданд. Ҳоҷимаҳмуд сар ба қатори аспҳо медавид, монда шуда, гӯё забон аз ҳалқаш берун гашта. Ба сараш борон мерехт, сар то қадам, либосҳояш шип-шилтаи об, ҳанӯз ба худ, ки буд роҳ мерафт, пешпо хӯрда афтод. Салла аз сараш ғалтид, Носирхитой аз болои асп хам шуда салларо бардошт, чашмаш дар ҷомаи зебои ӯ дармонд. Ҷомаро ҳам аз танаш кашид, саллаю ҷомаро ба дил ширин карда буд, ки ба почаи хӯрҷинаш ҷой намуд. Ҳоҷӣ аз ҳол мерафт. Об нӯшидан мехост, дилу ҷигараш бирён. Аммо ку об, обе, ки хуб бинӯшаду бинӯшад, ташнагиаш бишканад. Марди қоматбаланди ҳамроҳашбуда ҳам бо ӯ дар азоб, бо афтодани ӯ гӯё эшон ҳам меафтоданд, пешпо мехӯрданд, қамчинҳои саворахо, ки гоҳи пешпо хӯрда афтодани Ҳоҷимаҳмуд ба сараш мефаро-

мад, ба сари он кас низ меомад, «уҳ, оҳ» мегуфтанд бо ҳар зарбаи қамчине, ки ба сари Ҳоҷимаҳмуд меомад... Аз назди мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ, ки дар даромадгоҳи қабристони болои деҳа ҷойгир шудааст, гузаштанд. Барои он асрҳо боз манзили ашхоси бузургворро мардум мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ мегуфтаанд, ки шабҳои ҷумъа болои хокдони эшон нӯкча сӯхта рӯшноӣ медодааст. Ва баъд Ҳоҷимаҳмудро ҳам ҳамон рӯзҳо ҳамин ҷо дар дохили мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ ба хок супурдаанд.

Саворон, Носирхитойи бераҳму ҷоҳил Ҳоҷимаҳмудро, ки аз пой афтода буд, рӯ-рӯи замин кашола карда аз назди мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ ва баъд аз подаҷо, ки он вақт подаи аҳли деҳа ҳамин ҷо дар болои деҳа ҷамъ мешуд ва бегоҳиҳо мардум гову молҳояшонро аз ҳамин ҷо, аз сари пода гардонда хонаҳояшон мебурданд, гузаронда, аз деҳа берун шуданд. Марди қоматбаланд, ки дар сар саллаи сафед доштанд, ҳанӯз бо Ҳоҷимаҳмуд ҳамроҳ. Ба ҷуз эшон дигар касе аз мардуми деҳа ҳамроҳи Ҳоҷимаҳмуд намонда. Носирхитой гоҳе лаҷоми аспашро назди он кас кашида тамасхуромез бо мард ҳамгап мешуд.

–Дар умрам нав одамеро мебинам, ки худаш сӯи маргаш, барои кушта гаштанаш медавад, ҷабр ба ҷони худаш мекунад, – ва бо ҳайрат аз мард боз суол мекард: – Ё дурӯғ мегӯям?

– Рост мегӯед, бандаро ҳам кушед. Ҳамроҳи Ҳоҷимаҳмуд. Якҷоя бо вай мемирам, шумоҳо бераҳм, беинсоф, номусулмон, – овози эшон баланд мегашт.

– Эшони домулло Мирзо, ба худ биоед, тоқатамонро тоқ кардед. Аз ҳад нагузаронед, медонам, ҳамаи инҳо, – ба саворонаш ишора кард Носирхитой, – шуморо ҳурмат мекунанд, «пирам» мегӯянд. Лекин ана фармо-

ни мир-Иброҳимбеки Музаффар, бовар накунед, нишон медиҳам, – гуфта Носирхитой коғазеро аз ҷайбаш баровард ва афзуд: – Номи шумо ҳам ин ҷо ҳаст, ҳукми қатли шумо ҳам ҳаст. Агар аз роҳатон нагардед, Худо занад, шуморо ҳам мекушам, – қасам ёд намуд ва боз аз сари ҷаҳлаш гашта биафзуд: – Беҳтараш аз роҳатон гардед, равед. – Носирхитой камонро аз китфаш гирифт, ҳамаи савораҳо аспҳояшонро нигоҳ доштанд. Ҳоҷимаҳмуд ҳам ба по шуда буд, рост меистод. – Эшони домулло, ба шумо гап дорам, – гуфт ва эшони домулло Мирзо наздики ӯ шуданд. – Ҳар гуноҳе карда бошам, маро бахшед, салом гӯед ба ҳама, ба модарам, – оҳиста ба гӯши писархолааш боз пичиррос зад. – Аз таги ахтахона бохабар шаветон, ризқи фарзандонам, аҳли аёлам, васиятам ҳамин, равед, аз марги шумо чӣ суд? Аз якҷоя мурданамон нафъе намешавад, равед, равед... – суханони охири Ҳоҷимаҳмуд дар гӯши эшони домулло Мирзо садо медоданд, фармоишашро бояд ба ҷо меоварданд. Ноилоҷ буданд. Носирхитой ба гапу ҳарфи эшони домулло Мирзо ва Ҳоҷимаҳмуд гӯш медод, таъкиди Ҳоҷимаҳмуд дар гӯшаш монда, ки мегуфт: «аз таги ахтахона бохабар шавед».

Эшони домулло Мирзо бо дидаи ашкбор, дилу ҷигари бирён ақиб, рӯ ба ҷониби деҳа оварданд. Саворaҳо Ҳоҷимаҳмудро аз сари кутал рӯ ба нишеб мебурданд. Ҳаво тираю тор, рӯзи равшан гӯё шаб шуда, борон мебориd, гӯё ба ҳоли Ҳоҷимаҳмуд табиат мегирист, замину замон торикистон мегашт, садои тундар, чироғак, олам, осмон дар ларза, рӯзи марги Ҳоҷимаҳмуд буда он рӯз, рӯзи тираю тори баҳори соли 1925.

Эшони домулло Мирзо аз кӯчаҳои деҳа гузашта ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд мешитофтанд. Назди масҷид расида дудила шуданд. Ба масҷид дароянд ё ба кулбаи худа-

шон баргарданд. Ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд даромадан бараяшон душвор менамуд. Он ҷо ҳама нолон, ҳама дар ғами ҷони Ҳоҷимаҳмуд. Ба аҳли хонавода, ба модари Ҳоҷимаҳмуд – Моҳи Мулло чӣ ҷавоб мегӯянд?

Бо сари хам, бо дидагони ашкбор беихтиёр ба ҷониби хонаи Ҳоҷимаҳмуд қадам монданд. Аз дарвоза дохили ҳавлӣ шуданд, ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд мотамкада. Хонаҳо, пешайвонҳо пур-пури одам. Гӯё кулли занҳои деҳа ба ин ҷо бахри аҳволпурсӣ омада буданд, хидматгорон дар рӯи ҳавлӣ зери борон қадам мезаданд.

– Бачам канӣ, эшони домулло? Ҳоҷимаҳмудама, бачама куҷо бурданд? Ҳамроҳ будед, канӣ Ҳоҷӣ? – Моҳи Мулло рӯймоли калони сиёҳ ба сар партофта гӯё аллакай дар ғами ҷигарбандашон менолиданд, «баламой» мегуфтанд ва гашта баргашта аз эшони домулло Мирзо мепурсиданд, «бачама куҷо бурданд, эшони домулло, ҳамроҳ будетон-ку, гап занед».

Аммо эшони домулло Мирзо назди модар хомӯш буданд, сухане намеёфтанд, ки ба он кас бигӯянд, таскину тасаллиашон бидиҳанд. Васияту ҳасрати Ҳоҷимаҳмуд дар хаёл сӯи ахтахона назар андохтанд. Аз афташ он ҷо тиллою тангаҳои Ҳоҷимаҳмуд, «аз таги ахтахона бохабар шавед» гуфтани ӯ ба ҳамин маънӣ будагист. Ҳавлӣ пури одам, назди одамони беҳисоб, дар рӯзи равшан белу каланд гирифта замин кананд, мардум мебинанд. Шаб мекананд, шаби торик, касе набинад, ҳа, ҳамин тавр мекунанд, ҳоло ғами ҷони Ҳоҷимаҳмудро бояд хӯранд, «Ҳоҷимаҳмуд» гӯянд.

Ҳанӯз мардум, аҳли деҳа аз ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд берун нашуда, ҳанӯз эшони домулло Мирзо ба модари Ҳоҷимаҳмуд чи гуфтану чи сухан ба забон оварданашонро намедонистанд, пеши назарашон фоҷиа, фоҷиаи ба сари писархолаашон омада дар ҷилва буд, ки

боз садои суми аспҳо, садои ҳаёҳӯи саворахо ба гӯш меомад.

– Омаданд! – Касе аз дарвоза даромада хабар расонд.

– Омаданд?!

– Эшони домулло, паноҳ шавед, ба ҳавлии ҳамсоя гузаред тез, зуд, – боз таъкид мешуниданд. Вале эшони домулло Мирзо аз ҷои исташон намеҷунбиданд, баъди аз сар рафтани Ҳоҷимаҳмуд барояшон ҳаёт, зиндагӣ дигар гӯё маънӣ надошт.

– Эшони домулло, панаҳ шавед, – модари Ҳоҷимаҳмуд талаб доштанд аз он кас.

– Панаҳ шавам? Боз чӣ кор кунам? – Эшони домулло Мирзо заҳрханда доштанд.

Ҳар ду табақаи дарвоза шаракқосзанон боз гашт. Саворахо мисли сел-сели пурдаҳшат аз дарвоза ба даруни ҳавлӣ шориданд, ҳама чавандоз, бузакиҳо барин, ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд гӯё пайкаҷо. Ҳама ҳайёҳӯй доштанд. Пеш-пешашон боз ҳамон марди хунхор. Чашмони чун пилишки сӯзан танг-тангаш суп-сурх, пурхун, ҳозирон ба либосҳои вай назар дӯхта, ба тааҷҷуб афтода. Дар сари ӯ саллаи пешоварии хуб, моҳирона бастаи Ҳоҷимаҳмуд, дар танаш ҳамон ҷомаи шоҳии абри тахта-тахта сурху сафеди вай. Либосҳои Ҳоҷимаҳмудро дар тани Носирхитойи хунхор дида дили эшони домулло Мирзо ба замин зад. «Ҳайфи Ҳоҷимаҳмуд, сад ҳайф», пичиррос заданд беихтиёр. Маълум, хунмастон, аллакай хуни ин марди ҷасурро рехта, вайро даррандавор ба қатл расонида, ба мақсади нопокашон ноил гашта боз ба рӯи дӯкони ӯ, назди аҳли айёл, назди модари зораш баргашта буданд.

Носирхитой аз асп пиёда шуда, банди дастаи қамчинро ба банди дасташ андохта бо нӯки қамчин ба соқи мӯзааш топ-топ зада ҷониби модари Ҳоҷимаҳмуд,

ки бо дидагони ашкбор аз қотили фарзандаш дида намеканд, қадам мемонд. Назари модар ба Носирхитой, ба саллаи сар, ба ҷомаи тани вай, ҷомае, ки модар худаш ба тани Ҳоҷимаҳмуд пора карда дӯхта буд. Чашмонаш сиёҳӣ заданд. Ба хаёлаш ки фарзандаш баргашта, ҳа, ана худи худаш, дар сараш ҳамон саллааш ва дар тан ҳамон ҷомааш, фарзанди модар сиҳат саломат баргашта. Дигар аз ин рӯзи хуш ва шодиовартаре бахри модар насиб мешавад? На, шукр, ана фарзандаш – Ҳоҷимаҳмудаш боз дар хона, ҷонибаш меояд, сиҳат аст. Хомӯшона бо сари хам қадам мемонд, модар фидои ӯ мешавад, фидои фарзанди номдор, фидои Ҳоҷимаҳмуд.

– Ҳоҷимаҳмуд, омадӣ? Тарсидам, талхакаф шудам, ман бе ту рӯз набинам, биё, бачам, Ҳоҷимаҳмуд, бачам, – модар беҳушона сар ба сандуқи синаи қотили фарзандаш ниҳод, ҷомаи тани ӯро бӯид, бӯи фарзанд, бӯи Ҳоҷимаҳмуд, ҷомаи ҷигарбандаш дар тани қотили вай.

– Ҳоҷимаҳмуд, ҷонакам Ҳоҷимаҳмуд! Талхакаф шудам, ба Худо, ҷон аз танам баромад, – модар сар аз оғӯши қотили фарзанд набардошта, беҳушона ба қаду басти ӯ мемурду мезист, – Ҳоҷимаҳмуд, гап зан, чаро хомӯшӣ?

Ниҳоят модар аз қотили фарзанд ҷавоб шунид. Ба сараш тозиёна паси тозиёна омад.

– Кампири беақл, гум шав, ман бачаи ту не, бачата куштам! – Фарёд зад. Модар афтод, беҳуш, беёд, сараш болои пойҳои қотили фарзанд. Баъд касе пеши роҳи Носирхитой дучор меомад, қамчин мехурд, аз миёни ҳавлӣ аз камон ба осмон паи ҳам тир холӣ мекард Носирхитой. Носирхитой бо йигитҳояш хонаи Ҳоҷимаҳмудро талаю тороҷ кард. Бору бун, чизу чора, кулли молу амволи вайро аз хонаҳои дарун ба берун баро-

варда ба аспҳо бор карданд. Ва Носирхитой «аз таги ахтахона бохабар шавед» гуфта ба домулло Мирзо таъин кардани вайро ба гӯш гирифта буд. Бо фармоишаш даҳҳо нафар белу каланд дар даст замини ахтахона, охурҳои аспҳоро канданд. Дороии васият кардаи Ҳоҷимаҳмуд пайдо гашт. Аз таги замин чанд кӯза ёфтанд, кӯзаҳои тангаю тилло. Тангаю тиллоҳои Ҳоҷимаҳмудро бурданд.

Носирхитой, саворахҳои ҳамроҳи ӯ, дар он рӯзи ҳавои пурабр, ки ҳанӯз борон мeборид, бо бору буни зиёд, бо тангаю тилло аз хонаи Ҳоҷимаҳмуд, аз деҳаи Нилкон бурун рафтанд.

Лек мегӯянд, ки баъд воқеае рух дода. Носирхитой ва аҳли рикобаш аз деҳаи Ҳазрати Мавлоно баромада рӯ ба дарё мерафтаанд, дар пеш дарёи Кофарниҳон, дарёро бояд мегузаштаанд. Аммо натавонистаанд. Ҳамаро дарде гирифта. Носирхитой қомат рост карда натавонистааст, дардаш ҷонгудоз, дарди шикам, дард ба шикамаш чанг андохта. Пахш мекардааст шикамашро ба қоши зин. Вале миёнаш рост намешуда. Мефаҳмад, дарк менамояд, ки руҳи Ҳоҷимаҳмуд аз ӯ ранҷида, пушт ба пушти вай эшону эшонзода. Дард лаҳза бар лаҳза зиёд гашта бедавотар мешуд Носирхитой.

«Тавба кардам, Ҳоҷимаҳмуд, маро бубахш, Ҳоҷимаҳмуд», аз зӯри дарди ҷонгудоз доду фарёд мезадааст он хунхор. Бо умеди раҳо ёфтан аз дард ақиб мегардад. Лаҷоми аспро аз нав ба ҷониби деҳаи Нилкон мегардонад, меояд ба ҷое, ки Ҳоҷимаҳмудро ба қатл расонида буд. Сари мурдаи ӯ аз асп пиёда мешавад, фӯтааш дар гардан, замин мебӯсад, тавба мекунад. Лек ба ҳеҷ гуна чораю тадбир Носирхитой дигар аз дард ба худ намеояд. Ба хонааш расида наметавонад. Хешовандон пас аз чанд рӯз мурдаи ӯро пайдо кардаанд.

* * *

Рӯз бегоҳ шудаву чашми рӯз кушода нагашта борон аз боридан намонда, шаб шуда. Модари Ҳоҷимаҳмуд мижа таҳ намекард. Аз болои ҷойнамоз намехест, намоз мехонд, ба даргоҳи Худованд барои рӯзи сахти ба сараш омада шукр мегуфт, тавба мекард, гоҳе аз хона берун шуда ба осмон назар меандохт. Ва ниҳоят абрҳои сияҳ аз осмон парешон гаштанд. Ҳаво соф шуд, ситораҳо дар осмони нилгун мавҷ мезаданд. Ва рӯз шуд, саҳар омад, офтоб рух намуд. Ҳаво софу беғубор. Ба гуфтае ҳавои бад нек мешаваду одами бад нек намешавад. Ҳама, хешовандон, аҳли деҳа маҳтали саҳар буданд, маҳтали софу беғубор гаштани осмон, маҳтали рух намудани офтоб. Ҳама ба ҷустуҷӯи Ҳоҷимаҳмуд баромаданд. Медонистанд, ки қотилон фурсати ӯро ба дуриҳои дур бурдан наёфтаанд. Эшони домулло Мирзо ҳамроҳаш то сари кутал омада. Аммо баъд ба кадом гӯшаи замин бурдандаш, намедонистанд. Бисёриҳо бо эшони домулло Мирзо сари кутал, рӯ ба қибла, ба ҷонибе меистоданд, ки Ҳоҷимаҳмудро ҳамон сӯ мебурданд. Пеши назар дашту биёбон, талу теппа, дар дуртар дараи Ойтуғдӣ, баъд сангоби Лойоб. Аз афташ он рӯз охирҳои моҳи май буда. Модари Ҳоҷимаҳмуд Моҳи Мулло дар ҳаққи фарзанд сӯхта-сӯхта шеърҳо гуфтаанд. Як байт аз он рӯзҳо монда, онро аз забони писархолаам эшони Акрамхон, ки синнашон қариб ба навад расидааст, шунидам.

*Ҳоҷиро бурданд сар-сари гули гандум,*
*Шаҳидуш кардан(д) дар заминҳои мардум.*

Аз рӯи гуфтаҳо хардума сар кашида, алаф то ба миён расида, дар баъзе ҷойҳо қарибе одамро панаҳ мекарда.

Ҷасади Ҳоҷимаҳмудро аз миёни ҳамин гуна алафзорон меҷустанд, ваҷаб ба ваҷаб пеш мерафтанд аз миёни алафҳо, қатор шуда то лаби сангоби Меҳтарӣ рафта меомаданд. Нишоне аз Ҳоҷимаҳмуд пайдо намешуд, ӯро қотилон дар ин ҷойҳо накушта гӯё ҳамроҳ бо худашон бурда буданд. Не, ин андешаҳо ғалат. Саллаю ҷомаашро дар тани Носирхитой дида буданд-ку.

Рӯзи баҳор бегоҳ шуда аз масҷид овози азони намози аср баланд гашт. Мардум хастаю ноумед шуда намозхонӣ ба деҳа бармегаштанд.

Баъди намози шом ба деҳа хабар омад, ки ҷасади Ҳоҷимаҳмудро ёфтаанд. Подабони деҳа бобои Комил пайдо намуда. Қотилон вайро ба ҷои дур набурда будаанд. Андаке дуртар аз деҳа, дар болои кутал, миёни замин дар таги дарахти тут паронда будаанд. Тути ягона дар миёни замин, кӣ ва кай онро шинонда? Кӣ заҳмат кашида, об дода, онро сабзонда? Касе ёд надошта. Аз рӯи тахминҳо агар Ҳоҷимаҳмудро охири баҳори соли 1925-ум дар зери ин тут кушта бошанд, аз он рӯзҳо беш аз 80 сол мегузарад. Дар давоми ин ҳаштод сол ва пеш аз он чи рӯзҳое ба сари ин тути ягонаи миёни дашт наомада.

Баҳору тобистон, зимистонҳои қаҳратун, фаслҳои беҳисоби солро аз сар гузаронда. Парандаҳо дар шохаҳои он лона гузошта, ҷои осудан ёфта. Гунҷишкаконе, ки аз ҷойҳои дур рӯ ба деҳа парвоз мекарданд, албатта сари шохаҳои тут нишаста, осуда, дам гирифта, чирикчириккунон дар ҳаққи касе, ки ин тутро шинонда дуои нек карда. Инсонҳо дар зери ин дарахти ягонаи миёни дашт чи амалҳо ба ҷо наоварда. Кош, он ба забон меомаду аз кирдори онҳо ҳикоят мегуфт, аз ҷумла, аз рӯзи бороние, ки Ҳоҷимаҳмудро дар зери он куштанд. Хуни гарми ӯ рӯи алафҳо, бехи решаҳои тут ҷорӣ гашта.

Баъд баҳорон дар ҷое, ки хуни Ҳоҷимаҳмуд рехта буд, ҳар сол гиёҳе мерӯид, гиёҳи сурх, онро қиёқи сурх ҳам мегуфтанд. Гиёҳ аз хуни Ҳоҷимаҳмуд сурхӣ ёфта. Хуни шаҳид, мардум ин ҷойро зиёрат мекарданд. «Ҳоҷимаҳмуд марди назаркарда, дараҷадор», мегуфтанд.

Дар замони Ҳукумати Шӯравӣ, дар солҳои колхозӣ пастию баландӣ, решаҳои сари заминҳоро ҳамвор мекарданд, ҷои қатли Ҳоҷимаҳмуд, теппачаи зери тут ҳам бо мақсади васеъ шудани замини кишт, ҳамвор карда шуд. Гиёҳҳое, ки аз хуни Ҳоҷимаҳмуд ранг гирифта буданд, бо решаҳояшон аз рӯи замин сутурда гаштанд. Солҳои охир ба сари ҳамин тути ягонаи миёни дашт ҳам чандин балоҳо омада. Дар солҳои ноором, низоъҳои байниҳамдигарии тоҷикон он тирборон ҳам шуда. Оташи барқ ба бехи кундааш афтода, қариб то ними танаи тут сӯхтааст, вале ҳанӯз шохаҳои тут сабз, дар баҳорон он ғарқи барг мешавад.

Соли 1990-ум чанд қадам поёнтар аз ҳамин дарахти тут, ки онро тутак ҳам мегӯянд, барои нашриёти «Адиб» ҳини сарвари нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ будам қариб як гектар замин гирифта будем. Хоҷагии ёрирасони аҳли нашриёт. Дар он картошка, помидор ё гандум мекоридем, боғи ангур ва себзорон бунёд гашт. Аммо баъде, ки колхоз дар ихтиёри силоҳдорон монд, бо фармони қумандони онҳо Бобои Раҳмон – Раҳмон Гитлер замини нашриёт ба аҳли деҳа тақсим карда шуд. Дар гирду атрофи замини тутак хона, боғу майдонҳо пайдо шуданд. Замини тутак, ки як вақте дар баҳорон, дар зери он фарзанди бооору номус, далеру тавонои деҳа Ҳоҷимаҳмуд кушта шуда буд, ба деҳа ҳамроҳ гашт. Бобои Раҳмон – Раҳмон Гитлер замини тутакро барои бунёди масҷид ҷудо на-

муд. Аз рӯи гуфтааш ин дарахти ҷабрдида – тутак миёни саҳни масҷид бояд мемонд, намозгузорон дар ҳаққи Ҳоҷимаҳмуди шаҳид дуою фотиҳа мехонданд. Бобои Раҳмон корҳои хайр ҳам мекард, дар деҳаи Дуоба масҷид сохта буд. Вале одамон ҳамин пораи замини Тутакро, ки Раҳмон-Гитлер масҷид созед гуфта буд, соҳиб шуданд, аз они худ карданд. Дарахти тути дар гузашта дар миёни дашт ягона – тутак миёни дарахтоне, ки имрӯз сабзондаанд, ба назар нонамоён гаштааст, як вақте мазор будани он фаромӯш шуда. Шояд онро бурида аловӣ ҳам мекунанд. Одамон ҳамин хеланд, носипос, беандеша, худхоҳ, нишонаҳо, ёдгориҳои гузаштаро ҳам барҳам медиҳанд.

Он рӯзи баҳор ҷасади ба хун оғӯштаи Ҳоҷимаҳмудро аз зери ҳамин дарахти тут ба деҳа бурданд. Ва аҳли деҳа Ҳоҷимаҳмуди шаҳидро дар дохили мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ ба хок супурданд.

Имрӯз аз Ҳоҷимаҳмуд фарзанд ҳам намонда, як фарзанди ӯ, ки Эмом ном дошта, яке аз муаллимҳои аввали ҷамоаи Роҳатӣ будааст, ихтиёран ба ҷанг рафта дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок гаштааст. Мардум гоҳе гап дар масъалаи шараф, нангу номуси аҳли деҳа равад, номи Ҳоҷимаҳмудро ба забон меоранд. Дар ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд, ки дар паси девори масҷид ҷойгир буд, аввал яке аз хешовандони наздики ӯ, набераи Моҳи Мулло муаллим Саъдуллои Ислом мезист. Баъд ӯ бо аҳли оилааш аз деҳа рафт. Алҳол дар деҳаи Мачитон мезиҳад. Синну солаш қарибе ба сад расида. Фарзандони баркамол дорад. Якеи онҳо Шамсулло, фарди ба аҳли илм маълум, олими намоён. Ӯ дар шӯъбаи маориф ва илми Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа дорад. Дар ҳавлии Ҳоҷимаҳ-

муд имрӯз бобои Яҳё зиндагӣ мекунад. Марди фақирҳол, соҳибэҳтиром, худоҷӯ, соҳиби хонаю дари обод ва фарзандони солеҳ. Эҳтиромашон ба гузашта зиёд, ҳавлиаш ба назар ӯ ҷои муқаддас менамояд, ба назари завҷааш ва фарзандонаш ҳам. Ҳоҷимаҳмуд, модари ӯ Моҳи Муллоро бо дуо, бо фотиҳа ёд мекунанд.

* * *

Русҳо дар пешона чашм надоштаанд, одамхур ҳам набудаанд. Гуфтаҳои беҳуда дар ҳаққи онҳо ғалат. Камбағалпарвар буданд, ба мардум меҳрубон. Бою муллоҳо душманашон. Онҳоро меҷустанд, аҳли деҳаи Нилкон аксар муллою эшон, одамони аҳли савод, аҳли тақво. Баъзеи ин зумра одамон аз деҳа ба ҷойҳои ба хаёлашон орому осуда, бехавфтар кӯч мебастанд. Деҳаҳо ва маҳаллаҳои ӯзбекнишин барояшон аз ҷумлаи ҷойҳои бехавфтар ҳисоб мешуданд. Ба замми ин, қавми лақай, ки аксар дар ҳудуди ноҳияи ҳозираи Рӯдакӣ мезистанд, ба эшону муллоҳо эътиқод ва эҳтиром доштанд, аҳли дин, эшону муллоҳоро «пирам» мегуфтанд, мепарастиданд, ба онҳо паноҳгоҳ медоданд.

Ҳамон сол беш аз даҳ оила аз деҳа кӯчида ба деҳаҳои лақайҳо рафтанд. Аксарашон ҳамроҳи қавми лақай монданд, дигар ба деҳаи Нилкон барнагаштанд.

Ду нафар шоирони ӯзбекзабон Зикруллохон ва Неъматҷон Иброҳим, ки дар рӯзномаи «Совет Тоҷикистони» кор мекарданд ва китобҳояшон нашр шудаанд ва адиби ӯзбекзабон эшони Таваккалхон аз ҷумлаи фарзандони аҳли деҳаи Нилконанд, ҳамон солҳои ноором волидайнашон кӯчида ба деҳаҳои қавмҳои лақай рафта буданд.

* * *

Эшони домулло Мирзоро душмани ҳукумат ҳисобида буданд. Гуноҳашон вазнин, дар Бухоро хондаанд, мударрис. Шогирдҳо доштаанд, аз дину шариат дарс мегуфтаанд, мардум бероҳа мешудаанд. Он касро ба ҳабс гирифтанӣ буданд. Аммо наметавонистанд, мекофтанд. Шогирдонашон аввал эшони домулло Мирзоро ба деҳаи ҳамсоя ба Теппаи Самарқандӣ, баъд андаке дуртар, ба деҳаи Оқтоқ бурданд. Дар миёни деҳаи Оқтоқ ва Нилкон, чанд теппа ва заминҳои дараи Ойтуғдию сангоби Лойоб. Барои аз ҷониби офтоббаро, аз сангоби Лойоб гузашта ба деҳаи Оқтоқ даромадан кутали баландеро баромада баъд онро нишеб шудан лозим буд. Дар поёни кутал деҳа. Дар ду тарафаш теппаҳо ва дар фарози баландиҳо хонаю ҳавлиҳо. Дар миёни деҳа масҷид. Дар паси девори масҷид, наздики дари даромади он чашмаҳои оби мусаффо, чашмаҳое, ки тамоми аҳли деҳа аз ҳамин ҷо об мебурданд, гову молҳояшон низ аз ҳамин ҷо об мехурданд. Беоб буд деҳа, деҳаи камаҳолӣ. Деҳаи Оқтоқро Деҳқонхона ҳам мегуфтанд. Мардум бештар ба ғаллакорӣ машғул буданд. Дар канори теппаҳо боғҳояшон, боғҳои ангур, палаккорӣ ҳам пешаашон, тарбузу харбузаҳои лалмӣ қанд барин ширин мешудаанд. Аҳли деҳа хурсанд буданд, ки эшони домулло Мирзо барин як олими машҳур Оқтоқро ҷои истиқомат ихтиёр кардаанд. Эшон панҷ вақт намози онҳоро хонда медоданд, имомхатибашон. Эшони домулло Мирзо саъй доштанд, ки ба деҳаи Оқтоқ омаданашон овоза нашавад, вале наметавонистанд. Овоза ба бисёр деҳаҳои дур ҳам расида буд. Пурсида – пурсида мардум ба ин ҷо меомаданд. «Ҳазрати домуллоро зиёрат кунем», мегуфтанд. Боз дар наздашон шогирдон, сабақ меомӯзонданд ба онҳо. «Аз мусофирати эшони домулло фоида бурданамон лозим»,

гӯён мардуми деҳа низ аз илму фазилаташон баҳраманд шудан мехостанд, ба гуфтае ҳазрати домулло забони каҷи бисёриҳоро рост мекарданд. Одате доштаанд эшон, ки дар ҳар шароите бошад ба мардум, ба шогирдон илм омӯзондан мехостанд. Мардуми Оқтоқ аҳли оила, фарзандони домулло Мирзоро ҳам кӯчонда ба деҳаашон оварда буданд. Лек хаёли он кас доимо ба Нилкон, ба деҳа, ба масҷид, ба мазорҳои деҳа. Деҳае, ки дар он бисёр зотҳои пок хок шудаанд. Мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ва боз чанд нафар ҷигаргӯшаҳои дигари Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар саҳни масҷид, Чилламазор, мазори Шоҳтут, мазори Хуҷарӯшноӣ. Эшони домулло гоҳо бо хаёли зодгоҳашон ва мазорҳои он пеш аз намози бомдод ё баъди намоз кутали деҳаро боло шуда, сари кутал баромада рӯ ба ҷониби офтоббаро, рӯ ба Нилкон меоварданд. Аз деҳа, аз ҷониби офтоббаро аз осмони софу беғубори нилгун дида намеканданд, тулӯи офтобро тамошо мекарданд. Пеш аз рух намудани офтоб осмон сурхчатоб, зарди пурҷило, ба мисли аловдаста ранг пайдо мекард. Баъд нурҳои офтоб падид омада пардаҳои рангин пора мегардиданд, нопадид мегаштанд. Офтоб мебаромад, олам аз нурҳояш зебо мегашт, ибтидои рӯзи нав, тавлиди боз як рӯзи нави умри инсонҳо. Болои Нилкон ҳам нурҳои офтоб парешон гашта, он ҷо манзил, ҳавлӣ, хонаҳои эшон. Дари хонаҳо қуфл, дарвозаи ҳавлиашон ҳам. Аз ҳарос аҳли хонадон ҳама аз ҳавлӣ баромадаанд. Касе дигар дарҳои хонаҳоро намекушояд. Гову молҳо беалаф, беоб мемонанд, гоҳе хешовандон, ҳамсояҳо ба онҳо шояд нигоҳубин мекунанд. Вафодории сагҳо маълум. Сагҳои пирашон Бахмал ва Сиёҳак гӯё хонабон. Баъзан бехӯрок, беобу нон ҳам ки монанд, аз ҳавлӣ берун намераванд.

Болои боми ошхона мебароянд, он ҷо ҳалқа мезананд, хоб мераванд, посбонҳои бовафои ҳавлӣ. Ин ҷонварҳо аз рӯзи сиёҳи ба сари соҳибонашон омада огоҳ. Сагҳо дар азоб, ҳайф. Соли дуюм мегузарад, ки дар азобанд. Саги пир хароб, пашми баданаш қарибе ба замин расида, дароз шуда. Нилкон наздик, вале он ҷо рафта намешавад. Силоҳдорон гирди деҳаҳо мегарданд, сари роҳи одамонро мегиранд. Муллою эшонҳоро меҷӯянд. Нилкон наздик, сари роҳаш гӯё мор, душман хоб рафта.

Ҳоли масҷид ва мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро тасаввур мекарданд эшони домулло Мирзо. Кайҳо боз аз масҷид дигар овози азон баланд намешавад. Муаззини масҷид амаки Эшонча гоҳе аз ҷонаш гузар карда аз баҳри савоб азон мегуфт. Ӯро ҳам бурда ҳабс кардаанд. Саҳни васеи сабзазори масҷид камодам, ба зиёрати мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф, ки пеш, хусусан рӯзҳои чоршанбе, аз деҳаҳои дуру наздик одамони бисёре меомаданд, акнун касе намеояд. Рӯзҳое ки дари масҷидро намекушоянд, намоз хондан, дар масҷид, азон гуфтан, мазорро зиёрат кардан гуноҳи азим. Ин сиёсати ҳукумати Шӯроҳо дар рӯзҳои мо низ нисбат ба масҷиду намозгузорон давом меёфт. Соли 1958-ум мардуми деҳа пул ғун оварда ҷои деворҳои гашта ба замин яксоншудаи атрофи саҳни масҷидро бо хишт девор бардоштанӣ шуданд. Ба кор шурӯъ намуданд. Роҳбарони колхози «Роҳатӣ», кормандони шӯрои ҷамоа аз ин амали мардуми деҳаи Нилкон бохабар шуда ба воҳима афтоданд. Аз тарси он ки дар ноҳия хабар ёфта барои ин амали мардуми деҳаи Нилкон ба ҷазо гирифтор нашаванд, ба масҷид булдозеру трактор оварданд. Деворҳои гирди масҷидро бо булдозер, бо ин мошини азими афсонавӣ ба хок яксон карданд. Хиштҳо зери чархҳои булдозер орд-орд шуданд. Ва боз гӯё

фармоиш буда, ки масҷидро ҳам гардонанд. Мардум, ки дар он пагоҳирӯзӣ дар саҳро пайи чобуқи пахта буданд, ин хабарро шунида, ҳама белу каландҳо дар китф ба деҳа шитофтанд. Пирмард эшони Искандархон худро пеши бели булдозер партофтааст. Халқ дар ғазаб, ҳама ба шӯру ошуб омада. Ҳама рӯ ба Душанбе овар-данд, пушти дари Кумитаи Марказии ҳизби коммунисти ҷумҳуриро гирифтанд. Мисли корпартоӣ – митинг. Аз Кумитаи Марказии ҳизб ҳамон лаҳза роҳбарон, намояндагон, ҳамроҳи милисаҳо, аскарон ба деҳаи Нилкон омаданд. Бо як азоби алиме мардуми ба шӯр омадаро ором кунонданд. Аз Кумитаи Марказии ҳизб Набиев ном шахс роҳбари намояндагони ҳукумат ва ҳизб будааст. Имрӯз ҳам мӯйсафедон номи ӯро ба забон меоранд.

* * *

Аҳли деҳаҳои ҳамсоя ва деҳаҳои дури дур ҳам ба деҳаи Оқтоқ ба хабаргирии эшони домулло Мирзо меомаданд. «Ҳазрати домуллоро бинем, зиёрат кунем», мегуфтанд. Муридон дар атрофашон ғун омада, даме он касро танҳо намегузоштанд. Ҳавлии Боймуҳаммади Оқтоқӣ аз пою қудуми эшони домулло Мирзо серодам ва сермеҳмон. Мардум «ҳазрати домулло мусофир шудаанд», гӯён муҳибу меҳрубонтарашон гашта буданд.

Он рӯзи гармои тобистон хонаҳои Оқтоқиён тагу рӯ карда мешуд. «Эшони Мирзо, домулло канӣ?», – истинтоқ мешуданд баъзеҳо. Аҳли деҳа нооором, ноосуда, дар азоб... Албатта дар он лаҳзаҳое, ки одамони ҳукумат ба деҳа даромада, кӯча ба кӯча, хона ба хона даромада он касро меҷустанд, эшон ҷой дигар накарда ҳамин ҷо, дар Оқтоқ буданд. Ҳама медонистанд. Аммо ҷои пинҳоншудаи эшони домуллоро намегуфтанд, намехостанд, ки

аз деҳаи онҳо домулло Мирзо дастгир шаванд. «Ҳазрати домулло моро гуфта ба Оқтоқ омадаанд, боз коре нашавад, ки ягон кас ҷояшонро гӯяд. Эҳтиёт мешавем, эҳтиёт», ба ҳамдигар мардум таъкид мекарданд.

Аммо нафаре буд аз аҳли деҳа, ки пайи ошкор сохтани ҷои пинҳоншудаи домулло афтода. Ӯ марди маибе, чулоқ. Чулоқи Зубайдулло мегуфтанд вайро. Дар миёни мардуми деҳа ягона одаме, ки ба гапи одамони ҳукумат даромада, мехост ҷои пинҳоншудаи домуллоро аниқ намуда хабар диҳад. Ба вай пул, инъомҳои зиёде ваъда карда будаанд. Чулоқи Зубайдулло аз пайи иҷрои супориш афтода буд. Бо як азобе дар ҳамон лаҳзаҳои гармои рӯз худашро кашида сари кутал, ба баландие баромад. Паси хору буттаҳои янтоқ дароз кашид, пинҳон шуда рӯ ба дару девор, ба хонаҳои аҳли деҳа овард, ки аз ҷои панаҳбурдааш кулли ҳавлию хонаҳои аҳли деҳа чун дар рӯи каф намоён буд. Кӣ рӯи ҳавлӣ мегашт, кӣ дари кулбаашро мекушод ва ё тори бому болои болохонааш мебаромад, ҳамаро чулоқи Зубайдулло медид. Вай куҷо будани домулло Мирзоро муоина дошт. Ана, ҳоло ӯ он касро дар ҳавлии Боймуҳаммад дид. Дид, ки эшони домулло аз дари кулбае берун шуданд, зинаро аз назди дари оғил гирифта тана ба девори болохона гузоштанд. Ва баъд бо як азобе худро ба даруни алафхона кашиданд. Ин манзараро дида ба вай гӯё Худо дод. Саросема рӯ ба қишлоқ овард, кутали баландро нишеб шуд, гоҳе пои маибашро ба замин монда натавониста яклинга роҳ мерафт, меафтод, рӯи хору хас меғелид, мехест. Аз як кӯча ба кӯчаи дигар гузашта, дастаи аскарон, онҳоеро, ки ҳама ҳавлӣ ба ҳавлӣ, хона ба хона сар халонда эшони домулло Мирзоро меҷустанд, мекофт, куҷо будани онҳоро мепурсид, кухрии аз роҳ кордча ёфтагӣ барин аз дидани ҷои

панаҳбурдаи домулло Мирзо ниҳоят шод буд. Зудтар хабар расонда, мукофотро соҳиб гаштан мехост. Ниҳоят онҳоро ёфт, хело пичир-пичир кард, наздиктари дарвозаи Боймуҳаммад рафт, болохонаеро, ки эшони домулло панаҳ шуда буданд, нишон дод.

Аз рӯи нишондоди чулоқи Зубайдулло се нафар бо зинапоя ба болохона баромаданд, дарзаҳои алафро аз рӯи эшони домулло Мирзо гирифта он касро аз болохона ба поён фаровwarданд. Рӯи ҳавлии Боймуҳаммад аллакай пури аҳли деҳа шуда буд. «Домуллоро ёфтанд, дастгир карданд, кори нохуб шуд, барои мо ҳама аҳли деҳа айб», мегуфтанд одамон ва гӯё барои рух додани ин ҳодиса худро гунаҳкор меҳисобиданд. Эшони домулло Мирзо назди он се нафар марди либоси ҳарбипӯш, ки эшонро аз болохона пешандоз карда ба рӯи ҳавлӣ оварда буданд, бо сари хам меистоданд. Ҳоли раҳмоваре. Сару рӯй, ришу бурутҳои мошубиринҷашон пури хас, ба лабҳои яктаҳи дарози сабзи танашон низ хасу хорҳо часпида. Ба марди руси харобаи қоматбаланде, ки ӯ калони аскарони аз шаҳри Душанбе омада буд, раиси колхоз Карими Баъдӣ ва муовини ӯ Шарифи Бердӣ дар масъалаи эшони домулло Мирзо ким-чӣ мегуфтанд, ба ӯ мефаҳмонданд, ки эшон гунаҳгор нестанд. Одами обрӯманд. Соҳибилм, қувваи ҳофизаашон қавӣ, зеҳнашон тез, Қуръони Каримро сар то охир аз ёд медонистаанд. Китобҳои бисёре хондаанд. Мислашон дар водии Ҳисор набуда.

Раиси колхоз ва тамоми аҳли деҳаи Оқтоқ аз марди рус хоҳиш карданд, ки эшони домулло Мирзоро ҷавоб бидиҳад. Лек ӯ ин хоҳиши онҳоро ба ҷо оварда наметавонист. Вай ҳам аз ҷони худаш метарсид. Эшони домулло Мирзо дар назди ҳукумат одами сиёҳшуда, душмани ҳукумат ҳисоб меёфтанд, гуноҳҳои бисёре ба

сарашон бор. Ба ҳар ҳол марди рус бо хоҳиши мардум дар ҳаққи эшони домулло Мирзо некӣ кард. Ҳамон рӯз, он касро пешандоз карда ба Душанбе – ба ҳабсхона набурд. Ба ҷои он кас раиси колхоз Карими Баъдӣ ва боз ду нафар фаъолони колхоз ҳамроҳи одамони ҳукумат ба Душанбе – ба ҳабсхона роҳ гирифта як шаб дар маҳбас хуфтанд, то лаҳзаҳое, ки рӯзи дигар эшони домулло Мирзо худашон вориди ҳабсхона шуданд. Ва баъд Карими Баъдӣ ва дигар Октокиёнеро, ки ба ҷои он кас кафил шуда буданд, ҷавоб доданд.

* * *

Дар ёдам монда, ки падарам маро ҳам гоҳ-гоҳе ҳамроҳашон ба Душанбе мебурданд, ба Душанбе, ки имрӯз ҷои кор ва ҷои зисти фарзандон ва аҳли хонаводаамон аст. Савора ба шаҳр мерафтем, аспакӣ, банда дар қанҷиғаи падарам. Он солҳо аз деҳаи мо то шаҳри Душанбе мошин намегашт ва роҳи ҳамвору мошингард ҳам мавҷуд набуд. Аксаран, аспакию харакӣ роҳ мегирифтанд ба шаҳр мардум. Роҳе, ки имрӯз бо мошин дар бадали 10-15 дақиқа тай мешавад. Он вақт хело дароз ва тӯлонӣ менамуд ба назарам. Баъди аз миёни деҳаи Теппаи Самарқандӣ ва сангоби Меҳтарӣ гузаштан се кутали пайи ҳам, ки онҳоро қулча ҳам мегуфтанд, пеш меомад, роҳи пурчангу хок, хок то ба зонӯ. Улавҳо боазоб роҳ мерафтанд, онҳое, ки харакӣ буданд, азобашон зиёд. Хар хоки гармро дида гӯё ҳавасаш меомад, фукашро ба замин бурда хокро бӯй мекашиду бӯй ва баъд хоб мекард. Бори хар агар ангур мебуд, ҳама хирбич мегашт. Сабати ангур таги шиками хар монда умеду орзуи соҳиби онро бар бод медод. Ӯ бо ғазаб бо халачӯб ба сару гардани хар мезад, аммо бефоида, хар аз ҷояш намеҷунбид, гӯш меҷунбонду

сар. Илоҷ, ки намемонд, роҳакиҳо чандкаса бори харро фароварда, баъд боазоб онро аз ҷояш мехезонданд. Ҳамин тавр роҳи онрӯзаи мо ба Душанбе дар тобистон пурхок, дар баҳору зимистон лой, пуразоб буд. Аммо дар баҳорон лой ҳам ки мешуд, ба ин роҳ рӯ овардан барои ҳама, алалхусус баҳри банда, хуш меомад. Қадқади роҳ, дар саҳроҳо, заминҳои то ба таги теппаҳо доман паҳнкардаи ду канори роҳ, ки то шаҳри Душанбе расида буданд, сабза ва майсаи гандум дамида, гулҳои лола ва гулҳои ранги баранги бисёре шукуфта. Осмони болои дашт софу беғубор, нилгун, офтоб баромада, гӯё болои гулу гиёҳҳо рангрезӣ мекард, селаи парандагон аз болои дашт дар парвоз… Банда то ба баландиҳои теппа баромада, гул мечид, нигоҳам ба гулу сабзазорон, ба дуриҳои дур, ба осмони софу беғубор. Аз дур дар миёни дашт дарахте намудор мегашт, дарахти ягона дар миёни дашт. Онро мардум садаи Маликшоҳ мегуфтанд. Дар кадом солҳое он садаро дар ин дашти беобу бедолу дарахт Маликшоҳ ном шахсе шинонда, нигоҳубин карда, дар рӯзҳои гармои тобистон об кашонда, ба он об дода, сабзондааст. Баъд он мард куҷо шуда, фавтида, албатта, фарзандонаш низ дар олам намонда, лек аз ӯ ҳамин сада монда, сада ба номаш, садаи Маликшоҳ.

Мо, бачаҳои хурдсол, он рӯзҳо дар баҳорон бо ин роҳ барои тамошои Иди Май ба Душанбе рӯ меовардем. Либосҳои идона ба бар мекардем, ҷомаи нав – ҷомаи беқасаб мепӯшидем, аз болои ҷома рӯмоли гулдор мебастем, тоқии гулдӯзӣ ба сар мениҳодем. Ҳама хурсанд ба тамошои Иди Май мешитофтем. Ҳам ҳангоми ба шаҳр рафтан ва ҳам дар бозгашт аз шаҳр ҷои дамгириамон зери сада буд. Рӯзҳои гармои офтобӣ саъй мекардем, ки як бало карда худро ба сояи сада расонем.

Он вақт ду нафар бародарон аз деҳаи Мағмуруд як амали савобро ба уҳда доштанд. Бо навбат дар машкҳо аз Мағмуруд об меоварданд ва ба роҳгузарҳое, ки дар айни гармои рӯз ба миёни дашти ба назар беохир, ба зери садаи Маликшоҳ расида, дар сояи он менишастанд ва ташна ҳам буданд, бародарон коса-коса оби сард медоданд, дуои хайр мешуниданд. Имрӯз, албатта он бародарони савобҷӯй дар қайди ҳаёт нестанд. Лекин мардум онҳоро бо некӣ ёд мекунанд.

Садаи Маликшоҳ дар миёни дашт ҷои осудан ва «дамгирӣ»-и ҷуку ҷонварҳо ҳам буд. Шохсорони сада қариб ҳамеша ҷои гунҷишкакон, аз шохе ба шохе парида чирик-чирик мекарданд. Бозори парандагон, садои дилкаше. Роҳгузарҳо ба он садоҳо гӯш медоданд. Ва паррандагон низ гӯё ба руҳи Маликшоҳ дуои хайр мегуфтанд.

Ҳикояте шунидаам. Дар деҳа бобои Комил ном шахсе буд. Умраш ба подабонӣ гузашта, подабони колхоз. Дар замони пеш аз Ҳукумати Шӯравӣ – хидматгори дари бойе будааст. Боре бой дар айни бегоҳирӯзӣ, ки барф меборидааст ва айни чиллаи зимистон будааст, ба Комил мефармояд, ки ба Душанбе равад, номаеро ба як хешованди ӯ расонад. Комил илоҷе надоштааст, пиёда ба роҳ мебарояд. Боридани барф шиддат ёфта, шамол барфҳоро ба чашму рӯяш мезад. Комил аз миёни дашти пурбарф роҳ мерафт, ӯ қариби намози хуфтан ба назди садаи Маликшоҳ расида, ба селаи гургон дучор меояд. Гургон сӯяш медаванд, Комил ба танаи сада мечаспад, ба болои он мебарояд, то рӯз аз сада фаромада наметавонад, гургҳо гирди сада ғун омада, чашм ба туъмаашон, ба Комил. Ҳамин тариқ, саҳар меояд. Бозоракиҳо аспакию харакӣ дар роҳ пайдо мешаванд. Гургҳо рӯ ба гурез меоранд. Бобои Комил ба туфайли садаи

Маликшоҳ аз марг мераҳад, Маликшоҳ гӯё ба ӯ ҷон мебахшад. Як умр ҳамин қиссаи аз марг халос хурданашро бобои Комил ба ҳама мегуфт. Ва ӯ низ тамоми умр дар дашту биёбонҳо дарахт мешинонд. Бобои Комил кайҳо бо ин олам падруд гуфтааст. Лек дар роҳҳо, миёни дашту канори ҷӯйҳо дарахтони шинондаи ӯ мондаанд. Чинорҳою садаҳояш калон шудаанд. Ҳисоби чинорҳояш хело зиёданд, ҳамаи онҳоро сада ё чинорҳои бобои Комил мегӯянд.

Дар замони Ҳукумати Шӯравӣ канали калоне канда, аз дарёи Кофарниҳон об оварданд. Канали Роҳатӣ мегӯянд онро. Оби канал то ба шаҳри Душанбе ҷорӣ гашта. Акнун дар роҳи деҳаҳои мо ва Душанбе, дар миёни дашт садаи Маликшоҳ дарахти ягона нест. Дар атрофи садаи Маликшоҳ садҳо дарахтон сабзидаанд. Ҳама ҷо дарахтзор. Дар ин ҷо деҳаи сераҳолие пайдо шудааст, деҳаи навбунёдро Сада номидаанд. Лек чаро деҳаи Маликшоҳ не? Хуб мебуд, ки деҳа ба номи ҳамин марди савобҷӯ гузошта мешуд. Деҳаи Маликшоҳ. Сада, садаи Маликшоҳ.

Дар ёдам монда, ки ҳамроҳи падарам гоҳе аз роҳи онрӯзаи садаи Маликшоҳ гузашта аспакӣ ба Душанбе мерасидем. Аз кӯчаҳои шаҳр мегузаштем. Падарам бо дастаи қамчин ба гулгаштҳо, ба иморатҳои баланд ва ҳавлиҳо ишора карда, аз чи маҳалу биноҳо будани онҳо ба банда ҳикоят мегуфтанд. Ва баъд лаҷоми аспро кашида зери лаб ояте аз Қуръони Маҷид тиловат мекарданд. Баъд даст ба дуо бурда омин мегуфтанд ва банда ҳам бо ҳайрат ба падарам пайравӣ намуда «омин» мегуфтам. Барои он тааҷҷуб мекардам, ки падарам, ба мисле ки аз назди мазор, гӯристоне мегузаштанд, рӯ ба биноҳои баланду гулгаштҳо оят мехонданд ва ба замми ин дар он лаҳзаҳо чеҳраашон ғамгин мегашт, аламашон

меомад. Оҳи ба дард мекашиданд.

Сабабашро баъд гуфтанд, ба ёд овարданд ҳамон рӯзҳоеро ки он касро аз деҳаи Оқтоқ ба Душанбе – ба ҳабсхона оварда буданд.

Пеш аз омаданашон ба маҳбас аллакай кулли маҳбусон огоҳ шуда будаанд, ки эшони домулло Мирзоро меоранд, ҳама ба истиқболашон баромаданд ва шӯре хеста. «Наход эшони домулло Мирзо ҳам дастгир шуданд. Мардум он касро пинҳон карда натавонистанд?» – Тааҷҷуб мекарданд ва ба худ ҳарф мезаданд. Дар маҳбас ҳама аз паси эшони домулло Мирзо намоз мегузоштанд, рӯзҳои ҷумъа ё Иди Рамазону Қурбон ҳазорҳо нафар ғун меомаданд. Эшони домулло Мирзо пешво, имомашон. Русҳо, аз он ки маҳбуси нав овардаашон миёни мардум ин қадар обрӯю эҳтиром доштааст, ба ҳайрат афтоданд, медиданд, ки бо «Аллоҳу акбар» гуфта хам шудани он кас ҳазорҳо нафар хам мешуданду сар ба саҷда бурда боз сар мебардоштанд, рост мешуданд. Ва ҳамон марди русе, ки ҳангоми дар деҳаи Оқтоқ дастгир шуданашон дилсӯзона хору хаси ришу рӯяшонро чида, аз соҳибилм ва соҳибмартаба буданашон ҳикоятҳо шунида буд, он касро дар маҳбас «большой командир» ном дода буд. Падарам гулро дӯст медоштанд, гулпарвар буданд. Дар ҳавлиамон гулҳои садбарги гуногунранг шинонда, худашон онҳоро нигоҳубин мекарданд. Ва ҳоло ҳам дар ҳавлиамон ва дар баъзе ҳавлиҳои аҳли деҳа нишонае аз гулҳои он кас мондаанд. Рӯзҳои дар маҳбас буданашон падарамро ҳамон марди руси шиносашон ба гулпарварӣ, нигоҳубини гулҳои назди идораҳои маҳбас вобаста кардааст. Забони гулро медонистанд, ҳисоби онҳоро зиёд карда канори роҳу роҳравҳо гул шинондаанд, бехи онҳоро бо белу каланд нарм карда, об медоданд,

шохаҳои гулҳоро бурида, қаламча карда, онҳоро шинонда, аз пагоҳ то бегоҳ бехи буттаҳои гул мечунбиданд. Дар роҳу роҳравҳои маҳбас гулҳои ранги ба ранги зиёде сабзондаанд.

Марди руси шиносашон ҳам гулро дӯст медоштааст.

Боре дар рӯзҳои дар маҳбас будани эшони домулло Мирзо ҳодисае рух медиҳад, ки баъди он марди рус он касро беш аз пеш эҳтиром мекардагӣ шудааст.

Дар наздикиҳои маҳбас мезистааст, ҳавлӣ доштааст ӯ. Рӯзҳои баҳор будааст. Тифли хурдсолаш бо ҷӯраҳояш миёни алафҳо бозӣ, давутоз мекардааст. Ана дар ҳамин ҳангом ӯро мор газидааст. Модари писарак дасту похурда шуда чӣ карданашро намедонистааст. Духтури маҳбас ҳам куҷое рафта, набудааст, ӯро ҷустаанд, наёфтаанд. Ҳоли писарак ба танг меомадааст. Касе гуфтааст, ки эшони домулло Мирзо табиб ҳам ҳастанд, афсуни морро медонистаанд, морро афсун мекардаанд, дуо хонда заҳри морро аз тани тифл берун карда метавонистаанд, ба он кас муроҷиат кунанд, фурсатро аз даст надиҳанд. Ноилоҷ монда будаанд. Он кас хоҳиши модари тифлро рад карда натавонистаанд, эшони домулло мефармоянд, дар хонаи хоби тифл ба ғайр аз бурёе дигар чизе нагузоранд. Бурёро миёни хона густурда моргазидаро рӯи он хоб кунондаанд, баъд ба дуохонӣ шурӯъ намудаанд, дам нагирифта бо як зарб дуои афсуни морро мехондаанд. Аз ҷой наҷунбида, нахеста чи қадар болои сари писараки рус дуои дам хондаанд, намедонистанд. Ва ниҳоят вақте расида, ки море ки писаракро заҳр зада будааст, пайдо шуда ҳалқа зада сип-сиёҳ гашта афтода. Писарак аз марг наҷот меёбад.

Имрӯз ҳам мардум аз деҳаи Нилкон номи эшони Султон, аз деҳаи Рангон, номи набераи эшони Калон ва

аз деҳаҳои Тангаӣ ва Оқтоқ боз чандин номҳоро зикр менамоянд, ки онҳоро мор газида будаасту бо даму дуои падарам шифо ёфтаанд ва мор бо афсун наздашон пайдо мешуда. Мор ҳам афсун дошта.

Падарам дар он лаҳзаҳое, ки лаҷоми аспро кашида рӯ ба биноҳою гулгаштҳо фотиҳа мехонданд, мегуфтанд, дар вақташ ҳар шаб садҳо одамонро ба ин ҷойҳо оварда мефармудаанд, ки баҳри худ гӯр кобанд ва баъд паронда мешудаанд. Онҳоро якҷоя, рӯи ҳам гӯр мекардаанд.

Ёд меоварданд, ки ҳар шаб, баъди қарори пои мардум маҳбусонро дар саҳни маҳбас қатор мекарданд, якяк номҳояшонро хонда аз дарвоза мебароварданд ё ба аробаҳои рӯйпушида савор мекарданд, эшони домулло Мирзо ҳам дар қатори одамон ҳозир, вале чун номашон зикр намеёфтааст, дар ҷои исташон мемондаанд, боз ба кулба-ҷойхобашон бармегаштаанд. Ба гуфтае ҳар шаб дар қатор истода ҳазор бор аз ҳаёт дасту дил мешустаанду боз ба танашон ҷон омада, зинда мемондаанд.

Як шаби торик, ки ҳаво пурабр буд, борон меборид, номи эшони домулло Мирзо низ хонда мешавад. «Мирзои Мирҳайдар» ном мебаранд, «ман», мегӯянд, вале ба пеш қадам монда наметавонанд. Пошиканак мешаванд, забонашон баста. Пеш меоянд ду нафар, тела дода-тела дода эшони домулло Мирзоро ба ароба бор мекунанд. Дар ҳамон шаби борон, онҳоро ба ҳамин ҷое, ки ҳоло рӯ ба бинои баланд, даст ба дуою фотиҳа кушода буданд, меоранд. Пой ба пой баста мешаванд қатори ба назар беохири одамон. Ва дар ҳамин ҳол ба дасти ҳар кадоме бел медиҳанд, мефармоянд, ки барои худ гӯр кобанд. Онҳо ҳама гӯр канданд. Баъд садои баланд гаштани тир, як-як одамон паронда мешуданд. Эшони домулло Мирзо ҳам лаби гӯр, дар лаби чуқурии баҳри

худашон канда бо як азобе ба по меистоданд, калима арза мекарданд, калимаи шаҳодат дар забон навбат мепоиданд. Ана дар ҳамин ҳангом диданд, ки ду-се нафар пайдо шуданд, давида омада буданд, ки сахт-сахт нафас мекашиданд. «Эшони домулло Мирзо, Мирзои Мирҳайдар» мешуниданд номашонро. Якеи онҳо ҳамон марди руси қоматбаланди шиносашон, ҳамоне, ки тифлашро дуои дам хонда буданд. Ӯ коғазе дар даст дошт, коғази сафед. Бандро аз пойҳои эшони домулло Мирзо кушоданд, аз лаби хандақ ба наздаш овард он касро марди рус. Коғази дасти ӯ коғази сафед-фармони аз маҳбас ҷавоб шудани эшони домулло Мирзо. Он коғаз дар даст ба маҳбас, назди ҳамроҳон баргаштанд. Дилашон майле дошт, ки то саҳар ҳамроҳи маҳбусон – дӯстон бимонанд ва дар он шаби тор, ки борон ба барф бадал гашта буд, барф меборид, ба куҷо рафтанашонро ҳам намедонистанд. Аммо ҳамроҳон ба эшони домулло Мирзо таъкид доштаанд, ки ягон нафас таъхир накунанд, ҷавоб ки шудаанд, ҳар чи зудтар аз маҳбас бароянд, раванд. Касе бо забони нимтоҷикию нимрусӣ мегуфт: «Эшони домулло, зуд бошед, ҷавоб, ки доданд, равед, давлат приказ дорад, боз отказ дорад, равед».

Эшони домулло Мирзо дар он нимашабии қаҳратуни зимистон, ки барф замину замонро сафед карда буд ва боди сахт мевазид, бо дӯстон хайрухӯш карданд, дӯсташон марди руси қоматбаландро ба оғӯш кашиданд ва аз ӯ изҳори миннатдорӣ намуда, аз дари маҳбас берун шуданд.

* * *

Дар он пагоҳирӯзии чиллаи зимистон, ки ҳаво соф шуда, хунукӣ дараҷа ба дараҷа боло гирифта, ба гуфтае сангҳоро мекафонд, кураро дар батни модар ях мебан-

донд, фарде пиёда рӯ ба деҳа оварда. Аҷаб тамошое дошт дар назари он шахс деҳа. Дашту саҳро, боғоту майдонҳо ҳама ҷо сап-сафед, болои бому дарҳо бо барф пӯшида шуда. Дар дуртар қуллаҳои кӯҳҳои Мағмуруду Қандӣ мисли кӯҳони уштурҳои сафед баланду паст ба чашм мехурданд. Дар осмони софу беғубори нилгун ягон-ягон ситораҳо мавҷ мезаданд. Ситораҳо дар он лаҳзаҳои хунуки қаҳратун гӯё яхпораҳои рангин, нурбор, пурҷило буданд, ки аз боми осмон овезон. Ситораҳо мисли қатраҳои оби тилло ба замин чакида, дар осмон кам монда. Осмони дуру гуҳарбор. Бому дарҳои пасту баланди деҳа, дарахтон пардаи ҳарири сафед ба бар карда. Барф зеби бомҳо, даштy даман, куҳу барзан, зебоии олам. Вале хунук. Мард – эшони домулло Мирзо, як фарзанд – як дилбанди деҳа, Нилкон деҳа – зодгоҳашон.

Чанд гоҳе аз он дур буданд. Замоне дар Оқтоқ зистанд, баъд бандӣ – дар маҳбас рӯз гузаронданд. Имрӯз озоданд, вараки сафеди озодӣ дар ҷайбашон. Ҳарчи тезтар ба деҳа, назди қавму ҷамъ ҳозир шуданианд. Чи хуш мебуд агар ба мисли солҳои пеш дари масҷид боз мебуд, аввал ба масҷид медаромаданд, мардумро дар намози саҳар дармеёфтанд, вомехӯрданд.

Дар масҷид канори саҳни базебу ҳамвор ва васеи он мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф. Дари мазор ҳам баста. Қуфл. Нигоҳубин карда намешаванд. Масҷид, мазори ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф бӯи вайрона гирифта.

Агар ҳоло Худо насиб бинаду эшони домулло Мирзо ба деҳа дароянд, дар масҷид аввало мазори валии замонро зиёрат мекунанд, муроду орзуяшон буд. Дар дил орзу мепарваранд, ки Худо банда бигирадашон, дар поёни қадамҳои Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф хокдон

ёбанд. Солҳои дур аз деҳа, дар Бухоро хондан ва чанд соле дар мадрасаҳои Бухоро дарс гуфтан, ранҷу риёзат кашиданҳо ва дар маҳбасу дар гурезогурез будан ҳамин хаёли ширин дар дилашон. Намози аҳли деҳаро ҳамроҳашон мехонданд, имомхатиб – пешвояшон буданд ва чун баъди адои ҳар намозе аз дари масҷид рӯ ба офтоббаро ба мазори ҳазрат берун мешуданд, даст ба рӯ мебурданд, дуо мехонданд, мурод металабиданд. Ҳоло ҳам руҳи поки Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ёрашон шуда, он кас аз дами марг – аз маҳбас раҳо ёфта боз рӯ ба деҳа равонанд.

Аз зери чинори Ака гузаштанд, чинори ягонае, ки садсолаҳо дар даромадгоҳи деҳа мавҷуд аст, чинори сершохубарги сар ба осмон. Чаро онро чинори Ака мегӯянд? Шояд мардум аз ин ҷиҳат фикр намекунанд, эътибор намедиҳанд. Шояд замоне онро шахсе шинонда, об додаю парвариш карда, ки Ака ё эшони Ака ном дошт. Аз ин рӯ, баъди сараш чинораш бо номи ӯ зикр мешавад. Аз хок шудани эшони Ака кӣ медонад чанд садсола гузаштаю аз ӯ ном монда.

Эшони домулло Мирзо хело ба чинори сари роҳ, ба чинори Ака, ки сар то охир шоху навдаҳояш таги барф монда буд, назар андохтанд, истоданд ва боз роҳакӣ шуданд. Дар ду канори роҳашон боғ, боғи эшони Қорисӯфӣ, боғи эшони Абдулмӯъмин, боғи эшони Теша ва баъд зардолузор, боғчаи Қаҳҳор ва баъд хонаҳои аҳли деҳа, кӯчаҳои каҷу килеб, роҳравҳо, рӯи босму дар, ҳама бо барф пӯшида шуда. Олам сап-сафед, офтоби пагоҳ аз осмони мусаффо рух намуда, оламро зебоие фаро гирифта, зебоӣ баъди барф ва дами парешон гаштани нурҳои заросои офтоб. Эшони домулло Мирзо деҳа, боғу майдон, одамони онро пазмон шудаанд. Имрӯз Худо насибашон карда, ки ба деҳаашон биоянд.

Озоданд. Дигар касе хабар намедиҳад, гунаҳгор гуфта эшонро намеҷӯянд. «Гуноҳҳояшон»-ро шустанд. Сафед шуданд, «Коғази Сафед» дар ҷайбашон. Ҳазорҳо раҳмат ба як марди рус, ки ғами он касро хурд, бародарвор меҳрубонашон шуд. Дар дами марг сӯяшон давид, хидмат кард. Аз шунидашон ӯ ҳам фарзанди кадом асилзодаи рус будаю аз зӯромад, ба ҳукумат хидмат мекард. Худовандо, ҳар куҷо бошад, бо зану фарзандонаш зинда бошад.

Он рӯзҳои зимистон, рӯзҳои хунуки қаҳратун эшони домулло Мирзо баъди аз ҳабс озод шуданашон дар ҳавлии падарӣ, дар деҳа мезистанд, зану фарзандон аз хонаҳои хешовандон ба ҳавлиашон баргаштанд. Чароғҳои солҳо боз хомӯш шудаи хонаҳои ҳавлии дарун ба дарунашон аз нав фурӯзон шуданд, равшанӣ, овози гапзанӣ пайдо шуда дар кулбаҳои солҳо беодам мондаашон.

Шогирдони эшон аз деҳаҳои Роҳатӣ, Дуоба, Оқчакман, Оқтоқ, Меҳтарӣ ва аз Ҳисору Ғозималик ва аз бисёр шаҳру манзилҳои дур боз ба наздашон омада дарс мехонданд… Корафтодагон, ранҷурон, дуоталабон ба суроғи эшони домулло Мирзо меомаданд. Ҳавлии даруну берун серодам, сермеҳмон. Дарвозаашон кушода, даробаро, меҳмонбиёию меҳмонгузорӣ. Эшони домулло Мирзо боз шӯҳраташонро пинҳон дошта наметавонистанд. «Эшони домулло Мирзо аз ҳабс озод шудаанд», гӯён мардум ба зиёраташон меомаданд. Думи меҳмон канда намешуд, деҳаи Нилкон аз туфайли эшон ба мисли зиёратгоҳ шуда буд. Аз ин ҳол «фаъолон»-и деҳа, ҷамоа боз ба ташвиш афтода буданд. Ба идораи ҳизби коммунисти ноҳия хабар расид, ки эшони домулло Мирзо аз ҳабс озод шуда, боз ҳавлиашон ҷои рафтуомади мардумони беҳисоб, эшон боз мактаб ку-

шодаанд, боз дарс мегуфтаанд, боз дарди сар шуда эшони домулло Мирзо, боз ташвишу таҳлука. Ба ақидаи худашон бо ҳазор азоб эшонро дастгир карда ба ҳабсхона супурда буданд, то аз дасташон омадан сиёҳ карданд, хаёл доштанд, ки аз он кас халос мешаванд, бояд паронда мешуданд. Лек чи мегӯед, ки кадом як марди рус – сардори маҳбас ба эшони домулло Мирзо дӯсту бародар, эътиқодманд, «муридашон», кафил шудааст, шаҳодат додааст, сафед кардааст, ҷавоб додааст. Агар ҳамин тавр онҳо душманони ҳукуматро дастгир карда супоранду аз «боло» ҷавоб диҳанд, обрӯяшон намемонад, назди мардум беобрӯю забонкӯтоҳ мешаванд. Эшони домулло Мирзо барин бузургтарин уламо, пешвои дини Исломро монда, аз пайи дастгир кардани нимчамуллоҳо шуда наметавонанд. Онҳо чӣ мегӯянд? «Ҳақиқат ҳаст ё нест?» гӯён ба по мехезанд. Аллакай чанде аз ҳамдеҳагони худи эшон норизоӣ карданд, ариза навишта ба идораҳои суду милисаи ноҳия даромадаанд. Дар ҳаққи эшони домулло Мирзо боз ҳамон гапҳо: домуллои зӯр, мардумро бар зидди ҳукумат мехезонад, душман. Дар идораи кумитаи ҳизбии ноҳияи Роҳатӣ боз аз пайи ба ҳабс гирифтани эшони домулло Мирзо афтоданд, ба суд, прокурор ва милисаҳо дар ин масъала фармоиш доданд, ин фармон дар давоми як-ду рӯз бояд ба ҷо оварда мешуд. Дар миёни аъзоёни ҳизб, кормандони идораҳои давлат одамони ҷонибдори эшони домулло Мирзо буданд. Якеи онҳо узви ҳизби коммунист Азизи Бой ном дошт, маҳз ӯ рӯзу соати аз нав ба ҳабс гирифта шудани он касро фаҳмида, шабона аз ноҳия ба деҳа шитофт. Эшони домулло Мирзоро пайдо намуд. Хабар расонд, таъкид кард, ки зуд бошанд, панаҳ шаванд.

Ҳамон шаби фасли баҳор эшони домулло Мирзо са-

вори аспи самандашон боз аз ҳавлӣ баромаданд, боз рӯ ба мусофират оварданд. Чӣ тавре аз забони Иброҳимбек зикр намуда будем, аз ҳамон замонҳо обрӯ, эътиборашон дар миёни қавми лақай зиёд, мепарастидандашон, «эшони домулло Мирзо пирамон», мегуфтанд.

Эшони домулло Мирзо дар чанд деҳаи лақайнишин рӯз гузаронданд. Аҳли ин деҳаҳо аксарашон назди он кас ҷамъ омада аз эшон сабақ меомӯхтанд, аз дунболашон намоз мегузоштанд, эшони домулло Мирзо пирашону онҳо муридони содиқ. Солҳои сол эшон ҳамроҳашон рӯз гузаронданд. Ҳоло аксари он деҳаҳо мавҷуд намондаанд, барҳам хурда, мардум кайҳо аз онҳо кӯч баста ба шаҳрҳо, ба мавзеъҳое, ки обёрӣ шудаанд, рӯ овардаанд, ҷои манзилҳои пешина, қадамгоҳҳояшон ҳоло чарогоҳ, чордевориҳо, як вақте одамнишин буда ҷои ин чарогоҳҳою чордевориҳо, номи он деҳаҳо аз қабили Кабку, Бедак, Рангонсой дар хаёли куҳансолон монда.

Дар деҳаи Бедак 25-30 буна зиндагӣ доштанд. Деҳае, ки дур аз ободиҳо дар миёни кuҳ. Гирду атрофаш ҳама куҳ, сангҳои азими хонамонанд, сангҳо сурхчатоб, ҷигарӣ, тана ба танаи ҳам ё аз ҳам ҷудо ё наздиктар. Бомҳои аҳли деҳа ба лой андова шуда ё бо хору хасу қамиш пӯшида шуда. Дар яке аз ҳамин кулбаҳои паҳлӯи сангҳои хонамонанд, эшони домулло Мирзо бо аҳли байташон мезистанд, кулбае, ки аҳли деҳа барои он кас ҷудо намуда. Аҳли деҳа ҳама қавми лақай, худоҷӯ, мехостанд нияти намозу рӯзаашонро бесаҳву хато омӯзанд, аз баду нек огоҳ бошанд, бо ҳамин ният ҳар рӯз ба кулбаи фақиронаи эшони домулло Мирзо меомаданд. Онҳо ташнаи маслиҳат, панд ва насиҳатҳои эшони домулло Мирзо, ташнаи омӯзиши дини мубини

Ислом. Эшони Иброҳимхон, фарзанди бузургашон Азизхон, эшони Саъдуллохон, эшони Холхӯҷа, Эшонхон, эшони Зиёдуллохон, Толибхон, халифа Равшан, Бердиқул як муаллими самарқандӣ аз деҳаи Кабку ва аз ҳамин деҳа кампири Шарвон аз ҷумлаи толибилмон – шогирдони навашон. Баъзеи онҳо андаке соҳибилм ҳам буда, ҳоло боз бахри давоми таҳсил назди эшони домулло Мирзо омада.

Деҳаи Бедак, чи тарзе зикр намудем, дар миёни кухҳои баланд, дур аз ободиҳо ҷойгир буд. Лекин дар ҳамин ҷо ҳам эшони домулло Мирзо аз дасти сафеду сиёҳкунандаҳои ҳукумат халос наёфтанд. Қариб ҳар рӯз ба деҳа хабари атратомад (аъзоёни дастаҳо, гуруҳҳо – отрядҳои сурхро «атрат» мегуфтанд ) паҳн мегашт.

Аз ду ҷониб ду роҳ дошт деҳаи Бедак. Яке аз болои деҳа, аз ҷониби кух рӯ ба нишеб, ба дара – ба деҳа, дигаре аз поёни деҳа – аз Рангонсой, ба мисли хати каҷу килеб ба дохили Бедак кашида шуда. Ҳар ду роҳ ҳам аз дуриҳо пеши назари мардуми деҳа намоён. Аз ин рӯ, аз кадом роҳе одамони ба хаёли худашон шубҳанок пайдо мешуданд, эшони домулло Мирзо огоҳ мегаштанд. Дар ин мавридҳо аз ҳар хонае мардум сӯи кулбаи домулло мешитофтанд, «омаданд, эшони домулло, панаҳ шавед, зуд бошед», хабар мерасонданд.

Баъзан атратҳо тамоми хонаҳои аҳли деҳаро кофтуков мекарданд, «эшони домулло Мирзо дар куҷо?» мепурсиданд, вале он касро намеёфтанд. Баъзе аъзоёни отряд – атратҳо аз қавми лақай буданд. Онҳо шогирдон, муридони эшони домулло Мирзо, эътиқодмандонашон.

Якеи онҳо Қувондиқ ном дошт. Дар ҳамон давр шахсияти машҳур, командири шуҷои атратҳо. Дар қаламрави маҳаллаҳои ба ном Лақай – Тоҷик шӯҳрат ёфта

буд. Ана ҳамон одами машҳур, қумандони баобрӯи ҳукумат ба эшони домулло Мирзо мурид, яке аз дӯстони наздикашон.

Ҳодисаи нохуше дар зиндагии Қувондиқ рух дода буд. Шиносоии эшони домулло Мирзо бо қумандони атратҳо бо ҳамин сабаб пайдо гашт.

Дар аксари деҳаҳо аз амалҳои ношоистаи Қувондиқ норизо буданд. Ба сари мардум «ту душмани ҳукумат, ту бой, ту муллою эшон» гуфта рӯзҳои сиёҳ меовард. Молу амволи мардумро ғорат мекард, пулу мол, сарват ғун меовард, бегуноҳу бесабаб одамонро ба маҳкамаҳо мекашид. Онҳоро мезад, истинтоқ мекард. Дар муқобили ӯ одамон ҳеҷ коре карда наметавонистанд, ҳаволааш ба Худо мегуфтанд, дуои бад мекарданд. Мегӯянд, ки ҳеҷ кирдори баде назди Худованд пинҳон намонда. Одамон барои кирдорҳои бадашон, албатта ҷазо мебинанд. Шояд аз ҳамин ҷиҳатҳо буда, ки ҳамон шабу рӯз ба сари Қувондиқ Худованд рӯзи сиёҳ овард. Худо рӯзи ӯро ба сари бандаҳояш набиёрад.

Қувондиқ рӯзе ба бозори шаҳраки Куктош роҳӣ шудааст. Ягона фарзанди азиз – писарашро ҳам ҳамроҳ гирифтааст. Падару писар савори асп роҳ мерафтанд, писар дар қанҷиғаи падар.

Мераванд, мераванд, асп ва саворaҳо монда мешаванд. Қувондиқ аспро нигоҳ медорад, пой аз ӯзангу меканад, писарашро ҳам мефарорад. Ақлашро Худо гирифтагӣ барин банди аспро ба гирди миёни писаракаш печонда, гиреҳ андохта мефармояд, ки то баргаштани ӯ дар ҷояш нишинад, нахезад. Худаш пайи даст ба хок, ба паси дарахте мегузарад. Аспи ҷавмаст як ҷо наистода фахос мезанад, шиҳа мекашад, беқарорӣ мекунад. Дар ҳамин ҳангом аз паси буттае харгӯше меҷаҳад, тирвор аз назди писарак гузашта аспро метуронад. Асп

тур хурда рӯ ба гурез меорад. Писаракро рӯ-рӯи сангу кулӯх, хору хорбуттаҳо кашола мекунад, ба осмон мебардорад, ба замин мезанад, шиҳа мекашад, медавад, қарор намегирад. Қувондиқ дасту похӯрда, чи кор карданашро намедонад, аз паси асп медавад, меафтаду мехезад, пешпо мехӯрад, фарёд мезанад, дод мегӯяд. Лек бефоида. Асп ҳамоно дар давидан, рӯ ба гурез афтодан, дар ҳоли ба соҳибаш гӯш надодан. Дар дашти ба назар беохир касе ба имдодаш намерасад, Худо занад аспашро, бар падараш лаънат, дашном медиҳад, суханони қабеҳ ба забонаш меояд. Хам шуда аз замин санг мечӯяд, бо санг ба сари асп задан мехоҳад, кому ҳалқаш хушк мешавад. Писаракаш, азизакаш, шояд ӯ тамом шуда, мурда. Вале чаро асп намеистад? Дилаш хунук намешавад. Аспро куштан лозим, вайро бояд ӯ кушад, мекушад. Камонаш ба хотир омад, аз китфаш гирифт онро. Мили камонро ба сари ин ҷонвари лаънатӣ, ба сари аспи бачакуш рост кард. Чӯт гирифт сари аспро. Садои тир, садои раъду барқмонанд даштро фаро гирифт. Асп чанд газ ба осмон рост шуду шиҳа кашид, баъд аз пой афтод, дигар наҷунбид.

Бо тарзи даҳшатвор ба ҳалокат расидани тифли маъсуми қумандони номдор Қувондиқ дар кулли деҳаҳои ноҳияи Лақай-Тоҷик овоза шуд. Ин фоҷиаи гӯшношунидро ба ҳар тарзу бо ҳар гуна мақсадҳо шарҳ медоданд. Мегуфтанд, ки аз касофатии Қувондиқ ин рӯзи сиёҳ ба сари бачааш омадааст, мегуфтанд, ки дар ҷавоби бадиҳои зиёди дар ҳаққи одамони бегуноҳ раво дидааш Худованд ба ӯ ҷазо дода. Хешовандон низ аз ӯ дилмонда шуда буданд. Ба ҷанозаи тифлаш ҳам одамон наомадаанд ва як мулло гӯё гуфта, ки ҷанозаи бачаи Қувондиқро нахонанд ва ҳатто мурдаи ӯро дар гӯристон роҳ надиҳанд. Тифли бегуноҳ беҷаноза мон-

да. Ин хабарро эшони домулло Мирзо мешунаванд. Мегӯянд убол аст, ки аз ҷаҳл ҷанозаи тифли бегуноҳро нахонанд, ҳамроҳи эътиқодмандон, муридон, шогирдон, одамони бисёре, ба деҳае, ки Қувондиқ он ҷо мезист, меоянд. Ҷанозаи он тифли номуродро мехонанд, худашон вайро ба гӯр мегузоранд.

Ҳамон рӯзҳо дар як деҳаи дигар низ ба ҳамин монанд воқеае рух медиҳад. Зане бешавҳар кӯдак таваллуд мекунад, тифл якуним-дусола шуда фавтидааст. Муллои деҳа ӯро ҳаромӣ ҳукм карда ба ҷаноза карданаш иҷозат намедиҳад. Ҳукм мекунад, ки он тифлро ба хок насупоранд. Дар порутӯда ӯро зери пору мекунанд. Эшони домулло Мирзо бар хилофи он мулло, тифлро бегуноҳ меҳисобанд, мурдаро аз зери пору берун оварда шустушӯ намуда, намози ҷанозаи ӯро мехонанд ва дар гӯристони муъминон дафн менамоянд.

Эшони домулло Мирзо бо ин амалҳои некашон дар деҳаҳои ӯзбекнишин бештар шӯҳрат ва обрӯ меёбанд. Хусусан, қумандони атратҳо Қувондиқ, баъди аз эшони домулло Мирзо дар лаҳзаҳои душвор ва пуразияти зиндагӣ мадад диданаш, дар ҷавоб намедонад чи гуна хидмати эшонро ба ҷо биорад. Худро мурид, эътиқодманди эшони домулло Мирзо меҳисобид. Фарзандон, аҳли хонадонаш эҳтироми он касро ба ҷо меоварданд.

Дар идораҳои махфии ноҳия маслиҳат шуда буд, ки шабона, эшони домулло Мирзо дастгир карда шаванд. Ба Қувондиқ супориш шуда, ки бо отрядаш ин вазифаро ба ҷо орад, пинҳонӣ, сирри махфӣ. Кадом шаб Қувондиқ ин вазифаашро ба ҷо биорад? Ба вай маълум накарда буданд.

Қувондиқ бо фаҳмидани ин супориш ба воҳима афтод. Наход ӯ эшони домулло Мирзоро дастгир карда ба

ихтиёри ҳукумат месупорад? Қавми лақай чӣ мегӯяд? Бе ин ҳам бадном шудааст, радди маърака мешавад, дар хонадони худаш, зану фарзандонаш ӯро барои ин намебахшанд.

Ӯ ҳамон шаб, ҳамон лаҳзаҳои ин супоришро шунидан рӯ ба деҳаи Бедак – ба манзили эшони домулло Мирзо овард. Он касро пайдо намуд. Аз нақшаи ҳукумат эшонро огоҳ сохт, ба он кас маслиҳат дод ва баъд дар дили шаб аз назар нопадид гашт.

Вале кадом шаб ӯ баҳри дастгир кардани эшони домулло Мирзо ба деҳаи Бедак – ба миёни кӯҳҳои баланд меомад, худаш ҳам намедонист. Аз ин рӯ, баъди шунидани ин хабар шабҳо ба саҳар меомаду эшони домулло Мирзо мижа таҳ намекарданд, китоб медиданд, китоб мехонданд, варақ мегардонданд. Рӯи ҷойнамоз ба дуову суҷуд машғул мешуданд, тасбеҳ мегардонданд, ба даргоҳи Худованд менолиданд, гӯш ба садо, садои тири Қувондиқ медоданд.

Қувондиқ гуфта буд, кадом вақте агар баҳри дастгир кардани эшони домулло оянд, албатта, бо роҳи сари кӯҳ ба деҳа медароянд. Ва чун ба сари қулла мерасидаанд, Қувондиқ бо баҳонае ба осмон ё ба ҷонибе тир мекушодааст. Садои рамзӣ, эшони домулло Мирзо бояд бишнаванд, тайёр бошанд, рӯ ба гурез оранд.

Қариб як ҳафта мегузашт, эшони домулло Мирзо мижа пеш намекарданд. Нахуфта шабҳои дарози зимистонро ба саҳар меоварданд. Саҳар боз ҳамроҳи мардум, бо муридон, шогирдон. Дарс мегуфтанд, шабу рӯзҳои зимистон хунук, барф аз боридан намемонд. Шабҳо ҳолашон бедорӣ кашидан. Завҷаашон, модарам Маҳкамбибӣ, фарзанди бузургашон – бародарам Меликхоҷа хоҳиш мекардаанд аз он кас, ки лаҳзае ба ғанаб раванд, хоб кунанд, онҳо бедор меистодаанд,

ваъда медоданд. Лек падар ҳавф мекашидаанд, мабодо фарзандон садои тирро нашунаванд, мабодо дар ғафлат монанд.

Эшони домулло Мирзо, инчунин, баҳри рӯ ба гурез овардан омода ва тайёр ҳам меистоданд. Дар пойҳо маҳсӣ, дар тан ҷома, чакман, салла баста онро ҳатто аз сар намегирифтанд. Кафшҳояшон дар пеш. Омода ва ҳозир буда, ки бо шунидани садои тир, «ё ҳу» бигӯянду аз ҷой бархезанд. Вале шаб мегузашту садои тир ба гӯшашон наомада дамидани субҳи рӯзи нав, равшан гаштани оламро медиданд, медиданд, ки ҳамсояҳо, аҳли деҳа баҳри аз паси эшони домулло Мирзо намоз гузоштан аллакай дар рӯи ҳавлӣ ҳозир омада.

Ниҳоят шабе, ки ҳанӯз барф меборид ва субҳдам наздик меомад, эшони домулло Мирзо, ки болои ҷойнамоз зикри Худоро доштанд, садои тир шуниданд, садое, ки даъват баҳри рӯ ба гурез ниҳоданашон, зуд, ҳар чи зудтар. Фарзандон, Меликхоҷа ҳам масти хоб. Танҳо завҷаашон ҳанӯз ҳамроҳашон бедор, он кас ҳам садои тирро шунида.

– Меравед, домулло? – завҷаашон ҳам аллакай бо эшон дами дар истода буданд.

Эшони домулло Мирзо ба завҷаашон ба тарзи ношунаво, хело паст-паст ҳарф мегуфтанд, саросема ва дар ҳарос буданд, бо ҳамин ҳол аз дари кулба берун рафтанд, ба паси сангҳо, ба оғӯши торикиҳо қадам монданд. Шаби тираю тор, шаби зимистони қаҳратун. Барф меборид, шамол. Эшони домулло Мирзо бо ҷорӯби дарозе изи пойҳояшонро аз болои барф руфта-руфта роҳ мерафтанд. Завҷаашон Маҳкамбибӣ дигар он касро намедиданд, садои поймониашонро ҳам намешуниданд. Нигоҳашон ба ҷонибе, ки шавҳарашон рафта буданд, рӯймоли сарашон аз барф сафед шуда, хунук хурданд.

Дилашон ба ҳоли «эшони домулло», ки аксар шавҳарашонро ҳамин тавр ном мебурданд, месӯхт. «Домулло» дар дили шаб нопадид шуданд. Тани танҳо куҷо рафтанд? Дар шаби зимистон рӯ ба ҳазор балою сиёҳиҳо? Рӯ ба даруни кух, ба дараҳо? Кухҳу дараҳо пур аз гургу хирс, ҳайвонҳои одамхур. Аз эшони домулло чи гуноҳе гузашта, ки дучори ин қадар азиятҳо гашта-анд? Завҷаи домулло ақиб гаштанду ба хонаи гарм даромада дарро оҳиста аз пасашон бастанд.

Пагоҳӣ фарзандон аз хоб хестанд. Падари меҳрубонашон набуданд. Онҳо бехабар, ки шаб дар хонаашон чи гапу ҳодисаҳо рух дода. Нафаҳмиданд. Нафаҳмиданд, ки шаб хонаашон «атратҳо» омада ҳамроҳи қумандон Қувондиқ ҳама ҷо, то даруни оғилу коҳдон, алафхона ва ҳатто мурғхонаҳоро кофта, эшони домуллоро наёфта баромада рафтанд. Ҳама ҷойро кофтанд. Лекин ба молу ашё, чизу чораҳои хонаҳо, ба тифлакони хоб кордор нашуданд.

Ҳодисаҳои одамонро кофта ба хонаҳо даромадани силоҳдорон дар замони шӯравӣ ба сари падару модаронамон омада буд. Ин амалро одамоне ба ҷо меоварданд, ки ба забони ғайр, бо русӣ ҳарф мезаданд. Аксар гунаҳгоронро меҷустанд, лек ба дигарон кордор намешуданд, молу ашёҳои хонаро намебурданд. Ҳамин ҳодисаи ба хонаҳо даромада одамонро ҷустани силоҳдорон дар рӯзҳои мо низ ба амал омада буд. Аз ёдамон нарафтааст. Аз миён чор–панҷ сол ҳам нагузаштааст. Замони ҷанги байни тоҷикон – байни ҳамзабонон буд. Худо нишон надиҳад, агар силоҳдорон касе ё «гунаҳгоре»-ро ҷуста ба хонадоне медаромаданд, чи рӯзҳои нохуш ва гушношунидеро ба сари мардум меоварданд. Гӯё бегуноҳу гунаҳгор, кӯдакону пирони барҷомонда, занону духтаронро аз ҳам фарқ намекар-

данд, мепаронданд, мекуштанд. Даруни сандуқ, чойнак, миёни кӯрпа, таҳлиҳоро мекофтанд. Молу амволи хонаҳоро талаю тороҷ мекарданд, оташ мезаданд, ҳарчанд ба қавли худашон гунаҳгорро намеёфтанд.

Он пагоҳ модар ба фарзандон аз хусуси ҳодисаи шаб дар хонаашон ба амал омада ҳикоят карданд. Ва таъйини падарро ба фарзанди калон Меликхоҷа расонданд. Ҳаво ҳоло соф шуда осмон чун гунбазе нилгун, тоза, беолоиш, беғубор чун булур. Офтоб рух намуда. Хунук, олам ях баста, аз хунукӣ сангҳо гӯё дар кӯҳ пора мешуданд, мекафиданд. Дар ҳамин хунукӣ эшони домулло Мирзо аз шаб дар кадом як паси санг, дар кӯҳ панаҳ бурдаанд.

Меликхоҷа аз рӯи тавсияҳои падар, ки ба модар фармуда будаанд, чойники мисини пури чой дар даст, дар бағал нон ва дар дасти дигар табар аз хона берун шуда. Ба ногоҳ агар дар роҳ ба касе дучор ояд, аз ӯ суол шавад, ки куҷо равон аст, ӯ ҷавоб мегӯяд: Баҳри ҳезум, магар намебинанд, табар дорад, нон ва чой ҳам гирифтааст.

Ӯ аз деҳа дур шуд. Рӯ ба даруни кӯҳ, ба ҷониби дараи чашмаи Оби Шӯр мерафт. Падар аз гуфти модар дар ҳамин дара будаанд. Аммо дар паси кадом шаху даруни кадом ғор ва калфи санге? Намедонист. Бояд аз пайраҳаи танаи кӯҳ рӯ ба даруни он рафтан гирад, то куҷое, ки ӯро роҳ бибарад, пеш равад, худи падар Меликхоҷаро меёфтаанд.

Сари сангҳои баланд, болои теғаҳои кӯҳ нурҳои заросои офтоб афтода ҳама ҷо сап-сафед, кӯҳи баланди Бедак, теғаҳои сар ба осмон рафтаи он зери кӯрпаи барф монда. Шохаҳои дарахтони танаи кӯҳ, даруни дара аз барф хам зада, аз тобиши нурҳои офтоб ранги зарҳалӣ ёфта.

Меликхоҷа бо азоб, бо эҳтиёт аз пайроҳаи танаи куҳ пай мечид, пеш мерафт. Дар поён ғори ба назар бетаг, ваҳмовар. Андаке қадам беҷо ниҳад, дигар худро нигоҳ дошта натавониста якнима нишеб мешуд. Дасту дил аз дунё мешуст, сарнагун ба ғор, ба чуқурии бетаги он мерафт.

Писар бо ҳоли пуразоб, бо дили пурҳарос бо хаёли падар роҳ мерафт. Аз куҷо он кас пайдо мешуда бошанд? Дар шабӣ чӣ тавр ба ин ҷойҳо роҳ ёфта омадаанд?

Роҳ мерафт Меликхоҷа. Ниҳоят овози пурмеҳри падар ба гӯшаш омад. Ба баландӣ, ба тарафи сангҳои азими калон-калон назар бурд.

– Меликхоҷа, бачам, – шунид нидои падарро.

Паҳлӯи санги якнимашудае меистоданд. Дар сар саллаи сафед, либосҳояшон аз барф ҳам сафедтар. Рӯ ба Меликхоҷа, рӯ ба офтоб буданд. Нурҳои офтоб ба чашму рӯяшон афтода. Меликхоҷа афтодаю хеста, буттаҳо, сангҳоро дошта, ҷониби падар, ба баландӣ мебаромад. Дар паси санг – даруни куҳ ковокие, калфи азим. Ба мисли хона кушод, васеъ. Аз афташ пеш ҳам ин ҷо одамон омада ва зиста будаанд. Сангпораҳо болои ҳам чида шуда, дегдон буда. Сангҳо сиёҳ шуда, дудхӯрда, дудзада. Дар як канор ҳезум – шохаҳои хушк ғарам. Падар алов дар гиронда, дасту панҷаҳояшонро гарм мекарданд. Ба Меликхоҷа ҳам дар лаби гулхан, дар паҳлӯяшон ҷой доданд.

– Насибамон ҳамин будааст, бачам, гурезогурез, азоб. – Ҳарчанд падар пеши фарзанд алами дил изҳор карданӣ набуданд, лек ин ҳарфҳо ба забонашон омад ва ба даруни калфи санг, ба сангпораҳо назар андохтанд.

– Хона намеравед?

– Ҳама ҷоро кофтанд?

– Модарам гуфтанд, ки кофтанд, мо хоб будем.

– Бедор нашудед?

– Не.

– Модарат дигар ҳеҷ чиз нагуфтанд! Ягон таъйин накарданд? – Падарам дар деҳа ягона нафаре буданд, ки завҷаашонро аз рӯи эҳтиром шумо мегуфтанд.

– Гуфтанд, ки шуморо кобем, шуморо ёбем.

– Дигар намеомадаанд?

– Намедонам.

Рӯз қариб бегоҳ шуд. Офтоби рӯзи зимистон кайҳо ба паси куҳ гашта ба ҳама ҷо соя афтода буд. Меликхоҷа назди падар, ҳамроҳашон менишаст. Дили падарро миёни кухсорон танҳо гузошта ба хона баргаштан надошт.

Аз рӯи маслиҳати қумандони атратҳо Қувондиқ минбаъда рӯзу шабҳои эшони домулло Мирзо даруни калфи санг, дар куҳ мегузашт. Наздашон шогирдон меомаданд. Даруни калфи санг ба мисле хона, мактаб. Гилемҳои пашмини тахта – тахта сиёҳу сафеди ӯзбекибофт густурдашуда. Болои кӯрпача ва болиштҳо китоб, рангдон, коғаз. Дегдон, табақ, пиёла, чойник. Хӯрок мепухтанд, чой дам мекарданд, оташи дегдон ҳамеша фурӯзон. Нафаре бо табар ҳезум мешикаст, шохаҳои хушки писта, арча, чӯбпораҳоро дами оташдон рӯи ҳам мечид. Назди эшони домулло китобҳо рӯи ҳам чида шуда. Китоби Қуръони Карим. Китоб мекушоданд, ба шогирдон сабақ медоданд. Қариб ҳар рӯз ба Меликхоҷа мефармуданд, ки фалону бисмадон китобро биорад. Ба хаёли ӯ қариб ҳамаи китобҳои хонаро ба ҳузури падар оварда. Ҳушу хаёли падар ба китобҳо, бо китобҳо дар гуфтор, дар сӯҳбат. Дур аз хона мезистанд. Аммо аҳли байташон осуда, ором, бехавфу ҳарос набуданд, атратҳо қариб ҳар рӯз ба хона меомаданд, эшони

домулло Мирзоро мекофтанд, хонаҳои аҳли деҳ медаромаданд, таҳқовӣ мекарданд, гап мегирифтанд, дар куҷо будани домулло Мирзоро мепурсиданд. Мардум, хурду калон, албатта ҷои пинҳон шудаи эшони домулло Мирзоро медонистанд, бохабар буданд. Лекин қавми лақайро одати неке буда: ҳама якгапа, якдаҳон, яксухан. Хиёнат намекарданд, эшони домулло Мирзоро пинҳон медоштанд, шабу рӯз нигаҳбонашон буданд.

Одамони ҳукумат ҳарчанд, ки борҳо ба ҷустуҷӯи эшони домулло Мирзо ба деҳаи Бедак омада, он касро наёфта бармегаштанд, лекин аз дастгир шуданашон умедашонро намеканданд, ҳис намуда буданд, ки домулло дар ҳамин ҷоҳоянд. Шабу ними шаб меомаданд, мекофтанд, «домуллоро ёбед, ҷояшро гӯед, пинҳон надоред», сиёсат, пӯписа мекарданд ҳамаро. Аҳли деҳа, хурду калон ба туфайли он кас дар азоб. Худи домулло, аҳли хонадонашон ҳам дар азоб. Қувондиқ ҳам гӯё дигар ба эшони домулло Мирзо ёрӣ расонда наметавонист.

Як шогирдашон, муаллим – муаллими мактаби деҳаи Кабку, дигар дӯсти меҳрубонашон аз ҳамин деҳа раиси колхоз Тӯрақул минбаъда пинҳон кардани эшони домулло Мирзоро ба ӯҳдаи худ гирифтанд. Гуфтанд, ки домуллоро ба деҳаи худашон – ба Кабку мекӯчонанд. Албатта дар он шабу рӯзи хунуки зимистон аз як ҷо ба ҷои дигар кӯч кашондан осон набуд. Касе дар фасли зимистон ҷои гарми худро хунук намекунад. Лекин аҳли оилаи эшони домулло Мирзо ноилоҷ монда буданд, аз туфайли падар ба сари тифлакони хурдсол ҳам рӯзи сахт омада. Падаршон «гунаҳгор», ҳама хурду калон дар рӯзҳое ки барф аз боридан намемонд, дар рӯзҳое ки ба гуфтае сагро занӣ, аз хонааш намебаромад, ҳавлӣ, хонаҳои гармашонро холӣ карданд. Аз

рӯи маслиҳат шаб, ки барф акнун аз боридан монда, осмон софу беолоиш, ситоразор гашта буд, моҳи пурра олами бо барф пӯшидашударо равшан мекард, ҳусн медод, аҳли оила пиёдаю савора рӯ ба роҳи деҳаи Кабку оварданд. Роҳашон дар он шаби маҳтоб қад-қади сангоби Рангон, аз миёни дараҳою канори теппаҳои баланд мегузашт. Онҳо тамоми шаб роҳ паймуда, айни субҳдам ба деҳаи Кабку, ба манзили навашон, ба кулбаи лоини бомаш хаспӯш, ки баҳри онҳо ҷудо шуда буд, расиданд.

Деҳа ба назари эшони домулло Мирзо дилкушо. Кулбаҳои аҳли он, ки бомҳояш ҳама хаспӯш буданд, дар ҳамворӣ ҷойгир. Кулбаҳо ба назар кам, ба ҳисоб, 15 ё 20 хонавода. Аз канори шарқии деҳа оби сангоби Рангон ҷорӣ, аз ҷониби офтобшин дарае деҳаро аз теппаҳо ҷудо менамуд. Дар баҳорон теппаҳои атрофи Кабку сабзу хуррам, гулпӯш мегаштанд.

Аҳли деҳа аз он, ки эшони домулло Мирзо барин як шахсияти номдор, баландмартаба, олим ҳамроҳашон зистан ихтиёр кардаанд, шод буданд. Ба ҳамдеҳаи навашон, ба аҳли оила, фарзандони эшон ҳама меҳрубон. Ба гуфтае, ки мардуми деҳа об гарм мекарданд, ҳазрати домуллоро аз хотир намебароварданд, як коса ордоб ва як луқма нонро бо ҳам медиданд. Дар хаёлашон деҳаи хурдакаки камаҳолии онҳо аз туфайли эшони домулло Мирзо равшанӣ, нуру намуд пайдо карда. Ин равшанӣ ба мағз – мағзи ҷону дилҳо ҷой ёфта. Бо ҳидояти эшони домулло Мирзо мардум бо ҳам намоз мегузоштанд, бо ҳам шабҳо то дергоҳ менишастанд. Домулло бо онҳо аз гӯру қиёмат сӯҳбат мекарданд, китоб медиданд, китоб мехонданд. Мардум аз баду нек огоҳ мегаштанд. Муаллими деҳа ва раис ба эшони домулло Мирзо аз ҳама бештар меҳрубон. Онҳо ҳам мисли он кас мусофир.

Муаллим аз Самарқанд, раис бухороӣ. Завҷаи раис зани босавод. Дилдодаи осори Мирзо Абдулқодири Бедил, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ. Бо лаҳни хуш ва овози ширин китоб мехонд, шеърҳо қироъат мекард.

Пас аз чанд рӯзи ба деҳаи Кабку кӯчида омадани эшони домулло Мирзо ба сари шогирди азиз, дӯсти меҳрубонашон, муаллими деҳа нохушӣ омад…

Муаллим дар яке аз ҳуҷраҳои мактаб, ки ӯ он ҷо дарс мегуфт, мезист. Хонааш дар паҳлӯи синфхонаҳо. Аз дари хона, аз назди завҷа ва тифлаки хурдсолаш берун мешуду ба синфхона назди шогирдон ворид мегашт. Рӯзҳои зимистони ҳамонсола то рафт хунуктар мешуд, хунукии қаҳратун.

Муаллим ҳезум надошт, ки хонаашонро гарм созад. Чанд сари чӯб, тапак ва шохаҳои хушк, ки шогирдон оварда буданд, алов шуданд. Як-ду рӯзнома ва варақҳои даридаро ҳам болои алов монд, ба қавле онҳо як ҳур гуфта, оташ гирифтанду хомӯш гаштанд. Хона ба мисли яхдон, аз зери равакҳо, аз сурохиҳои деворҳои андованашуда ба хона шамол медаромад. Тифли бемори муаллим забон дар даҳон нагирифта гиря мекард, мегиристу мегирист. Завҷааш ва муаллим чи тавр гарм кардани ӯро намедонистанд. Кӯрпачаҳоро болои гаҳвора партофтанд, лекин хона, ки гармӣ намеёфт, даруни гаҳвора сард, яхдон барин.

Ба ногоҳ ба хотири муаллим чанд пора тахта, тахтаҳои шикаста омад. Онҳо дар кунҷи як синфхона рӯи ҳам партофта шуда. Муаллим ноилоҷ монда буд. Бо дили пурҳарос ҳамон шаб муаллим ду тахтаи партаҳои шикастаро гирифта, бо теша майда кард. Дар дегдони миёни хона гулхан афрӯхт, хона гарм шуд, тифл ором гашт, ба хоб рафт. Аммо аз ин ҳодиса як-ду рӯз нагузашта, аз ноҳия одамони ҳукумат омаданд, онҳо хабар

ёфта, ки муаллими сурх, чашми ҳукумат дар деҳаи Кабку мухолифи таълим ва тарбия баромада партаҳои мактабро шикаста, алов кардааст. Гуноҳи азим, вазнин, нобахшиданӣ, муаллим душмани илму дониш, душмани ҳукумат.

Муаллимро аз синф, аз назди шогирдон ва завҷааш бароварда, пешандоз карда бурданд, завҷаи муаллим дур аз хешовандон, дур аз зодгоҳ, дур аз Самарқанд, бесоҳиб, бесаробон монд. Дидори шогирди азиз, дӯсти меҳрубон, муаллими деҳа, ки маҳз ӯ хело беш талқин карда, ки устод аз деҳаи Бедак ба Кабку кӯчанд, дигар ба эшони домулло Мирзо насиб нагашт.

Ба эшони домулло Мирзо лозим омад, чанд соли дигар дар Кабку бизиҳанд. Ҷанг сар шуд, ҷанги дуюми ҷаҳон. Аз ҳамин деҳа акаам Меликхоҷа дар қатори ҷавонони лақай ба ҷанг сафарбар шуд. Инчунин, дар деҳа аз ҳар хонадон ба қадри имкон чизу чора, молу амвол ва маблағе ғун намуда ба ҷанг мефиристоданд. Ҷанг ба охир расида, акаам аз ҷанг баргашт, тир хӯрда буд, маҷруҳ. Аз дидораш ҳама шод будем. Дили падарам модору қувват гирифта.

Ана дар ҳамон рӯзҳои тамом шудани ҷанг, аз деҳаи Нилкон улавакиҳо-саворaҳоюю пиёдаи бисёр бо сардории раиси ҳамонвақтаи колхоз эшони Абдуқодир ба хонаи мо омаданд. Онҳо падарамро кӯчонда ба Нилкон бурданӣ будаанд. Мардуми деҳаи Кабку, ки солҳо эшони домулло Мирзо ҳамроҳи онҳо мезистанд ва эшон бароящон азизу гиромӣ гашта буданд, дар рӯзи кӯчиданашон, ҳама ношод, нохуш, хафаю маъюс шуданд. Аксарашон ашк мерехтанд. «Наравед, ҳазрати домулло, шумо пири мо, раҳнамои мо. Наравед, накӯчед», – илтиҷо доштанд. Эшони домулло Мирзо бо сари хам рӯ ба мардум, рӯ ба офтоб, ки аз паси

теппаҳои канори сангоби Рангон рух менамуд, меистоданд. Қомати баландашон баҳри тавозӯъ, сипосгузорӣ хам зада. Саллаи сафед дар сар, дастҳо пеши бар, аз аҳли деҳа чи навъ изҳори миннатдорӣ карданашонро намедонистанд. Қавми лақай дар рӯзҳои сиёҳ, дар рӯзҳои сахт мададгорашон буданд, гоҳе дар хонаҳо – дар ҷои ҷонашон пинҳонашон мекарданд. Ноилоҷ монда буданд эшони домулло Мирзо. Улавҳои беҳисоб, ки кӯчи эшони домулло Мирзо ба онҳо бор карда шуда буд, дар он пагоҳирӯзии баҳори соли 1947-ум ба роҳ баромаданд. Эшони домулло Мирзо ба ақиб, ба Кабку, ба аҳли он назар андохта наметавонистанд. Аммо нигоҳи аҳли деҳаи Кабку, қавми лақай ба он кас, ба улавҳо буд.

* * *

Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ андаке оромӣ ба амал омад, гӯё дигар ту эшону мулло гуфта одамонро намеҷустанд. Мардум боз дар орзуе, ки дар масҷид ҷамъ оянд, намози бо ҷамоа гузоранд. Бо ҳамин мақсад эшони домулло Мирзоро ба деҳа кӯчонда оварданд. Одамон боз, ягон-ягон бо дили пурҳарос ба масҷид меомаданд, меҳаросиданд, ки барои намози бо ҷамоа гузоштанашон гунаҳгор ҳисобида нашаванд. Чашмашон аз ҳукумат тарс хурда буд. Лангари ҳукумат дароз, як рӯз не як рӯз «гунаҳгорон»-ро ҷазо медиҳад. Ин хел ҳодисаҳо бисёр рӯй додаанд, мардум медонанд. Бо хаёли ноосуда одамон масҷид меомаданд. Атрофи мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро об зада, рӯфта, тоза мекарданд, сабзаю себаргаҳои саҳни масҷидро об медоданд. Шабҳо чароғҳои масҷид фурӯзон, масҷиди деҳа аз нав обод мегашт. Эшони домулло Мирзо ҳамон асои суп-сурхи чӯби бодомии белчадорашон, ки аз Бу-

хоро оварда буданд, дар даст аз минбар назди намозхонҳо амри маъруф мекарданд, рӯзҳои ид, намози ҷумъа хутба мехонданд.

Мухлисону муридон, эътиқодмандони эшони домулло Мирзо ба Нилкон омаданашонро шунида, аз дуру наздик боз ба зиёраташон меомаданд. Аз амри маъруфи эшон баҳравар гашта, дар масҷид аз пасашон намоз мегузоштанд, «эшони домулло Мирзо гуфта мо ба масҷиди Нилкон мебиёем, ба хотири ҳазрати домулло», мегуфтанд. Ҳисоби намозгузорон меафзуд, ҳисоби шогирдонашон ҳам. Ҳарчанд медонистанд, ки таълими дину шариати Ислом гуноҳ ҳисоб меёфт, барои ин «гуноҳашон» гирифтори маҳбас гашта буданд. Дар Бухоро хидмати пирашонро ба ҷо меоварданд. Заҳмат кашиданд. Дуо хостанд аз он кас. Вазифадор шуданд, ки умрашонро сарфи роҳи дину шариати Ислом мекунанд. Дар дунё аҳли илм зиҳад, ки аз ӯ шогирд монад, шогирд давоми илм, давоми умр, давоми зиндагӣ. Ҳамон рӯзҳо эшони Абдулмуъмин, эшони Сайиднеъматулло, эшони Муъминхон, эшони Абдуқодир, Эшонҷон, эшони Занбӯр, эшони Аҳмадхон, эшони Аъзамхон, эшони Муллохӯҷа, бародарон эшони Маллаҳхону Туфон, эшони Сироҷхон, эшони Умархон аз деҳаи Нилкон, эшони Санг, мулло Шариф аз Дуоба, мулло Салим аз Меҳтарӣ, мулло Мингитӯра ва мулло Қайнари турк аз Ҳисор, мулло Зубайдулло, мулло Бобохон, мулло Зариф аз Оқчагман, мулло Солеҳу мулло Сайид аз Роҳатӣ, мулло Абдусалом аз деҳаи Оқтоқ аз зумраи шогирдони онрӯзаи эшони домулло Мирзо буданд. Шогирдонашон дар ҳавлии худи эшони домулло Мирзо, дар ҳуҷраҳои масҷид мезистанд. Он рӯзҳо ба беш аз 150 нафар муллобачаҳо дарс мегуфтанд. Инчунин, устод аз шогирдон талаб мекарданд, ки ба корҳои

колхоз мадад расонанд. Худашон ҳамроҳи аҳли хонадон – зану фарзандон ҳамеша бо колхозчиён кор мекарданд. Он солҳо дар деҳаҳои ҷамоаи Роҳатӣ пахта намекориданд, об набуд. Баъдтар канал канда аз дарёи Кофарниҳон ба ин ҷо об оварданд. Мардум дар айёми пахтачинӣ осуда набуданд. Хурду калони деҳаҳои ҷамоаи Роҳатиро барои пахтачинӣ ба колхози ҳамсоя – ба колхози ба номи Ленин мебурданд. Дар давоми дусе моҳ мардум хонаҳояшонро намедиданд. Шабу рӯзашон дар даруни ҷӯякҳои пахта мегузашт, аз субҳ то шаб пахта мечиданд. Эшони домулло Мирзо ҳам бо аҳли хонадон – бо зану фарзандон ҳамроҳи ҳамдеҳагон пахта мечиданд, ба онҳо ёрӣ мерасонданд. Аз ин ҷиҳат аз эшони домулло Мирзо роҳбарони колхоз, фаъолони ноҳия розӣ, қаноатманд буданду он касро эҳтиром мекарданд. Баъд дар он солҳои баъди ҷанг фармоиш шуда, ки эшони домулло Мирзо вазифаи имомхатибии масҷиди ҷомеи ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархиро ба ҷо оранд. Роҳашон дур, аз деҳаи Нилкон ба масҷиди Мавлоно Яъқуби Чархӣ рафта меомаданд. Солҳо мегузаштанд, шогирдонашон ҳамроҳашон.

Аввалҳои баҳори соли 1950-ум бемор шуданд, бемориашон давом меёфт. Шогирдонашон, аз ҷумла, охунди мулло Сайиднеъматулло, эшони Занбӯр, эшони Абдулмуъмин, эшони Санг, мулло Шариф, мулло Абдусалом ва домоди калониашон эшони Миён Абду Борӣ ҳамроҳашон, чи хеле мегӯянд, он касро бардорумон мекарданд. Домодашон Миён Абду Борӣ аз рӯи нишондоди духтурҳо аз дорухонаҳои Душанбе барояшон доруворихо меовард. Доруҳоро бо маслиҳати домодашон истеъмол мекарданд. Вале нишонаҳои сиҳатёбӣ ҳис намешуд.

Ба замми ҳамаи дарду заҳмат, дар рӯзҳое, ки бемо-

риашон вазнинтар мегашт, аз ноҳияи онвақтаи Роҳатӣ, ки ҷамоаи Роҳатӣ ба ҳудуди он ҳамроҳ буд, хабар омад, ки боз аз пайи дастгир кардани эшони домулло Мирзо афтодаанд. Ҳамон рӯзҳо аҳли деҳаи Роҳатӣ чун пагоҳие аз хоб хестанд, диданд, ки дарвоза, дару дарбачаҳои хонаи Абдураҳимбой ба пушт кушодаю аз аҳли хонадон ному нишон намонда. Онҳоро ба Сибир бадарға карда будаанд.

Хабар омада, ки эшони домулло Мирзо низ ба Сибир бадарға мешудаанд.

Лозим омад дар рӯзҳои охири умр боз рӯ ба гурез оранд.

Ҳамон сол эшони Насриддин аз деҳа берун, дар наздикии боғҳои ангур замин гирифта, хонаю ҳавлӣ бунёд мекард. Деворҳои хонаҳояш ду-се похсагӣ баланд шуда буданд. Даруни хонаҳо алафзор, алаф баланд. Шаб, ҳангоме, ки ҳама ба хоб рафта буданд, шогирдон ва фарзандон эшони домулло Мирзои беморро миёни гилем бардошта аз деҳа берун ба ҳамин хонаҳои нимкорабунёди эшони Насриддин оварданд. Болои кулӯхтӯда, алафҳои баланд барояшон ҷойхоб густурданд. Дард азияташон медод, нафасашон кӯтоҳӣ мекард. Дарун-дарун сӯхта сиёҳу кабуд мегаштанд, лек баланд нолиш карда наметавонистанд, тоб меоварданд. Ситораҳо болои сар дурахшон, нурафшон, осмон софу беғубор. Вале ҳамаи ин манзараҳо ба назари бемор ва фарзандонашон наменамуданд. Мору калтакалосҳои дашт ба ёд намеомад. Аз одамони ҳукумат дар ҳарос буданд. Лаҳзае, ки андаке аз дард фориғ мегаштанд, чашм мекушоданд, чашмашон ба ҷойхоб, ба тифлаконашон меафтод. Онҳо низ ҳама гӯё бедор, баробари падар дард мекашиданд, ҳама дар ҳарос. Шогирдон ҳам саргардон, дар ташвиш. Як умр рӯзи орому осудагӣ на-

дидаанд эшони домулло Мирзо. Ҷояшон ҳабсхонаҳо, даруни коҳу алаф, даруни калфи сангҳо. Ҳолашон гурезогурез. Дар рӯзҳои сарашон ба болин омадан низ гуреза шудаанд. «Гунаҳгор» будаанд, гуноҳашон рӯзаю намозашон, гуноҳашон илмашон, шогирдонашон…

Боз гуноҳашон дар он буда, ки тавассути амалу рафтору кирдори нек овозадор шудаанд, пурбардошт, хоксор, бекина буданд. Хислатҳои неки эшони домулло Мирзоро мардум имрӯз ба хотир оварда ба якдигар панд медиҳанд.

Айни намози аср будааст, масҷид мерафтаанд, сари роҳ мебинанд, ки ду нафар бо ҳам дарафтода, бо ҳам дар херхаша, ҷанг. Яки онҳо бародари худашон эшони Маллаҳхон ва дигаре як ҳамдеҳаашон эшони Раҳим. Эшони Раҳим Маллаҳхонро мезадаанд, сару рӯи бародари падарам пури хун. Эшони Раҳим ба халосгарҳо тан намедодаанд, ба сари бародари падарам медавидаанд. Падарам ин ҳолро дида, чи хеле гӯянд, чашмашон сих зада, тоқат накарда, ба миён медароянд, эшони Раҳимро як шаппотӣ мезананд. Аммо баъд пушаймон мешаванд, дар азоби руҳӣ мемонанд, фикр мекунанд, ки кори нохуб карданд. То намози шомро хондан тоқаташон намонда, баъди адои намози аср ба хонаи эшони Раҳим мешитобанд, аз он кас бахшиш мехоҳанд, узр мепурсанд. То имрӯз мардум ин амали эшони домулло Мирзоро ба хотир меоранд.

Ҳоҷӣ Қосим, Қосими Мӯъмин ки синни эшон ба ҳаштод расидааст, гоҳе агар сухан аз эшони домулло Мирзо ба миён ояд:

-Истед, истед, ман як гап мегӯям, – гӯён хаёли ҳамаро ба худ мегирад ва сипас сулфида-сулфида ба ҳикояташ сар мекунад:

– Ман, – ва такроран боз, – ман, гуфта чун одат

тӯпии куҳнаи офтобхӯрдаашро аз сар гирифта сари зону хеста давом менамояд: – садқаашон шавам, эшони домуллоро хуб дар хотир дорам. Дар болои боғи эшони Искандархон палак доштанд, чи дурӯғ гӯям, ҳамон вақт ҳам бачаи бечурук, беодоб будам, бо бачаҳо ҳар рӯз ба харбузадуздӣ мерафтем. Медонистем, ки ҳазрати домулло парво надоштанд, ки кӣ харбуза медуздаду кӣ харбуза мехӯрад, лекин домодашон Саъдулло бадқаҳр буд, – ва Ҳоҷӣ Қосим медид, ки дар маърака ҳама ба вай гӯш медиҳанд, ба шавқ омада хандида-хандида давом менамуд: – Ба Худо мӯйсафеди Саъдулло ҳоло ҳам гизала аст. Ҳамон рӯз вай маро вақти харбуза duздиданам қапид, дошт. Эҳ, бовар кунед, вай ин қадар бераҳм аст, маро мезад, доду фарёд зада гирдаш мор барин мепечидаму вай маро бо як химчаи хордор мезаду мезад. Дар арвоҳашон мурам ҳамин вақт эшони домулло, ки дар болои чойлоб менишастаанд, ҳоли маро дида аз чойлоб фаромаданд, маро халос карданд, оби дидагонамро бо рӯймолча пок карда ба болои чойлоб бароварданд. Харбуза куштанд, харбузаро тилим-тилим карда «хӯр, бачам, хӯр», гуфта меҳрубониам карданд, баъд Саъдуллоро сарзаниш карда чанд харбузаю тарбуз чида дар як рӯймол баста ба дастам доданд ва гуфтанд, ки агар харбуза хоҳам назди худашон биоям, лек duздӣ накунам.

Соҳибкаромот ҳам будаанд эшони домулло Мирзо.

Дар деҳа Бӯрибой ном шахсе мезиста. Фарзандонаш имрӯз дар қайди ҳайётанд. Бӯрибойро ҳамин хел ном, вале фақирона мезиста. Боре вақти намози шом ӯ дар тани эшони домулло Мирзо хилъати зебое мебинанд, ҳавасаш меравад, аз дил мегузаронанд, ки кош ҳамин гуна хилъат медошт.

Рӯзи дигар эшони домулло Мирзо баъди адои намо-

зи бомдод, Бӯрибойро наздашон хондаанд, меҳрубонона пурсупос карданд ва баъд хилъаташонро аз тан бароварда ба ӯ пӯшондаанд.

–Чаро? Барои чӣ, эшони домулло? –Бӯрибой дар ҳайрат шуда.

–Пӯшед, Бӯрибой, насиб кунад.

–Ба Худо, эшони домулло, ман бегоҳ аз дил гузаронда будам, хуб накардам, ин хел накунед, – дар чашмони ӯ ашк ҳалқа мехӯрад.

Муҳаммадэргаш аз деҳаи Оқчакман имрӯзҳо ягона устои чукбур дар ҷамоаи Роҳатӣ ҳисоб меёбад. Фарзанди мулло Зубайдуллои шогирди падарам. Ӯ ба хотир меорад:

– Ҳамон шабе, ки вай ба дунё омада, барф меборида. Субҳгоҳ дарвозаашон куфта мешавад. Мулло Зубайдулло дарвозаро кушода устодаш эшони домулло Мирзоро мебинад. Савора, сару либосашон, пешотанаи асп пури барф. Чӣ сабаб шуда, ки эшони домулло пагоҳӣ қатӣ омадаанд. Вай ҳанӯз аз олами ҳайрат берун наомада, ки устод ба сухан омадаанд:

–Мулло Зубайдулло, муборак шавад, – ва ӯро бештар дар ҳайрат мононда афзудаанд: – Писар муборак!

Эшони домулло чӣ мегӯянд? Табрик мегӯянд? Барои соҳиби тифл шуданашон? Аз куҷо донистаанд? Боз писар буданашро ҳам медонанд? «Тавба, тавба», гуфта гиребон гирифта мулло Зубайдулло. Устодро ба хона мехонад. Домулло дуою фотиҳа хондаанд, умри тифл дароз шавад гуфта ва баъд пурсидаанд, ки ба писар чӣ ном гузоштанианд.

–Эргаш, – ҷавоб гуфта мулло Зубайдулло.

–Эргаши холӣ? – ва афзуданд: – Муҳаммадэргаш гӯед.

Имрӯз Муҳаммадэргаш марди солхӯрда.

Эшони домулло Мирзо меҳаросиданд, ки бадарға, мусофирхок нашаванд. Ба Сибир мебурдаанд, аҳли байташонро ҳам. Ҳама раҳрезу рӯрез, ҳамаи азобҳо аз туфайли эшони домулло Мирзо. Ҳамеша пои ботаҳорат буданд, даст ба дуо мебардоштанд, рӯ ба осмонҳо ба даргоҳи Худованд менолиданд, мурод металабиданд, мехостанд, дар деҳаи азизашон хокдон ёбанд, мехостанд, ҷанозаи боҷамоа бубинанд, орзу мекарданд, ки одамони ҳукумат бо чашмони худашон бинанд, ки эшони домулло Мирзо аз олам гузаштаанд, мехостанд бубинанд, ки он касро ба хок гузоштаанд, мехостанд умедашон баъди ин канда шаваду аҳли хонадони эшонро ба ҳоли худашон гузоранд.

Рӯзу шабҳо мегузаштанд, ҷои эшони домулло Мирзои бемор ҳанӯз дар беруни деҳа, даруни ҳамон чордеворӣ, хонаҳои нопӯшонида, нимсохти эшони Насриддин. Аз рӯи эҳтиёт рӯз равшан, ки мешуд, даробарои хурду калон ба он чордевориҳо қат мееёфт. Ҳама ҷо ҷимҷит, хомӯшӣ.

Шабҳо шогирдон боз ҳамон охунди мулло Сайиднеъматулло, эшони Абдулмуъмин, эшони Занбӯр, мулло Шарифи дуобачӣ, мулло Абдусаломи оқтоқӣ, эшони Санги дуобачӣ ҳамеша ҳамроҳашон. Ҳама ба умеде, дар орзуе, ки эшони домулло Мирзо сиҳат мееёбанд. Ва аз рӯи гуфтаи духтурон, табибон, табобат мекарданд. Лек ягон тадбиру амалҳо манфиат намеовард. Ҳолашон беҳ намегашт.

Рӯз аз ним мегузашт, офтоби моҳи аввали тобистон ҷониби ғарб майл менамуд, вазъи бемор ноҷо, ба ҳоли худ мешуданд, ҳама парешон.

– Эшони домулло, эшони домулло, устод, – гӯё бо фарёд, бо овози баланд беморро ба худ овардан мехостанд, чи кор карданашонро намедонистанд хешован-

дон, наздикон, фарзандон, шогирдон. Ашк гулӯгирашон. «Пирам, эшони домулло, устод, чӣ мекунед, худатонро ба даст гиред», боз баланд мегашт овози шогирдон.

– Лаббай, – чашм кушоданд, ба ҳуш омаданд. – Маро баред, аз ин ҷо баред, хона баред, – талаб карданд.

Эшони домулло Мирзо беҳуда, бесабаб, ин хел талаб ба миён нагузошта буданд, ҳолашон ба худашон маълум. Лаҳзаҳои ба ҳисоб монда аз умрашон, паймонаашон пур шуда. Дигар ҷои андеша ва ҳаросашон намонда. Одамони ҳукумат акнун ба он кас дар дами марг чӣ ҳам мекарданд.

Аллакай он бегоҳирӯзии охири моҳи июни соли 1950-ум ҳавлии эшони домулло Мирзо серодам гашта буд. Миёни хонае, ки ҷои ибодат, тиловаташон буд, рахти хоб густурдаанд. Охунди мулло Сайиднеъматулло ва шогирдони дигарашон болои сари устод. Мулло Абдусалом, эшони Санг ва мулло Шарифи дуобачӣ бонавбат ҳазрати Ёсин мехонданд, лаҳзаҳое буд он дам, ки эшони домулло Мирзо ба худ набуданд, бехудона ҳарф мезаданд.

– Ана, ҳавзи Оби Кавсар, дар дами мавт об мехоҳад кас, об – об мегуфтанд. Ва боз гоҳе назарашон аз тиреза ба берун, ба рӯи ҳавлӣ, ба ҷониби боми меҳмонхона мегашт. Ва бехудона боз ба сухан меомаданд:

– Ана, бинед, мулло Сайиднеъматулло, – ба шогирдон муроҷиат карда меафзуданд, – мебинед-а?

– Ҳа, устод, мебинем, – суханҳои бехудона ба забон овардаи устодашонро тасдиқ менамуданд, – мебинем, устод, мебинем, – такрор мекарданд шогирдон.

– Дидед-а?

– Ҳа, устод.

– Фариштаҳо аз осмон мефароянд, саф гирифтаанд,

намоз мегузоранд, маро даъват доранд, пеш гузарам, эшони домулло Мирзо мегӯянд, онҳо ҳама маҳтали ма-нанд, маро бардоред, ёрдам расонед, дастамро гиред… Бардоред… Меравам…

Он рӯзи моҳи аввали тобистони соли 1950-ум, вақти зардолупаз пагоҳӣ қатӣ роҳу роҳрав, кӯчаҳо, даруну беруни масҷиди деҳа пури одам шуд. Ҳама гӯё аз та-моми Тоҷикистон ба ҷанозаи эшони домулло Мирзо омада буданд. Ҳазорҳо нафар ҷанозахон, онҳое ки за-бони каҷашон назди эшони домулло рост шуда. Ҳамномашон мулло Мирзои ҳофиз дар саҳни масҷид миёни одамон нола дошт, суруди мотам мехонд. Бо ҳар як фароварди суруди ӯ мардум ҳамовозаш мешуданд, оҳу нола, фиғон ба осмон. Намояндагони ҳукумат ҳам, ки аз ноҳияи Роҳатӣ омада буданд, дар маъракаи дафни эшони домулло Мирзо ҳозир. Аз афташ, кори онҳо са-бук гашта, ки дигар аз пайи ба Сибир бадарға кардани он кас намешуданд, умедашон канда. Ба идораҳои мах-сус бо тантана ҳисобот медоданд, ки эшони домулло Мирзо аз олам гузаштанд. Раиси колхоз Кенҷа Юнус, фаъолон, одамони гапраси деҳа Нарзуллои Мелик, эшони Аҳмадхон, эшони Маллахон, Абдуллои Муъмин, Саъдуллои Ислом, аз деҳаи Роҳатӣ Боймуҳаммад раис, Холи Урок, Бӯрии Тоҳир, гӯё ҳама соҳиби мурдаи эшони домулло Мирзо буданд. Меҳмонон, одамони аз дуру наздик омадаро пазирой мекарданд. «Ҳо, бача, аспи фалончаро соҳиб шав, фа-лонча, чой биёр, якҷо наист, пеш гузар», гуфта ба ҳама фармоишҳо медоданд. Ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт буданашон эшони домулло Мирзо аз ҳамдеҳагон барои манзили абадиашон аз паҳлӯи мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф се газ замин хоста буданд. Аз ҷавонӣ, аз солҳои дар Бухоро таҳсил доштанашон орзуяшон

буд, мурод металабиданд. Аз рӯи васияташон шогирдашон охунди мулло Сайиднеъматулло ва эшони Араб, эшони Умар миён баста ба обу арақ ғутавар шуда бо белу каланд баҳри устод манзил меканданд.

Он рӯз дар саҳни масҷиди деҳа, ки як умр эшони домулло Мирзо ин ҷо, бо аҳли деҳа намоз мегузоштанд, хидмат мекарданд, тобуташонро гузошта буданд. Ҳазорон нафар дар саҳни масҷид намози ҷанозаи эшони домулло Мирзоро хонданд ва баъд он касро дар ҳамин ҷо, дар канори мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ба хок супурданд. Имрӯз мадфанашон обод, зиёратгоҳи аҳли деҳа шуда. Масҷиди ҷомеъи деҳа ба номашон:

*Масҷиди ҷомеъи ба номи*
*эшони домулло Мирзо.*
*(1876–1950)*

# ДЕҲАРО ХОБ МЕБИНАМ

Ҳаёти пурҷӯшу хурӯши шаҳр маро сахт ба оғӯш гирифтааст. Дилу ҷонам гӯё пайванди шаҳр бошад. Лекин деҳа ва ҳамдеҳагонам ҳам аз ёдам намераванд. Баъзан пурсида ба хона, ба ҷои корам меомаданд. Гоҳ-гоҳе хонаам сермеҳмон мешуд. Вале афсӯс, ки ман деҳа рафта наметавонам. Имкон намеёбам. Вақт нест. Шояд ҳамаи ин баҳона аст? Ё худ... не, не ҳанӯз ҳам деҳаро хоб мебинам. Дил гум мезанад.

Ба ҳимояи рисолаи номзадӣ тайёрӣ медидам. Китобу маҷалла, рӯзномаҳои беҳисобро хондаву варақ задан лозим меомад. Ба замми ин дар ҷои кор ҳам ташвиш аз мӯи сар зиёд буд. Фаҳмидам, ки олим шудан баробари он будааст, ки бо нӯки сӯзан чоҳ канда, об бароред.

Боре субҳ надамида дари хонаам кӯфта шуд. Хоболуд ҷомаро сари китф партофта, дарро кушодам. Ҳамдеҳаам амаки Ризо мунтазирам буд.

–Бахайр, амак,– ба ҳазор хаёл афтодам.

–Бобои Нарзулло қазо карданд,– гуфт бо алам. Карахт шудам. «Наход бобои Нарзулло гузаштанд?!» Ин пирамарди ҳузарбро дар деҳа ҳама хурду калон «бобо» мегуфтем. Одами меҳрубон буд, ҳамаи тӯю маъракаҳои деҳаро вай сарвар мешуд. «Оҳой, бача» – нидо мекард ӯ. – Ин корро кун, ба ҳавлии фалонӣ тоз,– ба дигаре бо хушҳолӣ мегуфт: – Ту ин ҷо чӣ шах шуда мондӣ? Ба таги дег алов мон, ана вай аспи меҳмона гир! Ба хонаи холаи Заҳробегим ош ройӣ кардед? Касал аст-а, аз ҳушатон набароядַ»

Мо он вақт дар деҳ бачаҳои хурд будем. Айёми ангурпаз аз хотирам намеравад. Гурӯҳ-гурӯҳ ба боғ, назди ангурчинҳо мерафтем. Бригадир, бобои Нарзулло, моро намеранҷонд. Вай савори аспи ҷеран аз кадом тарафи

боғ пайдо мешуду ба ҳамаи мо яксарӣ ангур дода мегуфт: «Имрӯз ҳаққатон ҳамин, бачаҳо, акнун равед, боз пагоҳ».

Вай човандози номӣ ҳам буд. Дар ҳар тӯйе, ки бузкашӣ мешуд, вай савори ҳамон аспи ҷеран пеш мебаромад ва овозаш ба гӯш мерасид: «Оҳой, ҷонвар, ақиб намон, ақиб намон!... Нанга ба даст гир, ҳо, ҷунб! Ҷунб...ҷонвар».

Баъд аспашро тозиёна зада аз миёни қӯра берун меомад. Мо, бачаҳо, «ана, бобои Нарзулло ҳалол карданд, офарин, офарин!», гӯён чапак мезадем.

Қариб ҳамаи мо хурду калон ҳамдеҳагон аз бобо Нарзулло ёрӣ дидаем. Вақте шунид, ки ман хонданӣ ба шаҳр мераваму мададгоре надорам, тасаллӣ дод: «Бачам, рав, хон, худамон ёрӣ мерасонем». Баъд чанд пул ба дастам дод.

Вале рӯзи дафни ана ҳамин бобои Нарзулло ҳам деҳа рафта натавонистам. Фикр кардам, ки аз сардорҳо «қишлоқ ҷаноза меравам» гуфта ҷавоб пурсидан нағз нест, як вақте зарар ҳам меорад. Ба ҳисоб мегиранд, охир ҷаноза маросими динӣ.

Ба дафни ҳамсояамон, кампири Сайрамбибӣ ҳам, ки баъди марги модарам чанде саробони ману додараконам буд, ҳозир шуда натавонистам. Бисёр тӯйҳои деҳа, ки хабарӣ будам, бе ман гузаштанд. Баъди ҳамаи ин равуои шиносу хешовандон ба хонаи мо кам шудан гирифт. Аз ҳамдеҳагон танҳо ду нафар – яке ҳамсояамон амаки Муъмин ва дигаре ҳамсинфам Ёдгор аҳён-аҳён ба хонаи мо меомаданд. Баъдтар амаки Муъмин ҳам кампайдо шуд. Танҳо Ёдгор монда буд.

Аммо ман деҳаро дар хоб медидам. Ёдгор ҳам як рӯз аз ман ранҷид.

Сардор ҳамроҳи ду-се наздиконаш ба хонаам ома-

данд. Таъкид карданд, ки наздашон ягон ношиносро нагӯям. Гап доштаанд. Гапу ҳарфҳое, ки бояд худашон медонистаанду Худо. Вале ҳамон лаҳзаҳо дари кулбаам бе тақ-тақ кушода шуд. Ёдгор даромад. Дар як сатил ангур оварда буд. Аз дар даромадан замон бӯи кабоб ба димоғаш расид, ки бо овози баланд шӯхӣ карда мегуфт: «Эҳа, Манучеҳр, болои зиёфат омадем-ку, «ҷизу биз», гӯштбирён. Аз ризқакам гардам, ба Худо хушдоманам маро дӯст медорад...»

– Э, э, Ёдгорҷон, оҳистатар, дар хона меҳмон,– саросема пеши даҳони ӯро гирифтам.

– Меҳмон бошад, боз нағз, мо ҳам меҳмон, ризқи ҳар кас бо худаш, – гуфту тарафи хонаи меҳмонҳо қадам монд. «Барои чӣ вай доду фарёд карда пеши онҳо медарояд? Таъкиди сардор чӣ мешавад?» Сабил, инҳо ҳама одамони нозук. Дар бало мемонам. «Ба ту чӣ гуфта будам?» – мегӯяд ӯ бо ман. Ҳамин қадар гапи сардор кифоя. Оқибаташ нек намешавад. Вале ин аҳмақи Ёдгор ба ранҷидану наранҷидани сардор кор надорад. Чӣ кунам? Ёдгорро аз роҳ гардонам? Димоғи ӯ аз димоғи сардор ҳам нозук. Не, ҳар чӣ шавад, Ёдгорро аз роҳ гардондан лозим. «Ранҷад ҳам майлаш, вай худӣ». Бояд шароити шаҳрро донад, шаҳр деҳа не, хонаҳо танг-танг, катаки мурғ барин, овоз баланд карда намешавад.

– Ёдгор, – вай акнун дари хонаи меҳмонҳоро кушоданӣ буд, ки аз роҳаш гардондам. – Ҳозир ист, ман ба ту гап дорам, – гуфтам.

– Шаб дароз, баъд гапатро гуфтан мегирӣ. Ё хаёл кардӣ, ки ман ҳамин ҳозир меравам? Не, имшаб ман меҳмони ту. – Вай мақсади маро нафаҳмида шӯхӣ кард.

– Не, Ёдгор, аввал ин ҷо биё, баъд пеши меҳмонҳо медароӣ,–дари ошхонаро кушодам. Ёдгор гапи дили маро фаҳмид. Табассум аз лабонаш парид. Бо димоғи

сӯхта аз пасам ба ошхона даромад. Ҳамин ҷо наздаш дастархон густурданду зиёфат оварданд.

Рӯзи дигар ӯро ман надидам. Пагоҳӣ кай аз хона баромада рафта буд, намедонам. Ба фикрам, Ёдгор меҳмони охирини хонадони мо аз деҳа буд. Солҳо гузаштанду деҳа, ҳамдеҳагон фаромӯш шуданд. Фақат хоб медидам деҳаро.

Аммо як рӯз ҳамин Ёдгор боз ба хонаи мо омад. Ӯ ба назарам хеле пир, руҳафтода намуд. Ба рафиқи солҳои мактабии ман чӣ шудааст? Чаро ин қадар хастаҳол менамояд?

– Касалам, Манучеҳр. Чанд вақт боз туро зуд-зуд хоб мебинам. Хайрият, сиҳат-саломат будаӣ, – гуфт бо ҳасрат Ёдгор.

Вай ғами маро мехӯрд, аммо ман...

– Кӯдакҳоят чандто шуданд, Ёдгор? – пурсидам.

– Ҳафт бача дорам, ҳамаашон хурдсол, калонаш акнун ба синфи ҳашт гузашт, – гуфт бо ҳасрат ӯ.

– Табобат кардан лозим, сиҳат мешавӣ. – Баъд ба ӯ гуфтам, ки ягон рӯз ба фурсат ояд, ӯро назди духтурҳои калон мебарам. Духтурҳои зӯр ошноҳоям, шиносҳоям, табобат мекунонем. Ёдгор розӣ шуд.

Ба кор андаке дер омадам. Хаёлам парешон буд. Вақтҳои охир кори идораамон дӯлоб, ҳамон рӯз дар газета ҳам танқид шуда будем. Дари ҳуҷраамро кушода дар қабулгоҳ Ёдгорро дидам. Бечора хело боз нигаронам будааст.

– Омадӣ, Ёдгор? – Ростӣ дар ҳамин рӯзи пурташвиш интизораш набудам.

– Ҳа, омадам, Манучеҳр, – Ёдгор сахт-сахт нафас мекашид. Ҳолаш аз он рӯзи дидаам ҳам бадтар буд. Таги рӯяш заъфаронӣ намуд.

– Биё, – ба ҳуҷраи корам даромадам. Ёдгор аз пасам

омад. Ӯ оҳиста дарро пӯшида дар як ҳолати маҳзунӣ дастонаш пеши бар назди девор истод. Телефон занг зад. Саросема гӯшакро бардоштам. Сардор бо ман гап мезад, бо қаҳр, бо ғазаб гап мезад.

Бо даст ишора кардам, ки Ёдгор аз дар берун равад, маро он ҷо нигарон шавад.

Аз суханони такдори сардор ба обу арақ ғӯтидам. Сифати биноҳои сохтаи ман дар маҳаллаи навбунёд бад, паст ва ҳоказо... Барои ин ва боз чанд камбудии дигар баъди ду рӯз ҳисоботи маро дар ҷаласаи аҳли мушовара мешунидаанд. Масъалаи дар вазифа мондан ё намондани ман ҳал мешуд.

Гӯшаки телефонро ба ҷояш мондаму намедонам чӣ қадар вақт сарамро миёни кафҳо гирифта хомӯш истодам. «Барои ҳамаи ин кӣ гунаҳкор? Айби кӣ? – ба худ суол медодам. Гунаҳкор муҳандис, сардори участка, бригадирҳои харомхӯр. Онҳо масолеҳро як бар ду фармуданду лекин нимашро барои биноҳо истифода набурдаанд. Онҳо аз пулҳои ҳаром ҷиғилдон пур кунанду калтак ба сари Манучеҳр Каримовичояд? Не, ин тавр намешавад, Манучеҳр ҳам аноӣ нест, гурги борондида аст, чи карданашро медонад, агар гап дар сари аз вазифа рафтани сардори управления бошад, ӯ ҳам кафши чанди инҳоро пеш мегузорад. «Ин корро ҳамин ҳозир мекунам, дер не, ҳозир!». Тугмачаи зангро пахш кардам. Котиба саросема наздам даромад. Ҳанӯз ларзаи дилам намонда буд, пай бурд, ки ниҳоят дарғазабам. Сар ба пеш афканд. Вай мунтазири фармоишам буд. Ба ӯ гуфтам, ки ҳамаи сардорҳои участкаҳо, муҳандис, меъморонро наздам даъват намояд. Таъҷилӣ, ҳозир, ҳамин лаҳзаҳо! Котиба сар боло накарда ақиб рафт.

– Ист, – фармоиши нав дорам. Духтарак тарафам рӯ овард.

– Ҳеҷ касро даромадан намон, – оташи ғазабам баландтар аланга мезад.

– Хуб шудааст, Манучеҳр Каримович, – овози маҳини духтаракро шунидам...

Ба хона хеле дер баргашатам. Ҳамсарам либоси хонагӣ дар бар аз ошхона баромад.

– Ин қадар дер омадед?– гуфт ӯ.

– Осудагӣ надорам, маҷлис доштам, – оташин будам.

– Имрӯз ҷӯраатон Ёдгор омада буд, аҳволаш вазнин. Шуморо ёфт? – Боз пурсид ӯ.

– Эҳ, рост мегӯӣ, Ёдгор омада буд, – ба хотирам омад.–Аҳволаш бад, ӯро назди духтур бурданӣ будам. Марг ба ин серкорӣ, ёру рафиқат ҳам фаромӯш мешавад, аз хотир меравад, – таассуф хӯрдам.

Чанд моҳ гузашт. Ёдгор дигар назди ман наомад. Ният кардам, ки ӯро дида узр пурсам. Аз ваҷҳи саломатиаш мушавваш будам. Вале дидораш муяссарам нашуд.

Рӯзе писараки ба тахмин чордаҳ-понздаҳсолае оҳиста дари хонаамро кушод. Симояш ба назарам гарм намуд. Ба Ёдгор монанд. Ҳа, ӯ писараки Ёдгор буд, боре ҳамроҳи падараш дида будам.

– Падарат наомад? – пурсидам.

– Падарам, амакҷон, падарам... пайкари писарак ба ларза даромад. «Падарам, амакҷон...» – гуфту худро ба оғӯшам партофт. Оби дида ба рухсораҳоям мефуромаду сари писаракро навозиш мекардам. «Ёдгор, Ёдгорҷон, Ёдгор...» ба ҷону ҷигарам дард менишаст ва пайкарамро меафшурд.

Бо ҳамин дигар ман ба деҳа рафта натавонистам. Вале ҳар гоҳ маро хумори он мегирад, хумори хешовандон, ҳамдеҳагон, одамони нигоҳҳояшон пурмеҳр. Хумори кӯчаҳои каҷукилеб, хумори саҳни масҷид, подаҷош, вале деҳа рафта наметавонам, деҳаро хоб мебинам...

# МЕҲРИ МОДАР

Кампири Сабрия аз кӯчаҳои сокиту хомӯши деҳа роҳ мерафт. Барф меборид. Барф болои рӯймоли нимдошти ба сар печондаи ӯ меафтод, рӯи роҳ ба тадриҷ сафед мешуд. Пиразан ҳар бегоҳ вақтҳои охир ҳамин хел аз хонаҳои ҳамсояҳо дер меояд. Боэҳтиёт дарвозаро кушода, ба хоначааш даромада сар ба болин мениҳад. Вай барои он дергоҳи шаб ва боэҳтиёт ба хонааш меояд, ки келину писараш бедор нашаванд. Аз рӯзе ки ӯ ба хона келин овард, ҳолаш ҳамин. Ситораи кампири Сабрия ба вай нафорид. Аз як ҷиҳат, аз дил мегузаронад ӯ, дуруст аст, ки духтарак аз вай ҳазар мекунад. Ӯ пири фартуту бадард шуд. Шабу рӯз «пуҳ-пуҳ» месулфад, гӯшу майнаи ҳамаро хӯрдааст. Мӯйҳояш сапсафед, чашмонаш чӯкидаанд, ожангҳои рӯю пешонааш огарди замини шудгоршуда барин, халтаҳои пеши чашмонашро намегӯед. Худашро дар оина бинад, меҳаросад. Офарин ба духтари мардум, албатта, ҳазар мекунад.

Кампири Сабрия як одати дигар ҳам дорад: танҳо ки монд, худ ба худ ё гап мезанад, ё ғазалу рубоиҳои медонистагиашро говзанбӯр барин «бинг-бинг» мехонад, ҳофизӣ ҳам мекунад. Ҳамин одат ба вай баъди марги шавҳараш ёр шуд. Ана, дигар аз ин одат ҷудо шуда наметавонад. Баъде, ки келин фуровард ӯ, он ба сараш бало шуд. Ин духтар ба тамоми деҳа овоза кардааст, ки аз хушдоманаш меҳаросад, дар хона аз вай дилаш ваҳм мекунад. Одами сиҳат наход худ ба худ гап зада шеъру ғазал хонад, девона аст ин кампир. Модари келин ҳам занаки берӯй будааст, ду пойро ба як мӯза тиқондааст, ки духтарашро мебарад, духтари бесоҳиб надоштааст, ки ҳамроҳи кампири девона зиндагӣ кунад, фарзандаш

ба вай азиз будааст. Ба Талбак ӯ гуфтааст: агар ба вай оғӯши гарми зани хушрӯ форад, илоҷи модарашро ёбад.

Баъди ҳамон рӯзҳо кампири Сабрия тарки одат карданӣ шуд. Вале ин одат ба шир надаромада бошад ҳам, аз афташ, ба ҷон мебаромадагӣ барин. Соатҳо забонашро таги дандон мегирад, гап назанам мегӯяд. Вале намешавад, аз ёдаш меравад, боз забонаш кушода мешавад.

Вай як рӯз бо ду гӯшаш шунид, ки келин ба Талбакҷони ӯ гуфт:

– Модаратро пеш кун, гӯй аз хона равад.

– О, вай кам гап мезадагӣ шудааст-ку, – дар забони Талбак садқа шавад, ки ӯро тарафгирӣ кард. Ба ҳар ҳол ӯ ҷигарбанд, дилаш ба модар месӯзад, ғами ӯро мехӯрад.

– Гап назанад ҳам, афташ хунук, аҷинаҳо барин, аз вай метарсам, агар аз хона гум нашавад... ман меравам.

Ана ин гапи вай ганда буд. Наход кампири Сабрияро аз хонааш пеш кунанд? Талбакҷонашро монда вай куҷо меравад? Як нафас ӯро набинад, дилаш гуму гиреҳ мехурад, девона мешавад. Дар дунё ҳамин як Талбак дорад модар, яккаю ягона.

– Оча, сарҳисобамро гум кардам. Рӯзам сиёҳ мешудагӣ барин. Келинат баромада меравам, мегӯяд, худат медонӣ вайро ман нағз мебинам. Баъд ҳолам чӣ мешавад? – ҷигарбандаш лаб газид ва чашм аз ӯ гурезонд.

– Куҷо равам, бачам, ман дигар ҷои рафт надорам. Якрӯза мурдаи ман аз хонаи худат мебарояд. Ҳамаи орзуву умедам худат. Бо нӯки оташков ба ман нон те, пасмондаатро эб бину аз хонаат пеш накун, бачам, садқаат мешавам, бачам, – модар гиря кард. Талбак

муддате хомӯш истод, илоҷи воқеа ҷуст. Вале хоҳиши арӯси зебо барои ӯ аз ҳама зӯртар буд.

– Ҳар рӯз ту ҳамин хел мегӯӣ, оча, ҳазор бор мегӯӣ, – бедимоғ гуфт Талбак. – Диламро хиҷил мекунӣ, зиқ мешавам. Ғами маро намехӯрӣ, фикр намекунӣ, ки аз зиндагӣ, аз рӯзу рӯшноӣ мемонам. Баъд, оча, охир ту бе хешу табор нестӣ, хоҳар дорӣ, ана бачаҳои амакат ҳастанд. Ман туро намепартоям, хабар мегирам.

Модар дар ҷавоб ҳарфе нагуфта дари хоначаашро кушод. То пагоҳ аз он берун наомад, худ ба худ гап ҳам назад. Гӯё ҳушёр шуда буд. Вале «ҳушёр» шуданаш ҳам нафъ наовард. Талаби келин аз писари вай қатъӣ будааст. Рӯзи дигар аз пагоҳӣ дар хонаашон боз шӯру мағал шуд. Келин либосҳояшро ба як рӯймоли калон баста аз хона баромад.

– Ман меравам, агар вай наравад, ман меравам, зан гир, зани хушрӯйтар ёб ту! – гуфт ӯ ба Талбак.

Талбак бо ғазаб дари хонаи модарро кушод.

– Оча, ана бин, келинат меравад, тамошо кун, ба дилат мешавад. Ҳаминро мехостӣ, бе зан мемонӣ ту маро, бе зан, бе Гулҳарам... Панҷаҳояшро бо ҳам мефишурд Талбак, забон мегазид, меларзид.

Модар аз ғазаби писар, аз чашмони беҳошудаи ӯ тарсид. Ҳафтаи гузашта ҳам вайро ӯ беҳуда озор дод, ба сараш мушт бардошт, заданӣ шуд. Аз як ҷиҳат айби худи Сабрияхола ҳам ҳаст. Мурод талабида буд, ки Талбакҷонаш ӯро занад, кубад, ба модар лаби нон раво набинад, умраш дароз шавад. Ана, муроди талабидаи модар мустаҷоб шуда.

Кампири Сабрия гирист, ашки чашмонашро пок карда, аз ҳавлӣ баромада рафт...

Баъди ҳамон рӯз модар ба писару келинаш рӯ ба рӯ

намешавад. «Худо давлати ҳамсояҳоро зиёд кунад», бо хаёли фарзанди ягонааш нимаҳои шаб аз хонаи онҳо меояд, шабаш, ки саҳар шуд, боз аз кулбааш берун меравад.

Ҳамон шаб ҳам модар аз хонаи ҳамсояҳо дер баргашта оҳиста тарафи дарвоза даст бурд. Ин дарвозаро раҳматии шавҳараш баъди ба дунё омадани ҳамин Талбакҷонаш сохта буд. Гирди ҳавлиро аз нав девор бардошта, дарвоза шинонд. Падар ҳам ҷигарсӯхта буд. Фарзандҳояш ба дунё наомада нобуд мешуданд. Худо ба онҳо Талбакҷонро лоиқ дид. Тӯй карданӣ буд падар, тӯйи калон. Аммо орзуҳояш дар дил монд. Пеш аз марг ба Сабрия васият кард: «Талбакро хор накунад». Талбак бепадар монд, лекин хор нашуд. Ҳамаи дороии модар барои ҳамин фарзанд сарф шуд. Гули хӯрокро хӯронд, гули либосро ба ӯ пӯшонд. Ҷавон буд модар, ба хотири ҳамин як фарзанд шавҳар накард. «Раҳрезу рӯрез нашавад бачаам» гуфт. «Бачам» гуфту ӯро бонӣ кард, калон кард. Сонӣ келин фуровард.

Кампири Сабрия бо андешаҳои зиёд дарвозаро оҳиста тела дод. Кушода нашуд. Онро аз дарун занҷир андохта будаанд. Пиразан, асояш миёни кафҳо, болои як санги таги дарвоза нишаст. Хунук хӯрда буд. Ҷуръати дарвозаро тақ-тақ задан ё овоз баровarда фарёд кардан надошт. Хеле вақт гузашт. Оҳиста аз ҷояш бархост. Дарро боз тела дод. Руст буд. Сулфааш омад. Сулфид, баланд месулфид, бо умеде, ки дари ҳамсояе боз мешавад. Вале дар ин ғояти шаб мардум ҳама хоб буданд.

Акнун вай, кампири барҷомонда, чӣ кунад? Ё дарвозаи ягон ҳамсояро кӯбад? Дар ин поси шаб... Чӣ мегӯянд? Гӯяд, ки писару келинаш дар ин шаби зимистон дарро ба рӯи вай бастаанд, аз хонаашон баровarда

пеш карданд? Дар деҳа шӯр мехезад. Талбаку келинаш таги гап мемонанд, таъна мешунаванд.

Кампир хеле бо ҳасрат ба дару деворҳои ҳавлиаш назар андохту ақиб гашт. Дар торикӣ гоҳе пояш ба кӯлмаки об мерафт, гоҳе болои калӯшҳояш пури лойқа мешуданд, ё ба сангу яхпорае пешпо хӯрда меафтод. Роҳаш давом мееёфт. Ҳамин хел аз як кӯча ба кӯчаи дигар мегузашт. Аз деҳа берун шуд. Дашти васее пеш омада буд. Олам аз барф сап-сафед метофт. Кампири Сабрия бо роҳаки борики миёни дашт мерафт. Гоҳе бод як лаби рӯймоли сарашро ба рӯяш мезаду аз зарби он чашмонаш об мегирифт. Ӯ роҳ мерафт, оҳиста, бо азоб ба пеш қадам мемонд. Сулфааш меомаду қоматашро болои асояш меандохт. Месулфид, нафас гӯё дар гулӯи ӯ дармемонд.

Ҳамин хел як бори дигар ҳам вай шабмонда шуда буд, он ҳам ба туфайли ҳамин Талбакҷонаш. Аз мактаб ӯро оварданд, касал шуда будааст. Як сару ҳазор болин. Вайро ба беморхона бурданд. Талбакҷон дар беморхона хоб буду модар атрофи бинои он тор метанид. Ҷисму ҷонаш гудохта мешуд. Духтурҳо таскинаш медоданд. Мегуфтанд, ки писаракаш шифо меёбад, модар хонааш раваду бихобад, дам гирад. Аммо дар назари модар хонаҳояш ваҳшаткада менамуданд. Не, вай бе писаракаш ба хонаҳои холиаш сар дароварда наметавонад. Онҳо барояш бе Талбак як ҷазираанд, ҷазираи дур аз ободиҳо, ваҳмоваранд.

Даҳ рӯз ҷои модар гирду атрофи беморхонаи деҳаи ҳамсоя буд. Боре нимаҳои шаб як ҳамшираи шафқат бо чеҳраи хандон аз назди писараки ӯ берун омад. Хотири модарро шод гардонд. Аҳволи Талбаки вай беҳ шуда, чашм кушода будааст. Шир пурсидааст.

– Талбакҷони ман шир мегӯяд! Ӯ шир мехӯрад, дар забонат садқа, – гуфт модар ба духтарак ва рӯ ба роҳи деҳа овард. Он вақт байни деҳаю баморхона мошин намегашт. Одамон аспакию харакӣ меомаданд. Вале модар, ки зани ҷавону боқувват буд, пиёда мерафт. Аз хабари андак беҳтар шудани ҳоли писараш гӯё бол бароварда буд, роҳ намерафт ӯ, тарафи деҳа дар парвоз буд.

Вай зудтар ба деҳа расида, ба ҳаққу ҳамсояҳо хабар доданӣ буд: Талбаки ӯ шифо ёфт, шир диҳанд, шир мехоҳад. Вале роҳ дароз буд, модар монда шуд. Ҳаво хунук, баъди тамоми рӯз барф боридан осмон кабкабуд метофт, ситораҳо гӯё гулҳои осмон буданд. Ҳазорҳо ранг медоданд. Аз паси теппа моҳ намоён шуд. Аввал нимаи нон, баъд ба монанди як нони бутун шакл гирифт. Олами пур аз барф аз нурҳои он равшану зебо гашт. Лекин ҳамин хел ҳам, ки бошад, ба дили модар ваҳм омад. Аз паси чанд санги хонамонанд гузашт, даруни як ҷарӣ назараш ба сиёҳие ғалтид. Сиёҳӣ ранги гов менамуд. Ҷон аз дасту пои Сабрия баромад. «Бало будагист, бало». Ӯ шунидааст, ки сои Некону Моинкаҷ бало дорад. Роҳи ӯ ҳоло ба даруни ҳамин сои ваҳмовар афтода. Бо дили пурҳарос пеш давид, аз назди ҷарӣ гузашт. Вале гов аз паси ӯ меомад. Модар хам шуда аз замин сангеро бардошта тарафи он ҳаво дод. Дудила шуд: кори нохуб кард. Агар ин махлуқ гов нею бало бошад чӣ? Ба сари бало санг андохт, аз роҳаш гардонд, ана ба ҷонибаш меояд. Дар ин шабӣ, дар ин дашти арасот ҳолаш чӣ мешавад? Чи хел аз чанги бало мераҳад? Ё он дар ҳақиқат гов аст? Худоё, ба бахташ гов бошад. Аммо дар ин наздикиҳо хонаю ҳавлие нест, деҳаҳо дур. Гов аз куҷо пайдо мешавад? Бо ҳарос боз рӯ ба роҳаш ниҳод. Медавид. Мондашавӣ, хунукиро дигар ӯ ҳис

намекард. Кому забонаш хушк шуд. Вале медавиду медавид... Бо ҳамин ҳол вай ба деҳа омад.

Чанд дарро зад. Ниҳоят аз хонае шир ёфт, хурмачаи пури шир дар даст ӯ боз ба роҳи омадааш баргашт, саҳар нашуда дари беморхонаро кушод. Талбак шири модар овардаро хӯрд, андаке мадор гирифта «оча» гуфт. «Дар забони оча мегуфтаат бимирам, Талбакҷон», шодӣ дошт модар. Ҳеҷ гоҳ модар ин қадар хурсанд нашуда буд, «оча» гӯён ба сухан омадани Талбакашро дар он лаҳзаҳо шунид. Ташвишу кулфатҳояш фаромӯш шуданд. Шукр гуфт, шукри ҷони фарзанд гуфт.

Бале, он вақт ҳам модар ба хотири фарзанд шаб монда буд. Имшаб ҳам сабаби дар роҳ мондани ӯ ҳамин фарзанд. Вале акнун вай он Талбаки хурдсол нест, мардаки калон, хонадор аст. Ҳамин Талбак дар ин шаби қаҳратуни зимистон дарро ба рӯяш маҳкам кард. Модар ҷои сарпаноҳ наёфт. Ҳоло беҳолу бемадор шудааст, аз миёни дашти пурбарф асозанон роҳ меравад, барф сару рӯяшро сафед кардааст, аз хунукӣ панҷаҳояш шах шудаанд, асо аз дасташ меафтад, панҷаҳояш бо ҳам намеоянд, ях бастаанд.

Кампири Сабрия ба деҳаи Лолазор расид. Ҳис намуд, ки хонаи хоҳарашро ёфт, бо асои дасташ дарвозаи ӯро чанд бор кӯфт. Баъди ин дигар чизе ба хотири пирзан нест. Ба худ омад, хоҳараш Наргис ва фарзандони ӯ болои сари вай менишастанд. Чанд шаб аз миён гузашт, боз хаёли модар ба фарзанд – ба Талбак шуд. «Талбак, Талбакҷон», зикр мекард номи ӯро.

Як шаб бо тарс аз хоб бедор шуд. Хоҳарашро, ки паҳлӯи ӯ хобида буд, «очаи Шарофат, очаи Шарофат», – гӯён бедор кард.

– Чӣ ғоти шаб аст? – пурсид кампири Сабрия аз хоҳараш.

– Ҳоло барвақт, апа, хоб кунед, бароҳат хоб равед, – гуфт очаи Шарофат.

– Талбакҷонро хоб дидам, хоби ганда дидам.

– Ин хел нагӯед, апа, ба хоб агар одам бовар кунад, чи корҳое мешавад, – ӯро тасаллӣ доданӣ шуд хоҳар.

– Ҳамин хел мегӯӣ, ту очаи Шарофат, ман бандаи бетақдирам, ҳамон соли раҳматӣ шудани язнаат ҳам ҳамин хел хоб дида будам. Хоб дидам, ки як ними девори ҳавлӣ гашт. Ин хоби хуб нест. Дилам барои Талбакҷон меларзад, пеши пойҳои вай бимирам ман, – модар аз ҷояш хестанӣ шуд. – Меравам ман, очаи Шарофат, ба дилам алов ғалтид, наметавонам.

– Апа, хоб равед, ҳеҷ гап нест. Пагоҳ бачаҳоро равон мекунам. Талбакҷонро хабар гирифта мебиёянд, – очаи Шарофат боз ба ҷойгаҳаш даромад. Пас аз лаҳзае хоби ӯ бурд. Вале дар дидагони кампири Сабрия хоб набуд. Вай боз худ ба худ бо писараш дар сӯҳбат шуд: «Бачам, худо гирад, димоғи нозуки очата, ба тавраш малол шуд, туро партофта хонаи хоҳараш омад. Мехӯрдагиаш ин ҷо гӯшти гӯсфанду равғани думба. Заҳра хӯрад, дар баданаш ошӣ накунад. Чор рӯз боз туро надида тоқат карда гаштааст. Ин чор рӯз ба вай аз чор сол ҳам зиёд. Ҳоли ту чӣ шуда бошад? Хоб медидӣ, дар хобат метарсидӣ, ин қадар соқ ҳам нестӣ. Аз назарам дур шудӣ. Занат ба ту чою нон мекунад, гушна-ку намондӣ, бачаи оча?»

Кампир чанд бор берун баромаду ба хона даромад. Ниҳоят вай ба хоҳараш нафаҳмонда яктаи суфи сафедашро ба сар кашиду асояшро гирифт.

Вақте ки кампири Сабрия ба ҳавлиаш даромад, офтоб рух намуда буд. Деҳа зери нурҳои он бисёр зебо метофт. Аз ҳар хона садои гуфтугӯву ханда. Вай дарво-

заро пӯшид. Саросема қадам монд. Писарашро мебинад. Ин қадар рӯзҳо аз дидораш маҳрум шуд, дар рӯи базебу қомати баланди Талбакаш бимирад. Ӯро вай дидан мехоҳад, модар пазмон шудааст. Ана, қоҳ-қоҳ хандидани Талбакро мешунавад. Аз афташ вай дар пешайвон истодааст. Бо арӯсаш гуфта механдад, дар хандаҳои ӯ модар фидо шавад. Аз кӯдакӣ Талбак ҳамин хел механдад, хандаҳои ширин дорад. Ба модар мефорад ин хандаҳо.

Модар аз роҳрав тарафи хона гашта буд, ки Талбак намоён шуд. Кор мерафт ӯ. Келинаш аз паси ӯ меомад. «Барвақттар биёед, ҳаял накунед», – гуфт. Рост мегӯяд духтарак, ба дили кампири Сабрия мегӯяд. Талбак тарафи арӯсаш гашту «ҳаял мекунам», гӯён шӯхӣ кард. Пиразан аз ин ҳазли фарзандонаш шод гашт. «Гулу булбул барин, ҳамеша ҳамин хел бошанд», – ба дил гуфт ӯ.

Вале ҳамин лаҳза ҳам писар ва ҳам келин ӯро диданд. Диданду табассум, ханда аз лабонашон гурехт.

– Бачаҳом, нағз ҳастетон, худо ҳардуятонро ҳам нигаҳбон шавад, – хиҷолатманд аз Талбаку келинаш аҳвол пурсид кампир.

– Оча, боз омадӣ? – Аз дидани модар дар ҳайрат монда буд Талбак.

– Ҳа, бачам, омадам, бе ту ман дар ҳеҷ ҷо зиндагӣ карда наметавонам, дар хонаи ту, пеши пойҳои ту мемирам ман, бачам. Якрӯза мурдаамро худат соҳиб шав, бачам! – гуфт модар бо овози гирифта.

Талбак ба занаш чизе гуфтанӣ шуд. Вале духтарак боитоб аз вай рӯ гардонд. Сабаби ба ғазаб омадани ӯро боз кампири Сабрия фаҳмид.

– Ту, оча, моро тинҷ зиндагӣ кардан намемонӣ, аз афташ, охираш хонавайрон мешавам.

– Ин хел нагӯй, бачам, шумоҳо, худоё, бо ҳам пиру кампир шавед, аз ҳамдигар намонед.

– Ҳамин хел мегӯӣ, оча, забон қатӣ мегӯӣ. Агар ту хушбахтии моро мехостӣ, гашта намеомадӣ, – Талбак даст афшонда боитоб аз назди модар гузашт.

Модар гӯё дигар забони сухангӯӣ надошт. Чӣ ҳам мегуфт? Ба кӣ мегуфт? Келину писараш ӯро дида аз ҳавлӣ рафта буданд. Ноилоҷ ақиб гашт. Паси дарвоза такя ба асояш хело истод. Писаракашро дид, хоби нохуб дида буд. Хайрият, писаракаш сиҳату саломат будааст. Худо нигаҳбонаш шавад! Кампири Сабрия бо дидагони пуроб асозанон боз рӯ ба роҳи дур, ба деҳаи Лолазор овард.

# ГӮШВОРА

Андаке поёнтар аз деҳаи мо, дар канори роҳ, ки дар ду ҷониби он майдонҳои ангурзор, боғҳои сарсабзу хуррами мева то ба дуриҳо доман густурда буданд, қабре мавҷуд буд, қабри ягона. Мо, хурдсолони он солҳо, дар ҳайрат будем, ки мадфани одамӣ баҳри чӣ, бо чи ваҷҳе ин ҷо пайдо шуда? Чаро ӯро дар гӯристон ба хок насупурдаанд. Боз аз он дар ҳайрат мешудем, ки зани куҳансоле дастархони пури нон дар тори сар ба сари гӯр меомад. Дастурхон мекушод, нонҳоро рӯи он паҳн мекард, баъд хоки гӯрро ба дидагон мемолид, гӯрро ба оғӯш мекашид, баъд ба навҳа медаромад:

– Рустамҷон, ҷони апа, нон овардам, нонҳои гарм, нони гандум, нони сафед, нон фаровон шуд, дар ҳама ҷо арзон... Он рӯзҳо гузаштанд, рафтанд. Ҳайф шудӣ, сад ҳайфи ту, Рустамҷон! Хез, нон овардам, нон!..

Ин зан кӣ буда, чаро ин гӯр ин ҷо пайдо шуда? Баъд ҳамааш ба мо маълум гашт.

* * *

Қарибиҳои субҳ барф аз боридан монд. Замину замон ях баст. Торафт хунукӣ сахт мешуд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, имрӯз мардум сертараддуд буданд, ба бозор мерафтанд. Ҳама як ташвиш доштанд, чизу мол, асбобу анҷомҳои рӯзгорро ба бозор бурда ғалла ё нон харидане буданд. Роҳ пур аз пиёдаву савора.

Бачаи тахминан 15–16-солае, ки дар тан ҷомаи чиғда-чиғдаи сатини сиёҳ ва дар по мӯзаҳои дарида дошту рӯймолашро гирди сар ва гӯшҳояш печонда буд, аз пайраҳае ба роҳи калон баромад ва бо бозоракиҳо ҳамроҳ шуд.

– Ҳа, Рустам, дар ин хунукӣ куҷо меравӣ? – пурсид

пирамарди савора, ки худро рӯи зин бо чакман дурусттакак печонда буд, лаҷоми аспашро кашида.

– Бозор, – гуфт Рустам.

– Чӣ мебарӣ?

Рустам ба саволи пирамард чӣ ҷавоб доданашро надониста, худро андаке ба ақиб кашид ва даст ба кисааш андохт. Ӯ гӯшвораҳои модари раҳматиашро, ки пас аз ҷанг (Ҷанги Бузурги Ватанӣ-солҳои 1941-1945 дар назар аст) рафтани падараш ба бистари беморӣ афтода, чанд рӯз пеш аз олам гузашта буд, аз киса баровард. Баргакҳои он ларзиш хӯрда, оҳиста ҷарангос заданд. Садои шинос, модари Рустам ҳаргоҳ, ки аз коре ба завқ меомад, бо табассум сар меҷунбонд, баргакҳои гӯшвораи ӯ ана ҳамин тавр ларзида садо медоданд. Гӯшвораҳо ба ӯ бисёр мезебиданд ва модари Рустам онҳоро ҳеҷ гоҳ аз гӯш намегирифт. Гӯшвораҳои ӯро танҳо вақте занҳои ҳамсоя аз гӯши ӯ гирифта, аз рӯи васияташ ба хоҳари калонии Рустам – Ҳабиба доданд, ки вай аз олам чашм пӯшида буд. Ҳоло Рустам ҳамин гӯшвораҳои модарро ба бозор бурда, бо нон иваз карданист. Илоҷи дигар ҳам намонда. Ду рӯз боз Рустам ва хоҳараконаш Ҳабибаю Назираи хурдсол гуруснаанд.

Бегоҳ Рустам як пора нони хушки ҳаққи худашро ҳам ба хоҳараконаш тақсим кард. Охир акнун ӯ марди хона аст. Инро ба ӯ падар дар номааш таъкид намуда. Ӯ гуфта, ки баъди сари модар нигоҳубин, сарбонии хоҳараконаш ба уҳдаи вай, бонангу номус бошад. Хоҳараконаш нангу номуси ӯ будаанд. Бале, падар рост мегӯяд, вай мардбача, марди хона.

... Рӯзи дуюм аст, ки Рустам дигар барои нон ба хонаи кари Бӯрӣ намеравад ва Бӯрӣ низ акнун ба хонаи онҳо намеояд. Ӯ одами зишт будааст.

– Рустам, омадӣ, биё, – кари Бӯрӣ хилофи ҳаррӯза

хандон-хандон аз хонааш ба пешвози Рустам баромад. Ӯро ба хона хонд.

– Рустамҷон, нон бисёр, ба ту то соли оянда мерасад, ана худат бин, – кари Бӯрӣ ба ду халта нони хушк, ки дар як тарафи хона рӯи ҳам чида шуда буд, ишора кард. – Лекин, Рустамҷон, як маслиҳат, – кари Бӯрӣ риши ғулии мошубиринҷашро даст-даст карда давом намуд: – Ҳабибаро ба ман медиҳӣ.

Кари Бӯрӣ боз чӣ гуфт? Рустам ӯро намешунид. Осмон гӯё ба сараш фурӯ омад. Акнун ӯ фаҳмид, ки кари Бӯрӣ аз чӣ сабаб пас аз марги модараш ба онҳо ин қадар муҳибу меҳрубон шуда. На, на Рустам хоҳараконашро бо нон иваз намекунад, Ҳабибаро ба кари Бӯрӣ намедиҳад. Коре карда рӯзи хоҳараконашро мегузаронад, нон меёбад.

Рустам аз гуруснагӣ якбора худро беҳол ҳис кард. «Худро ба даст гир, Рустам, ту акнун марди хонаӣ...» Рустам гӯшвораҳои модарашро аз нав ба кисаи пеши бағалаш андохт. Пирамарди савора гардиши теппаро тоб хӯрда аз назари ӯ дур шуда буд.

Рустам қатори бозоракиҳо қадам мениҳод...

Бозори Янгибозор. Нурҳои камтаъсири офтоби зимистон рӯи дарёи Кофарниҳон, ки мардуми бисёре дар канори он ҷамъ омада хариду фурӯш доштанд, зарҳалин метофтанд. Оби дарё аз қабати ях бесадо ҷорӣ мешуд. Чарахсаҳои он ба рӯи сангҳо бархӯрда ях мебаст, сангҳо чун оина шаффоф мешуданд. Шамоли сард мевазид, одамон дандон ба дандон монда ба хунукӣ тоқат мекарданд. Рӯз хунук, аммо бозор гармтар мешуд. Ана, як харидор, марди бурутии тануманде дар рӯ ба рӯи Рустам, ки гӯшворҳои модар дар даст ғарқи хаёлот буд, бозистод.

– Бача, гушвораро мефурӯшӣ? Ку ба ман буте, – даст дароз кард мард.

«Чӣ? Ӯ гӯшвораҳои модарашро ба кафи ҳамин мард мегузорад? Ба ӯ фурӯшад? Васияти модар чӣ мешавад? Гӯшвораҳо азони Ҳабиба. Не, намехоҳад онҳоро ба харидор бидиҳад. Бо нон ҳам иваз намекунад. Ба гуруснагӣ тоб меоранду нишонаи модарро эҳтиёт мекунанд.

... Рустам гӯшвораҳои модарашро ба кисабағал андохт. Марди бурутӣ ғур-ғуркунон аз назди ӯ гузашта рафт. Рустам ҳам аз бозор баромад. Ба канори роҳи калон гузашта, барфи рӯи сангеро бо лаби остини ҷомааш рӯфт. Бале, ӯ гӯшвораҳои модарашаро намефурӯшад. Аммо нон ёфтан лозим. Бо кадом роҳ?.. Аз гуруснагӣ сари Рустам чарх гашт. Ӯ бемадорона рӯи тахтасанг нишаста, сарашро миёни кафҳояш гирифт. Ҳоло хоҳараконаш аз хоб хестаанд. Онҳо ҳам гуруснаанд. «Нон» мегӯянд. Рустам ба деҳа баргардад? Бе нон? Бо дасти холӣ? Рустам аз ҷояш хест. Офтоб ба миёни осмон омада бозор камодам шуда буд.

Рустам ба роҳ даромад. «Ба куҷо? Ба деҳа?» ба ногоҳ фикре ба сари ӯ омаду ба тарафи ду асп, ки чанд қадам онсӯтар ба нигаси боми хонае баста шуда буданд, равона шуд. Аспҳо аз турбаҳои пур кумур-кумур ҷав мехӯрданд. Рустам ҳаросон атрофро аз назар гузаронду рӯймолашро аз сар кушод ва рӯи замин паҳн намуд. Аз сари асп тӯрбаро гирифта, ҷавро зуд ба рӯймолаш холӣ кард. Банди тӯрбаро аз нав ба сари асп кашида буд, ки як мард тозиёна дар даст аз рӯ ба рӯяш пайдо шуд. «Канӣ, сағира, ба ман нигар?»

Ҳанӯз Рустам дасташро аз тӯрба нагирифта буд, ки мард чанд тозиёна паси ҳам ба сару рӯи ӯ зад. Аз чашму рӯи ӯ хун ҷорӣ шуда, рӯи барфҳоро лолагун кард.

Рустам фарёдзанон ба замин афтид. Дар гирди ӯ ва соҳиби асп бозоракиҳои бисёре ҷамъ омада буданд. Онҳо аз воқеа огоҳ шуда соҳиби аспро сарзаниш карданд. Гуфтанд, ки сағираи бечорарo беҳуда зада маҷрӯҳ сохт. Наход одами каппа-калон як бачаи бечорарo ин қадар занад.

Мард ҳам аз бераҳмиаш хиҷолат кашид, ки аз гиребони ҷомаи Рустам дошта ӯро аз рӯи барф рост намуд ва рӯймоли ҷавро ба дасташ дода гуфт:

– Гир, сағира, гум шав! Рав!

Аммо Рустам бовар намекард, ки рӯймоли ҷавро ба ӯ баргардонданд. Ӯ рӯймолро ба даст гирифта, ҳамаи дарду ранҷашро фаромӯш намуд. Рустам аз назди издиҳоми мардум дур мешуд, ҳама ба ӯ бо тараҳҳум нигоҳ мекарданд.

Ӯ гӯшвораи модарашро нафурӯхта, барои хоҳараконаш хӯрокӣ ёфт. Ҷавро дар ӯғӯр кӯфта орд мекунад. Ӯ марди хона аст, бояд хоҳараконашро хӯронад... Рустам пешпо хӯрду ба замин афтод. Аз ҷой бархостанӣ шуд, аммо мадор надошт.

– Рустамҷон, хез дастатро ба ман деҳ... – дасти модараш ба сӯи ӯ дароз шуд.

– Не, ман худам мехезам, модарҷон, – Рустам аз ҷой бархостанӣ шуд. Нимхез шуда ба даруни ҷӯй афтод. Аз хунукӣ тамоми баданаш виҷиррос заду ба ҳуш омад. Касе дасти ӯро дошта аз ҷояш хезонд.

Ҳаво торик шуда, боз барф меборид. То деҳа хеле роҳ. Рустам рӯймоли ҷав дар даст беҳушона дар байни роҳ қадам мезад.

Чароғҳои деҳа намудор шуданд. Рустам рӯймоли ҷавро ба рӯи барф ниҳода, дар канори роҳ нишаст. Сару рӯяш ғарқи обу арақ шуда, тамоми баданаш чун барги бед меларзид. Ӯ дигар аз ҷо хеста наметавонист. То

деҳа андаке роҳ. Он ҷо хоҳараконаш бо чашми чор ба роҳи ӯ нигаронанд. Аммо Рустам дигар қадаме ба пеш ниҳода наметавонист. Аз ҷояш хестанӣ шуд, мадораш намонда буд. Чароғҳои деҳа дар пеши назари ӯ хомӯш шуданд...

– Рустамҷон, хез, биё, боз андаке роҳ монд. – Модар ба сӯи ӯ боз даст дароз кард.

– Рустам, ту акнун марди хона, хона ва хоҳараконатро нигаҳбон шав, – овози падарро шунид. Аммо Рустам дигар мадори аз ҷой хестан надошт. Гуруснагӣ ӯро аз пой афтонда буд. Рӯяш аз барф сафед мешуд...

* * *

Зани миёнсоле ба сари қабр расида, дастархони пури нонро аз сар гирифта, дар наздаш паҳн намуд, сонӣ қабрро оғӯш карда ба навҳа даромад:

– Рустамҷон, хез, ҷонакам, хез, нон овардам, нони гарм, нони гандум. Нон дар ҳама ҷо пур шуд, арзонӣ, фаровонӣ, хез...

Зан хоҳари калони Рустам Ҳабиба аст. Ҳар гоҳ гӯшвораҳои модар дар гӯш, дастархони пури нон дар тори сар ба зиёрати мадфани бародараш Рустам, ки як вақтҳо аз гуруснагӣ дар даромадгоҳи деҳа ҷон дода буд ва мардум ӯро дар ҳамин ҷо ба хок супурдаанд, меояд, ба ёди ӯ менолад. Рӯзҳои гуруснагӣ ва Рустамро ба ёд меорад.

## МАОШИ АВВАЛ

Қариб як ҳафта буд, ки Саида-хола дар ҳавлӣ танҳо мезист. Писараш дар хидмати аскарӣ, келинаш ба аёдати хешовандон рафта буд. Дирӯз бояд бармегашт, аммо аз вай ҳанӯз ҳам дарак набуд. «Кошкӣ, соҳибони хона тезтар меомаданд, тобу тоқати хонабонӣ надорам», – мегуфт худ ба худ Саида-хола.

– Ассалом, бибӣ, – духтари ҳамсоя – Ширинмоҳ як рӯймоли пур аз туҳфаҳо дар даст ба ҳавлӣ даромад. Саида-хола дар пешайвон болои кӯрпача нишаста пилла ғоз мекард. – Янгаам аз Варзоб омаданд? – пурсид Ширинмоҳ.

– Не, бачам, ба янгаат чӣ кор доштӣ, дар вай рӯймолат чӣ дорӣ? – Пиразан аз паси айнак бодиққат ба Ширинмоҳ нигарист.

– Савғо овардам.

– Аз кӣ?

– Аз акаашон.

– Бачам, ту гапҳои беҳуда нагӯй, келини ман ака надорад, вай як сағираи бекас.

– Намедонам, бибӣ, ана вай муаллими нави мо Шокиров гуфтанд, ки Хадича ба он кас хоҳар мешавад, худашон ҳам ана дар ҳамин ҷо, дар пушти дар. Гуфтанд, ки Хадичаро гӯям наздашон барояд, – Ширинмоҳ бастаи туҳфаҳоро гузошта аз ҳавлӣ берун шуд.

– Ширинмоҳ, Ширинмоҳ, ист, духтарам, ту чӣ гуфтӣ, дурусттар гап зан, – пиразан рӯймолчаи пиллаҳояшро як сӯ гузошта аз ҷой хест. Аз пушти дарвоза овози Ширинмоҳ ба гӯшаш расид:

– Муаллим, Хадича набудааст.

– Дар хонаашон кӣ?

– Хушдоманаш.

– Кай меомадааст?

– Намедонам.

– Хайр, агар биёяд, ба вай гӯй, ки як назди ман ба мактаб биояд, ман интизор мешавам.

– Хуб шудааст.

Саида-хола дарвозаро кушод. Ширинмоҳу муаллим хело дур рафта буданд. Ӯ дарвозаро пӯшид.

– Ин гапи куҷо-а? Кадом як муаллим ба келини ман савғо овардааст? – пиразан болои рӯймоли савғо хам шуд. Гиреҳҳо кушода намешуданд, ангуштони бемадоршудаи Саида-хола аз ҳаяҷону изтироб меларзиданд. Ӯ боазоб рӯймолро кушод. Камзӯлчаи махмал, оина, китоб, боз ким-чиҳои дигар… Ҳамаи ин савғо аз як марди бегона ба келини ӯ. Боз камзӯли махмал ҳам?! Келинаш ҳазл набудааст-ку. Гапи Дорғабегим дар ҳаққи вай рост барин. «Саидаҷон, аз келинат эҳтитёт шав, хандаҳояш ноҷо», – гуфта буд ӯ. Дар ҳақиқат, аз рӯзҳои ба хидмат рафтани писари Саида-хола авзои келинаш беҷо. Ҳар рӯз чанд куртаи атлас мепӯшад, ба қошҳояш ӯсма мекашад. Пиразан ҳанӯз сар аз болои савғо набардошта буд, ки овози Дорғабегим баромад.

– Биёед, ҳамсоя, – Саида-хола бо азоб рост шуд.

– Омадам, Саидаҷон. Инҳо чӣ? – бо нӯги асо ба рӯймоли савғо ишора кард.

Садида-хола сир пинҳон доштанӣ буд.

– Инҳо… – дигар чӣ гуфтанашро надонист ӯ.

– Инҳо, Саидаҷон, савғо ба келинат, аз як муаллими ҷавон, – гуфт Дорғабегим.

– Шумо аз куҷо донистед, дугона?

– Аҳли деҳа ҳама аллакай медонанд. Ба ман Ширинмоҳ гуфт, муборак шавад.

Аз суханҳои Дорғабегим Саида-хола моту мабҳут

шуда монд. Наход Хадича ба писари вай хиёнат кунад? Номи муаллим чӣ буд? Шокируф? Саида-хола ӯро ба ин ҳолаш намегузорад. Худи пагоҳ ба мактаб даромада арз мекунад, ба район меравад… Вай, модари Баҳодур, зинда аст.

* * *

Пагоҳӣ муаллимон ва хонандагон дар саҳни мактаб ҷамъ омада буданд. Мудири мактаб бо онҳо сӯҳбат дошт, Саида-хола ба мактаб даромада омад. Тухфаи дирӯз ба келини ӯ фиристодаи Шокиров дар тори сари пиразан буд. Ӯ асозанон ба хонандагону муаллимон наздик мешуд. Нигоҳи тааҷҷубомези ҳама ба ҷониби вай. Хонандагон пиқ-пиқ механдиданд. Мудири мактаб низ аз гап задан бозистод.

Авзои Шокиров, ки паҳлӯи муаллимон меистод, беҷо шуд. Ин кампир кист? Чаро либосҳои дирӯз ба Хадича фиристодаи ӯ дар дасти вай аст? Ё Хадича онҳоро пас гардондааст? Хуб нашуд. Акнун аҷаб не, вайро дигар хел фаҳманд, беобрӯ шуданаш ҳам мумкин. Аз ваҷоҳати пиразан маълум. Ба Хадича кӣ мешуда бошад? Шокиров дар ҷояш истода наметавонист. Панҷаҳояшро ба ҳам фишурда, лаб ба зери дандон мениҳод.

Пиразан наздик меомад. Мӯйҳои ба докаи сафеди сараш ҳамранги ӯ болои чашму абрувон ва рӯи пурожангаш хамида буданд. Пиразан аз ғазаб меларзид.

Ӯ дар рӯ ба рӯи аҳли маҷлис истод. Бастаи тори сарашро ба замин ниҳод ва гиреҳҳояшро ба ангуштони ларзонаш саросема кушод ва чизҳои даруни онро ба замин пошид.

– Истед, модар, шумо чӣ мекунед? –мудири мактаб аз як лаби остини Саида-хола дошта, ӯро аз назди

ҳозирон ба канортар кашид. Муаллимон дар ҳайрат монда буданд.

– Чӣ гап, модар? – пурсид мудир.

– Ҳозир, бачам, ҳозир ҳамаашро мегӯям. Агар арзамро нашунавӣ, ба ман ёрӣ нарасонӣ, худамро ана дар ҳамин ҷо, дар пеши назарат мекушам… – Пиразан гапашро гум кард.

– Ширинмоҳ, куҷоӣ, Ширинмоҳ? – овози Саидахола меларзид.

Ширинмоҳ аз қатори ҳамсинфонаш баромада, ба пеши пиразан омад.

– Гӯй, бачам, ин савғоҳоро кӣ ба келини ман фиристод? -Пурсид пиразан аз ӯ.

– Муаллим, – гуфт ӯ.

– Кадом муаллим? – пурсид мудири мактаб аз Ширинмоҳ.

– Муаллим Шокиров.

– Ман ба назди ана ҳамун Шокируфатон омадам, канӣ, вай? Афташро ба ман нишон диҳед. – Пиразан давом намуд: – Келини ман як бор ба шавҳар баромадагӣ. Ӯ ба вай кӣ мешавад, ки савғо фиристодааст? Додар, ё ягон хеши дур? Худи ҳозир ба келини ман кӣ шуданашро гӯяд…, – нафас дар гулӯи пиразан печид.

Акнун нигоҳи ҳама ба ҷониби Шокиров шуда буд. Муаллимон байни худ пичир-пичир гап мезаданд:

– Хадича катӣ вай хело боз шинос, дар Душанбе ҳам онҳоро бо ҳам дида будам, – гуфт як муаллим.

– Ба шаъни муаллим иснод, айб.

Занг зада шуд, хонандагон ва муаллимон ба дарс даромаданд. Дар саҳни мактаб Шокиров танҳо монд. Ӯ мехост, ки ба модаршӯи Хадича ҳамаи гапро фаҳмонад. Аммо ӯ ба касе гӯш надода бо қаҳру ғазаб аз мактаб

рафта буд.

* * *

Мудири мактаб сӯи хобгоҳи муаллимон равон шуд. Фикру хаёли ӯ ба муаллими нав. Аз туфайли вай мактаб ноором, деҳа пури гап шуда. Баъзе муаллимон талаб доранд, ки муаллими навро ҷавоб диҳанд. Дуруст мегӯянд. Имрӯз – фардо шавҳари Хадича аз хидмат ояд, гап калонтар мешавад. Мудир банди ҳамин хаёлҳо аз назди кулбаи Шокиров мегузашт, ки садои ғамангези мусиқӣ ба гӯшаш расид. Касе танбӯр менавохт. Ӯ аз роҳ бозистод. Садои танбӯр лаҳза ба лаҳза баландтар шуда, аз хоначаи хурдакаки Шокиров то ба дуродур мерафт, дили кас маҳзун мегашт. Мудир мафтуни навои танбӯр ба хонаи Шокиров даромаданашро нафаҳмида монд. Шокиров ба торҳои танбӯр нохун мезаду аз сурате, ки рӯ ба рӯяш болои миз буд, чашм намеканд. Дидагонаш пуроб мешуданд, нолаи танбӯр аламовартар мегашт. Шокиров дарди дилашро ба торҳои танбӯр холӣ карда, оҳи бадарде кашиду танбӯр дар даст аз ҷояш бархост ва мудири мактабро дид. Ӯ бо Шокиров вохӯрда, назараш ба сурат буд. Аз он ду духтараки хурдадаки фатиламӯй ба тарафаш нигоҳ мекарданд.

– Шинохтед? – Шокиров бо яки он духтарҳо ишора кард. Ӯ ба назари мудир шинос намуд. Вале ба хотир оварда натавониста, китф дарҳам кашид.

– Ин сурати Хадича аст, – фаҳмонд Шокиров.

– Хадича?

– Бале, инаш хоҳари ман. – Шокиров духтараки дуюмро нишон дода дигар сухане гуфта натавонист.

Дилшоду хоҳаракаш Манижа падарашонро дар хотир надоштаанд. Ӯ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок шуда будааст, модараш бемор буд, баъд аз олам гуза-

шааст. Онҳо акаю хоҳар бесаробон мондаанд. Баъд онҳоро ба Хонаи бачагони шаҳри Душанбе овардаанд. Дар ин ҷо ба монанди Дилшоду хоҳараки ӯ бепарасторон бисёр будаанд. Хадича ҳам бепадару модар будааст. Дилшоду хоҳараш бо ӯ шинос шудаанд, бо ҳам одат кардаанд. Хадича аз хоҳараки Дилшод Манижа як дам ҷудо намегашта.

Саҳни хонаи бачагон озодаю васеъ буд, дарахтзор. Бачаҳо даводаву бозӣ мекарданд. Дар ҳамин мавридҳо ҳам Хадичаю Дилшод ва Манижа бо ҳам мегаштанд.

Ба Хонаи бачагон як мураббияи нав омад. Вай Хадичаю Дилшод ва Манижаро ҳамеша бо ҳам дида боре пурсид:

– Дилшодҷон, Хадича ҳам хоҳари туст?

– Не, – ҷавоб дод Дилшод, вале пушаймон шуд. Охир аз ин ҷавоби ӯ Хадича хеле маҳзун гашт, чашмони ангури сиёҳ барини вай пурашк шуданд.

– Ҳа мегуфтӣ намешуд, – хоҳараш ӯро сарзаниш кард.

Аввалҳои тобистон буд. Онҳоро барои истироҳат ба як лагери пионерии дараи Варзоб бурданд. Рӯзе ба сайри дара баромаданд. Онҳо то чоштгоҳ роҳ паймуда, ба дарунтари дара даромаданд. Чаҳ-чаҳи булбулон, хониши парандагон ба гӯш мерасид. Дар баландиҳо ҳанӯз барф менамуд. Аз оғӯши сангҳои барфолуд шамоли салқин меомад. Офтоб аз назар пинҳон шуд. Сангҳои куҳ ба назар хонамонанд, калон-калон. Бачаҳо борхалтаҳои сафарӣ дар пушт, пеш мерафтанд. Ҷавонзани чеҳрахандоне, ки пеш-пеши ҳама мерафту мӯйҳои тиллорангашро шамол боҳавсалаи тамом бозӣ медоронд, мураббия буд. Ногоҳ аз кадом як тарафи қуҳ чанд сангпора ғелид. Санг ба санг бармехӯрд. Сангрезаҳо бисёр шуда, ба қаъри дара мефуромаданд.

Мураббия болои санге баромаду фарёд зад:

– Бачаҳо, ба пушти танаи дарахтон гузаред. Зуд, зуд бошед, ба паси дарахтон!!

Нидои мураббия акси садо дод. Бачаҳо аз сангреза гурехта, саросема паси кундаи чинор ва чормағзҳои калон панаҳ мешуданд. Дилшоду Манижа ҳам тарафи дарахте давиданд. Аммо Хадича наменамуд. Акаю хоҳар ӯро диданд. Вай гӯё аз ҳодиса огоҳ набуд, ки дар поёни дара лаби ҷӯй нишаста буд. Моҳичаҳо, сангрезаҳои пурҷилои қаъри оби зулол хаёли вайро рабуда буданд.

– Хадича! Хадича!! Гурез, гуре-е-е-з!!!

Сангҳои бисёре рост ба тарафи Хадича меғелиданд. Манижа додгӯён сӯи ӯ давид. Назди Хадича расида, аз дасташ кашид. Вале худро аз фалокат раҳонида натавонист. Сангҳо ба сараш рехтанд. Дунё ба назари Дилшод тира гашт, ҳеҷ ҷойро намедид. Вай аз ҷону ҷигар – аз хоҳаракаш ҷудо шуд. Онҳо акнун ду нафар буданд – Дилшоду Хадича. Хадича аз Дилшод ҷудо намешуд. Онҳо акаю хоҳар гашта буданд.

Дилшод оҳиста-оҳиста сар боло карда, аз тиреза ба саҳни сермағали мактаб назар андохт ва пас ҳикояашро давом дод:

– Ман муаллим шудам, маоши аввал ҳам гирифтам. Орзу доштам онро барои хоҳарам сарф кунам. Инро ба худи ӯ ҳам мегуфтам. Аммо насиб набудааст. Ба хотири Манижа маоши аввалампо ба дугонаи ӯ сарф карданӣ шудам, аммо.. Ба ҳама асли гапро фаҳмондан душвор.

Рӯймоли савғо назди тиреза меистод. Мудири мактаб аз паҳлӯи Дилшод бархосту онро ба даст гирифт.

– Дилшодҷон, ҳамроҳи ман биё, – гуфт ӯ ва аз остонаи дар ба берун қадам монд.

Дилшод аз паси мудир мерафт. Онҳо аз пеши муал-

лимоне, ки барои муҳокимаи Дилшод ҷамъ шуда буданд, гузаштанд. Чашмони ҳозирон ба мудир дӯхта шуда буд. Рӯймоли туҳфаҳои барои Хадича харидаи Дилшод дар дасти ӯ буд. «Чӣ, худи мудири мактаб «савғо»-ро ба хонаи Саида-хола мебарад?» Онҳо саҳв накарда буданд. Мудир ҳамроҳи Дилшод ба хонаи Саида-хола мерафт.

# МАРГИ ДУШВОР

Гоҳе вай ба хабаргирии як хешашон ба деҳаи онҳо меомад, чанд рӯз меҳмон мешуд. Мудири мактаб – Ризои Раҳмонро ҳам дар ин рӯзҳо ба наздаш мехонданд. Суҳбаташон метафсид. Муаллими куҳансол Содиқи Ҷаъфар аз солҳои мудири маориф ва мудири мактаб буданаш ҳикояҳо мегуфт, таҷрибаи афзун доштааст дар роҳбарӣ ӯ. Дар айни замон муаллими забон ва адабиёти тоҷик будааст, бообрӯ, чанд китобе аз тариқи дарсдиҳӣ таълиф карда. Мактабашон аз туфайли вай овозадор, машҳур.

Муаллими забону адабиёти мактаби онҳо чӣ? Камсавод, ҷумлаи бехато наменависад. Хонандагон, падару модарон аз ӯ домангир... Дирӯз дар маҷлиси муаллимони ноҳия мактаби Ризои Раҳмонро танқид карданд. Чанд иншою диктантҳои хонандагони онҳоро хонда хандиданд. Ҳамаи заҳматҳое, ки Ризои Раҳмон барои беҳбуди кори таълиму тарбия мекашад, аз пагоҳӣ то шаб аз дари мактаб сар берун намекард, як пул. Гӯё косаи оби лой болои ҳавзи мусаффо пошида мешавад, оби ҳавз лойолуд мегардад. Дар мактаби Ризои Раҳмон муаллимони фанҳои дигар, албатта, босаводанд. Аз дарсҳои ҳисоб, физика, таърих, ҷуғрофия дониши шогирдон хуб. Агар ҳамин Содиқи Ҷаъфар барин муаллими забону адабиёт дар мактаби онҳо дарс мегуфт, таърифӣ мешуданд. «Мактаби кӣ зӯр?» «Мактаби Ризои Раҳмон», бо ӯ баробар намешуданд.

Ба Содиқи Ҷаъфар меҳрубонтар гашт Ризои Раҳмон. Вайро агар чанд рӯзе намедид, аз хешовандони ӯ мепурсид:

– Мӯйсафед, камнамо, сиҳату саломат бошанд?

Як рӯз Ризои Раҳмон пеши муаллим арзи дил гуфт.

– Мегӯед, ки ба ҳамин деҳаи шумо кӯчида биёям?

– Ҳа, аз колхоз хона гирифта медиҳам.

Ризои Раҳмон аз таги пӯсти муаллими куҳансол даромад, худашро хурду ӯро розӣ кунонд. Содиқи Ҷаъфарро аз ноҳия кӯчонда ба деҳа овард, дар мактаб муаллим кунонд, устухонбандиҳояш ба ҷо омад. Хурсанд, ки мактаби ӯ соҳиби муаллими зӯр. Аз хурду калони деҳ, муаллимону хонандагон талаб кард, ки иззату эҳтироми муаллим Содиқи Ҷаъфарро ба ҷо биёранд, муаллими муаллимон эълон кард ӯро. Ҳар боре дар мактаб маҷлису маъракае мегузаронд, аз Содиқи Ҷаъфар сухан ба миён меовард. Васфи ӯ шеър мехонд, таъриф карда, баъд ба сари масъалаи ҷаласа меомад. Дар ин лаҳзаҳо муаллим хомӯш, пешона месуду ба ҳозирон, ҳамнишинон дида медӯхт. Гӯё он лаҳзаҳо айёми шиносоии ӯ бо ҳамкорон буд. Зӯр зада аз миёни онҳо биринҷро аз кӯрмак, тиллоро аз мис ҷудо карданӣ мешуд. Оҳиста-оҳиста муаллими куҳансол ба гап даромад, давраи шиносоӣ бо муаллимони мактаб гӯё барояш гузашта.

Бо Ризои Раҳмон нишаста буд. Дари ҳуҷраро мӯйсафеде кушод, нуронӣ, дар сараш салла, пеши бараш пур аз ордену медал, иштирокчии ҷанг, Ҷанги дуюми ҷаҳон. Бо ҳоҷате пеши Ризои Раҳмон омада будааст.

– Ангур чиндум, бачам, аз боғ хона биёрум мегум, наметонум, се-чор бача лозим, – гуфт ба Ризои Раҳмон. Ӯ сокит буд. Ба чи гуфтану нагуфтани мӯйсафед эътибор надод. Гӯшаки телефонро бардошт, миёни ангуштон бозӣ медоронд онро. Мӯйсафед, рӯ ба мудири мактаб истод. Ӯ ҳамоно ҷавоб намешунид.

– Чӣ гуфтӣ, бобои Бӯрӣ? – гӯё ягон ҳарфи ӯ ба гӯши Ризои Раҳмон надаромада буд, ки аз мӯйсафед суол кард.

– Ду-се бача лозим мегум.

– Чӣ мекунӣ?

– Ангур чиндем, хона мебиёрем, гуфтум-ку.

– Домодат канӣ?

– Помир рафтай, боз мошинуш вайрон буд, намедонум, чӣ ҳол кашид.

– Ҳеҷ бало намешавад, амакӣ, мебиёяд.

Пирамард ноумед шуда аз назди онҳо рафтанӣ буд.

– Истед, – муаллим Содиқи Ҷаъфар ӯро аз роҳ гардонд. – Ман ба шумо талаба медиҳам, – Содиқи Ҷаъфар аз ҷой хест.

– Талабаҳоро аз дарс мебаоред?

– Бачаҳои синфи даҳ муаллим надоранд. Баъд боз дарси худам.

– Медонам, лекин шумо ҳақ надоред, муаллим, мумкин нест. Талабаҳоро директор ҷавоб медиҳад.

Содиқи Ҷаъфар ба мудири мактаб гӯш надода, аз паси пирамард Бӯрӣ аз ҳуҷра баромад. Ризои Раҳмон аз ӯ ранҷид. Ҳамон рӯз ва шаб хаёлаш ба муаллими худаш ёфта оварда буд. Ӯро писанд накард ин одам, дар назди мӯйсафеди Бӯрӣ барин одами бесавод гапашро нагирифт, ба ӯ гӯш надод. «Худам талаба ёфта медиҳам», гуфт. Бӯрӣ акнун дар маъракаҳо мегӯяд: муаллимаш гапи Ризои Раҳмонро ба як пул нагирифт, қанд занад, офарин. Ин гапҳо аз як бурҷи даҳони ӯ мебарояд, андеша надорад, ба ин бефаросат Худо медиҳад.

Ба ӯ чӣ гӯяд? Ба ҳуҷрааш ораду ҳақорат кунад, аз хекиртакаш гирифта ҳушашро ба сар биёрад?... Ҳамин хел хаёлҳо қатӣ пагоҳ ба мактаб мерафт ӯ. Хонандагон, муаллимон ба вай салом дода, аз наздаш мегузаштанд. Ана, муаллим Содиқи Ҷаъфар ҳам ҳамон папкаи чармини кабуди пури китоб дар таги каш пеш-пеши ӯ мерафт. Ҳар рӯз вай ҳамин хел бармаҳал ба мактаб мео-

яд... Марг ба интизомаш, ба донишаш ҳам. Кофта-кофта хуб моли покиза ёфт.

Содиқи Ҷаъфар мудири мактабро дида лаби ҷӯи зери чинор аз роҳаш истод. Дар чашмонаш айнак, бо даҳони пурханда рӯ ба ҷониби Ризои Раҳмон омад. «Кори кардааш аз хотираш баромадааст, худозада!»

– Салом, рафиқ Ризои Раҳмон, – шарм надошта даст дароз кард ба вай.

«Дасти қоқат ходачӯби гӯр шавад», – ба муаллими куҳансол назар наандохта, ба ӯ нӯки даст дод. Чун ҳаррӯза бо меҳр аз вай аҳвол напурсид, нагуфт, ки чӣ тавр хобиду бо чӣ руҳе аз хоб хест, забон накушода ба роҳаш рафт. Содиқи Ҷаъфар ҳайрон монда аз ҷой намеҷунбид. Гӯё нақши девор шуда буд.

Баъди ин вохӯрӣ мудири мактаб бо Содиқи Ҷаъфар дар ҳуҷраи худаш дучор омад... Маҷлис даъват карда буд. Фарроши мактаб холаи Марзия аз кор чанд дақиқа дер монда, рӯи мизи муаллим ва чанд партаи синфро тоза накарда будааст.

Ризои Раҳмон масъалаи маҷлисро эълон карда, бо қаҳру ғазаб сухан мегуфт: «Интизом суст, ҳама бетавфиқ, бевиҷдон, нонашонро ҳалол карда намехӯранд».

– Ҳамин гапҳо чӣ лозим? – сухани мудири мактабро бурида, Содиқи Ҷаъфар аз ҷой бархост.

– Якеи ин зотҳо холаи Марзия, дар кори худаш бало, аз дараи Селоб ҳар рӯз ду бори хар ҳезум мебиёраду дар кори мактаб мурда. «Миёнам дард мекунад, касалам», мегӯяд. Хайр агар зӯр омада бошад, ариза навис, рав, нон бошад, нонхӯр ёфт мешавад.

Ризои Раҳмон ба саволи Содиқи Ҷаъфар эътибор надод, чунон вонамуд, ки гӯё ӯро надидааст ва суханҳояшро ҳам нашунидааст.

Овози муаллими куҳансол баланд шуд.

– Шумо, рафиқ Ризои Раҳмон, вақти моро беҳуда мегиред. Чаро ин тавр мекунед?

– Муаллим, шинед! Ба ҳар ош қатиқ нашавед, монед мо корамонро кунем, – сиёсат кард мудир.

– Шумо маҷлисро бисёр нағз медидед, муҳокимаи холаи Марзия ба мо чӣ дахл дорад? Дина, парер ҳам маҷлис гузарондед.

– Агар хоҳам, ҳар рӯз маҷлис мегузаронам.

– Гапи муаллим рост.

– Рост.

– Рост, – муаллим Содиқи Ҷаъфарро тарафдор шуданд муаллимон.

– Гапҳои шумо маънӣ надоранд, – давом намуд Содиқи Ҷаъфар. – Чи гуфтанатонро намедонед, сафсата.

– Бас кун! – Эҳтироми муаллими куҳансол аз хотири Ризои Раҳмон баромад. Ба болои миз мушт зад. Маҷлис давом меёфт. Вале мудири мактаб аз асабоният суханашро гум кард. Забонаш гирифт. Муаллимон гӯш намедоданд ба ӯ, гӯё ба хонаи мӯрча об даромада буд. Аз ин пеш ӯ ягон вақт ин хел маҷлис нагузаронда буд, вақти сухангӯии вай касе ҳад надошт, нафас барорад, нек мегуфт ё бад, суханҳояш маънӣ доштанд ё на, касе кордор набуд. Аммо имрӯз муаллими ёфта овардааш ба вай «мадад мерасонад»... Сазои сараш, ҳоли Ризои Раҳмон аз ин бадтар шавад, ҳеҷ кас айб надорад. «То хонаю ҳавлии хуб ёфта надиҳӣ, намебиёям», гуфта шарт монда буд ин муаллим. Пеши раис рафт, аз худи мудири маориф ёрӣ пурсид, пул сарф карда ким-киҳоро зиёфат дод, сарашро ба санг заду ба Содиқи Ҷаъфар ҷою манзил ёфт. Худаш, фарзандонаш дар ҳавлии ӯ кор карданд, гирди ҳавлиашро девор бардоштанд. Аммо дар ҷавоби некиҳо... Дина дар назди Бӯрӣ ӯро шарманда кард, ҳоло пеши ҳама мегӯяд, ки Ризои Раҳмон

маҷлисдӯст, гапҳояш умумӣ, ҳавоӣ, сафсата. Ба ақидаи мудири мактаб мӯйсафед намемонад, ки ӯ дигар ягон корашро бо ихтиёри худ ба ҷо орад. Ҳар лаҳза ба нӯки забони Ризои Раҳмон кашол. Ба сари муаллиме овозаш баланд шавад, ин одам аз ҷояш мехезад. Муттакою сафедкунанда, вориси ҳама.

– Шумо, рафиқ Ризои Раҳмон, ба сари мардум дод нагӯед, мактаб бозори гов ё ҷои бузкашӣ не, муаллимҳо одамони саводнок, маълумотдор, неку бадро медонанд, – гуфт Содиқи Ҷаъфар ба ӯ. Чанд бор Ризои Раҳмон ба ин одам танҳо ба танҳо суҳбат кард, бо нағзӣ ба ӯ фаҳмонданӣ шуд:

– Муаллим, шуморо бо ин умед ба мактаб наоварда будам, ёрӣ мерасонед, гуфта будам. Лекин душман шудед, хайр агар ёрӣ ҳам нарасонед, монед, кор кунам, зарар набиёред, – гила кард Ризои Раҳмон.

– Ман ба шумо душманоӣ надорам, ба фоидаи шумо гап мезанам, корҳоямон нағз шавад, мегӯям.

– Минбаъд дар маҷлисҳо гап назанед, – талаб кард аз муаллим Ризои Раҳмон. Вале мудири мактаб пеши даҳони муаллими худаш овардаро гирифта натавонист. Ин одати ҷӯрагӯию беандешагии муаллими куҳансол ба шир омада будааст. «Худам роҳи рафтанамро медонам, ба ман ақл ёд надиҳед, рафиқ Ризои Раҳмон. Як одамҳое мехостанд, ба гапашон дароям, ки осмонро хала мезаданд, овозаашон дар олам буд. Лекин муроде ҳосил нашуд. Хаёл мекунед, ки ба гапи шумо медароям. На, ман ҳамин хел одам»... Умеди мудири мактабро канд ӯ.

Бо мудири мактабе, ки пеш Содиқи Ҷаъфар зери дасти ӯ кор мекард, дар Душанбе вохӯрд. Вай гашта баргашта аз ӯ пурсид: «Муаллими нав чӣ ҳол дорад? Аз ӯ розӣ аст? Алҳол пушаймон нашудааст?» Хандид,

тамасхӯр кард. Заҳрханду тагпурсиҳояш беҳуда набудааст, вай бепарво, ҳафтафаҳм...

Роҳи халосӣ мекофт аз муаллим ӯ. Аз мактаб ӯро ронда натавонист. Аз болояш арз карданӣ ҳам набуд. Умеди ягонаи ӯ ба марги муаллим, вале ин рӯз кай ба сари вай меояд? Интизории беҳуда. Худозада ҳанӯз бардам, бақувват, пири афтода ҳам не. Аз рӯи гуфтааш, гӯё касали дил будааст... Локин кай ин дард хурӯҷ карда, вайро ба дами марг мебарад? Банди ҳамин хиёлҳо буд. Ва ногаҳон зери лаб пичиррос зад: «Ҳамин рӯзро ташкил кунем чӣ?»

Рӯзи дигар бармаҳал ба мактаб омад. Аз рӯи одат дар саҳни мактаб гаштугузор накард. Ба ҳуҷрааш даромад, тирезаҳоро ба ҷониби боғ кушод. Ба паси мизаш омад. Сигореро дуд андохт, дуд пеши чашму рӯяш мепечид. «Ҳумм, Ризои Раҳмон, бе дарди сар нишаста будӣ, пул дода дарди сар харидӣ, акнун илоҷ ёбу аз ӯ халос шав». Нимсӯхтаи папиросро ба лаъличаи рӯи мизаш пахш кард. Даст ба тугмаи занг монд. Котиба омада будааст.

– Муаллим Содиқи Ҷаъфарро бигӯй, биёяд, – фармуд ба ӯ.

– Ассалом, писар.

Ризои Раҳмон ба ҷониби муаллим Содиқи Ҷаъфар назар наандохт.

– Маро чеғ зада будед, писар? – Содиқи Ҷаъфар назди мизи мудири мактаб меистод.

– Ҳа, ман туя чеғ зада будам. – Ризои Раҳмон ручкаи дасташро ба болои миз ҳаво дода аз ҷой рост шуд ва бо қаҳру ғазаб ва итоб ба муаллими куҳансол рӯй овард. Ранги рӯи муаллим Содиқи Ҷаъфар канда, дасту пойҳояш меларзид. Мудири мактаб, писараш барин як ҷавон, вайро таҳқир кард?

– Чӣ мегӯӣ? Ту чаро дашном додӣ?!

– Бар падарат... занат... модарат... – Пеши чашмони муаллими куҳансол сиёҳӣ афтод. Ба курсичае нишастанӣ буд, вале ҳеҷ ҷойро намедид, дунё дар хаёлаш гирдгардон.

Дари ҳуҷраи мудир кушода гашта се-чор нафар муаллимон даромаданд. Гӯё байни Ризои Раҳмон ва муаллими куҳансол ҳеҷ гапу ҳарфе нагузашта буд, ки чеҳраи ғазаболуди ӯ шукуфон гашт, лабонаш пурханда.

– Шинед, муаллимҷон! Чӣ рост истодаед? Шинед, – ба дигарон эътибор надода, аз паси мизаш берун шуда, барои нишастани Содиқи Ҷаъфар курсичае пеш овард, – ман ба шумо мегӯям, муаллимҷон, чӣ истодаед? Шинед, шумо устоди азизи ҳамаи мо ҳастед. Шумо нури дида, тоҷи сари мо, шинед, то шумо барин муаллимон пайдо мешавед, ки хуш умре, – дастҳо пеши бар барои эҳтироми муаллим рост меистод Ризои Раҳмон.

Муаллими беҳолу бемадоршуда ба курсӣ нишаст. Муаллимон ба ҳуҷраи мудири мактаб меомаданду мебаромаданд... Чеҳраи Ризои Раҳмон пуртабассум, забоншаринӣ дошт, гӯё булбул шуда. Ба пиёлаҳо чой рехт, якеи онро ба тавозӯъ ва эҳтироми хосса пеши Содиқи Ҷаъфар бурд. Муаллими куҳансол дар ҳайрат, дар ҳаяҷон. Чӣ сиратест ин одам? Мӯи сараш ба сафедӣ расиду ин хелашро надида буд. Ӯро дашном дод, зану фарзандонашро ном бурду боз «муаллимҷон», мегӯяд. Бо кадом забон? Ба ин одам чӣ гӯяд? Ба ӯ дарафтад ё сухани пасту баланде гӯяд? Ҳозирон дар ҳайрат мемонанд. «Содиқи Ҷаъфар девона», мегӯянд. Чизе нагуфта биравад? Наметавонад. Интизор мешавад, тоб меоварад. Ҳама ки рафт, танҳо ки монд ин одам, вай аз ҷой мехезад. «Чӣ гуфтӣ? Чӣ воқеа рӯй додааст?» гуфта аз ӯ мепурсад, ба вай дармеафтад, дилашро холӣ мекунад. Касе пеш аз ин ӯро таҳқир накарда буд, ёд надорад.

Дилаш месӯхт, ҷисму ҷонаш гудохта мегашт. Ба ин ҳол аз назди Ризои Раҳмон баромада намеравад... Ҷавоб мегӯяд ба ӯ, дилашро хунук мекунад, баъд меравад.

Онҳо танҳо монданд

– Маро дашном додӣ? Чаро? Ман ба ту чӣ бадӣ кардам? Намебахшам, ҷавоб гӯй! – Содиқи Ҷаъфар хаёл дошт, ки Ризои Раҳмон пушаймон аст. Вале Содиқи Ҷаъфар ӯро намебахшад, тавба кунад, хомӯш нишинад ҳам. Ризои Раҳмон баръакси хаёлҳои ӯ хашмгинтар гашт. Чашмонаш аз ғазаб дар косахонаи сар фиррос чарх мезаданд, таги рӯяш сиёҳ, чун ҳайвони ба хашм омада аз даҳонаш кафкоба мепарид, панҷаҳояш гиреҳ хӯрда, мушт шуда... Гӯё вай одаме набуд, ки чанд лаҳза пеш назди муаллимон даҳонаш пурханда буд. Не, ӯ набуд.

– Ба падарат, бар фалону бисмадонат... – Сар кард ба дашномдиҳии муаллими куҳансол, Содиқи Ҷаъфар боз ҳайрон монд, ақлаш коҳид. – «Чӣ мегӯяд ин одам? Чаро? Ба чӣ ваҷҳ?!»

Дари ҳуҷраи мудири мактабро муаллимон кушоданд. Ҳамон лаҳза боз чеҳраи ин одам шукуфон, дар лабонаш ханда.

– Муаллим, чӣ гуфтед? Ташаккур, ҳамин хел кардан лозим, мо аз шумо розием, кош ҳамаи муаллимон мисли шумо заҳмат мекашиданд. Хуб шуд ба мактаби мо омадед... Аҳволам нағз не гуфтед, худо нишон надиҳад, шинед, муаллимҷон, боз гап мезанем, шинед... Дастҳои Ризои Раҳмон пеши бар рӯ ба ӯ меистод, дигаронро монда ба Содиқи Ҷаъфар гап мезад, тавозӯъ дошт, дуқаду секад мешуд... Чӣ зоте, чӣ сирате. Ё ҳамаи ин ҳолатҳо ба назари муаллим метобад? Вай хоб ё бедор аст?

Рӯзи дигар муаллим Содиқи Ҷаъфар ба мактаб наомад. Бемор шуда будааст, ӯро ба беморхона бурда будаанд.

«Роҳи дигар набошад, чӣ кунам?» Ризои Раҳмон хандида ботинан шод гашт ва мудири илмиро дарҳол ба наздаш хонд.

– Фаҳмидед? Муаллим Содиқи Ҷаъфар касал шудаанд? – Бо димоғи сӯхта хабар расонд ӯ, таассуф хӯрд, – гуфта будам-ку, муаллим беҳуда аз дарс намемонанд, одами бовиҷдон, меҳнатдӯст... Ин хелҳо каманд, – ягон-ягонанд, фидоиянд.

Содиқи Ҷаъфарро ситоиш кард мудири мактаб ва ба мудири илмӣ фармуд, ки ҳамроҳи ду-се нафар муаллим ба аёдати ӯ раванд.

– Коре шавад, муаллим мусофирӣ ҳис накунанд, он кас дар ин қишлоқи мо одами наванд, – гуфт Ризои Раҳмон ва кулоҳашро ба сар монда дар тарадуди рафтан шуд. Хонааш рафт. Дар як рӯймол себу ангур, анор ва ҳар гуна меваҳо гирифт.

Дар беморхона, аллакай муаллимон ҷамъ омада буданд. Ризои Раҳмон ҳам ба ҳуҷраи бемор даромад... Бо дидани Ризои Раҳмон гӯё як дарди муаллими куҳансол ҳазор дард шуд, вайро гӯё мору ғунда газид, ҷонаш бедаво. Ба худ печид, ба ҷунбидан даромад, худро ба куҷо занад? Аз назари ин одам ба куҷо паноҳ барад? Андаке пештар бо ҳозирон гап мезад, дар лабонаш ханда буд... Ризои Раҳмонро дида бемор ба мисле аз забон монд.

– Муаллим, чӣ шуд? Сиҳату саломат будед-ку! Ё шӯхӣ мекунед, муаллим, хезед, хезед. Ё хутукҳо лагат заданд? – Ризои Раҳмон баланд механдид. – Анор овардам, муаллим, анорҳои боғи худам, меҳнатӣ, ширин, дору, фоида дорад, хӯред. Ӯ рӯймолашро кушода, меваҳои овардаашро назди муаллим, болои миз монд. Вале

муаллим ба пурсишҳо, меҳрубониҳои мудири мактаб ҷавоб намегардонд, аз ӯ рӯ гардонд, ба девор рӯ овард. Ҳозирон аз ин рафтори муаллим ҳайрон буданд. «Ба қадри некӣ намерасидагӣ барин ин одам», – аз дил мегузарониданд.

– Хайр, муаллим, – ҳозирон аз сари бистари Содиқи Ҷаъфар хестанд. Ризои Раҳмон ба ӯ дар танҳоӣ чизе гуфтанӣ буд, ки худашро ақиб кашид. Ҳама аз назди муаллим баромаданду ӯ монд. Болои сари муаллим истод... Гӯё ӯ барои ситонидани ҷони бемор омада буд, бемор бетоқаттар гашт.

– Садқаи одам шавӣ, роҳи халосиатро ёфтӣ?

– Шумо чӣ гуфтаниед?

– Намедонӣ?

– Дар хаёлам намондааст.

– Худо шоҳид аст.

– Муаллим, – дари ҳуҷра кушода шуд, Ризои Раҳмонро ҳамроҳонаш интизор буданд.

Нигоҳи муаллим ва Ризои Раҳмон ба ҳам хӯрд. Гӯё онҳо хайрухӯш гуфтанд.

Рӯзи баъди беморӣ ба кор омадани Содиқи Ҷаъфар дар мактаб маҷлиси умумии муаллимон даъват шуда буд... Маҷлисе, ки Ризои Раҳмон орзуманд буд.

Дар маҷлис рақиби деринаи ӯ Ҷобиров муҳокима мешуд. Вай пеш мудири мактаб буд. Ва ӯ бо ҳазор азобу таҳлука ва афтударафтҳо ҷои Ҷобировро гирифт. Ва боз имконе омада, ки аз муаллимӣ ҳам ронда шавад. Сарфу хароҷоти зиёде карда дар газета мақола чоп кунонд. Ҳоло аз идораи рӯзнома ҳам омадаанд. Мехоҳад дар масъалаи сиёҳ шудани Ҷобиров гапи ҳамаи муаллимон ду нашавад. Лек ноомадии кор шудааст. Содиқи Ҷаъфар дар ҳамин рӯз сиҳат ёфта ба мактаб омадааст. Ҳамин одам намурд, ки Ризои Раҳмон халос шавад. Аз

афташ кушиаш ҳам гапи ҳақ мегӯяд. Худо занад ӯро бо ҳақгӯиаш.

Дар маҷлис бисёр гуноҳҳои Ҷобиров зикр гашт. Ба хаёли Ризои Раҳмон, ки ӯ лаби ҷар истода буд. Тела, боз каме тела додан лозим. Аммо дар ҳамин лаҳзаҳои барои Ризои Раҳмон хуш боз муаллими худаш кофта ёфта дар ҷояш ба ҷунбуҷул даромад. Даст боло кард. Ризои Раҳмон нигоҳашро аз ӯ гурезонд. Гӯё вайро надид. Лекин ӯ аз ҷояш баланд шуд.

– Гап дорам, – ва «рафиқон» гуфта ба ҳозирон муроҷиат кард: – Ризои Раҳмон воҳима мекунад. Ман ҳам муаллим Ҷобировро медонам, мешиносам, гунаҳгори азим нест, донишманд аст, одами хуб, мухбир туҳмат задааст, бӯи иғво, дурӯғ.

– Газета дурӯғ навиштааст, мегӯед? Туҳмат?! – Ризои Раҳмон тоқат карда натавонист.

– Дар газета ҳам ба мисли шумо одамон кор мекунанд.

– Яъне ман, газета, мухбир, туҳматчӣ?...

– Туҳмат.

Содиқи Ҷаъфар дунёро ба назари мудири мактаб тира гардонд. Гӯё акнун ӯ ба ҳуҷум гузашта, ба дами беморӣ, марг мебурд ӯро. Содиқи Ҷаъфар Ҷобировро тарафдор шуд, гапашро гузаронд. Аз мактаб ӯро наронданд.

Аз муаллими кофта ёфтааш боз «фоида». Дар ниҳояти қаҳру ғазаб бо ӯ дар роҳрави назди ҳезумхонаи мактаб дучор омад. Касе не, муддаои дил. Пеши роҳашро гирифт, гузаштан намонд. Ба ҷои салому алайк, ҳолу аҳвол пурсидан (баъди аз беморхона баромадан акнун аз наздик вайро медид) чашм пӯшида даҳон кушод. Чӣ сухани қабеҳе ба забонаш омад, гуфт. Чунон шармандаю беобрӯяш кард, ки муаллими куҳансол обе

наёфт рӯй шӯяд. Дар танаи девор гӯё часпида нақши он гашт мӯйсафед. Аз ҳолу аз мадор рафт, пой аз по кашида наметавонист. Дилаш ба сӯзиш даромад, дунё ба назараш тор, дардаш хурӯҷ ёфт.

Ризои Раҳмон муаллимро аз миёни роҳ ба канор, болои сабзазорон кашид, сарашро болои зону монд, бо рӯймолчааш шамол медод ӯро. «Мардум»! Ҷеғ зад ҳамаро. Муаллимон ба по хестанд, духтурҳо омаданд. Худи мудири мактаб муаллимро беозор бардошта, ба мошини ёрии таҷилӣ хобонд, кору борашро гузошта ба паҳлӯяш гузашт. Аз духтурҳо хоҳишу илтимос дошт, ки ба табобати муаллим ҷиддан машғул шаванд. Мудири мактаб ғами муаллимашро мехӯрд.

Ҳоли муаллим беҳ гашт. Вале дилаш акнун аз кор рафтан, ба мактаб рафтан меҳаросид. Дар хаёле, ки сӯи гӯр раваду ба мактаб наравад, рӯи мурдаҳои гӯрро бинаду рӯи Ризои Раҳмонро не. Гӯё вай мор буд, аз пайи муаллим афтода, ҳар лаҳзае танҳо ёбадаш неш мезад. Муаллим аз мудири мактаб гурезон. Аммо дар назди одамон вай ҳанӯз ба Содиқи Ҷаъфар меҳрубон, дар маҷлисҳо як ҳарфаш ҳам Содиқи Ҷаъфару ду ҳарфаш ҳам, таърифаш мекунад, аз ин таърифҳои вай ба дод омадааст, гӯшҳояшро ба кафҳои даст руст мекунад, «маро ба ҳолам мон, бас кун, ту чӣ хел одам?» Баъзан ба сари мудири мактаб дод зада аз маҷлисгоҳ баромада меравад... Ризои Раҳмон ором, гӯё муаллими куҳансол ягон кирдори норавое накарда... «Муаллим хоксоранд, хислати одамони бофазилат ҳамин тавр», – мегӯяд дар ҳаққи ӯ. Ба ҷонаш расондааст ин одам. Ба ноҳия, ба ҳама ҷо номи Содиқи Ҷаъфарро бо некӣ бурдааст.

Ба мактаб аз рӯзномаи марказ мухбир омад. Ӯро мудири мактаб ба синф – ба назди Содиқи Ҷаъфар овард, бо ҳазор забон назди мухбир васфаш кард: вай муалли-

ми зӯр, ҳамаи омӯзгорон, худи мудири мактаб шогирдони ӯ. Хоҳиш кард, аз кору бор, таҷрибаи Содиқи Ҷаъфар нависад мухбир, сураташро ҳам дар рӯзнома чоп кунад... Ҳамон бегоҳ Ризои Раҳмонро ӯ дар оинаи нилгун дид, мухбир бо вай сӯҳбат менамуд... Номи Содиқи Ҷаъфар дар забони ӯ, сураташро ҳам бо худ бурдааст, нишон доданд.

– Додо, ин қадар мудири мактаб шуморо ҳурмат мекунад, нағз мебинад, – духтараш намоишро нигоҳ карда, Ризои Раҳмонро «шахси нек, дӯсти наздики хонадонашон» ҳисобид.

– Ҳамин одам маро мекушад.

– Чӣ гуфтед, додо?

– ...Чанд бор Содиқи Ҷаъфар пеши баъзеи муаллимон, наздикону дӯстон аз рӯзи ба сараш овардаи мудири мактаб ҳарф заданӣ шуд. Гуфт: ду ба ду шаванд, танҳо монанд Ризои Раҳмон дашном медиҳад ӯро, таҳқир мешунавад, ӯро ба дами марг расонидааст ин одам. Ҳолашро худаш медонаду Худо.

Мардум ба ӯ гӯш надода, бо шубҳа ба вай назар дӯхтанд. «Мӯйсафед бемор барин, бемори рӯҳӣ... Ба назари ин зайлҳо аксаран дӯстони ҷонию наздикон душман намоянд.

Агар аз ҳамин Ризои Раҳмон нолад, мӯйсафед аз дидагонаш менолад. Боз чӣ мехоста бошад ин одам аз ӯ? Ҳамин қадараш монда, ки Ризои Раҳмонро зин занаду савор шавад».

Як рӯз духтурҳои беморхонаи колхоз назди Ризои Раҳмон омаданд. Гуфтанд, ки аҳволи муаллим Содиқи Ҷаъфар вазнин, ба ӯ таъзиқ наорад.

– Ман ба он кас таъзиқ меорам? Кӣ гуфт? Худашон? Тавба, тавба... Марҳамат худашонро ҷеғ занед, ҳамаи муаллимҳоро хабар мекунам. Агар аз ман хатое гузаш-

та бошад, гӯянд... Баръакс, ҳама аз ман меноланд, мегӯянд, ки ӯро фақат таъриф мекунам, мукофот медиҳам. Дина бо як азобе муаллимҳоро розӣ кунондам, ки рафиқ Содиқи Ҷаъфар барои гирифтани орден пешниҳод шаванд. Ҳоло ҳам чанди онҳо ба ман ногап, носоз. Онҳо зидди муаллим... Ана, коғазҳо, қарор... – Ризои Раҳмон сандуқи оҳанинро кушода вараќи бисёреро баровард, пеши духтурҳо монд. Хонед, – гуфт ва давом кард: – Муаллим одами меҳнатӣ, пок, аз сидқ дарс медиҳанд, нонашонро ҳалол карда мехӯранд, – Содиқи Ҷаъфарро таъриф мекард мудири мактаб.

Худи Содиқи Ҷаъфарро мудири мактаб ба ҳуҷрааш хонд.

– Муаллим, ман қадри шуморо намедонистаам, таъзиқ меовардаам, – пеши Содиқи Ҷаъфар сар хам кард Ризои Раҳмон.

– Маро ба дами мурдан расондӣ...

– Ба хаёлам, ба шумо фақат некӣ мекунам. Ҳамин сол Аълочии маорифи халқ шудед. Дина шуморо барои гирифтани орден пешниҳод кардам. Дидед, ки маҷлис набуд, ғавғои рӯзи маҳшар буд, ба сарам хестанд, ҷанҷол карданд. Худатон будед, дидед... ё дурӯғ мегӯям?

– Ман аз мукофот безор, маро ту мекушӣ... Намедонам ту чӣ хел одамӣ, чанд рӯ дорӣ? Ту душмани манӣ.

– Беҳраташ ҳамаи муаллимонро ҷеғ мезанем, мепурсем, агар ман ба шумо бадӣ мехоста бошам, гӯянд, шоҳидӣ диҳанд.

Ризои Раҳмон ҳамин тавр кард. Ҳамаи муаллимон ба ҳуҷраи ӯ омаданд. Дар шоҳидии духтурҳо маҷлис гузаронд. Гуфт, ки муаллим Содиқи Ҷаъфар шикоят кардаанд.

– Муаллим аз шумо норизо? – Дар ҳайрат афтода бу-

данд ҳама. Ин касро болои сарамон бароварда мондеду боз дилмонда...

Ҳамин қадар монда, ки пойҳояшонро ба лаълӣ гирифта гардем...

Муаллимони дигар ҳам ғавғо бардоштанд. Духтурҳо ҳис карданд, ки шикояти Содиқи Ҷаъфар беҳуда. Ӯ бемор, рӯҳаш коста гашта...

– Аз шумо узр мехоҳам, муаллим, аҷаб не, ягон камбудие аз ман содир шуда бошаду худам бехабар. Минбаъд такрор намешавад, маро бубахшед... Бо вуҷуди он, ки гуноҳ надоштани Ризои Раҳмон аз оина равшантар гашта буд, дар охири маҷлис аз ҷой бархоста, аз муаллим узр хост, дастҳо пеши бар наздаш сари тавозӯъ фуруд овард.

Ҳама аз ҳуҷраи мудири мактаб рафтанд. Муаллим бо умеде, ки боз дар танҳоӣ бо вай гуфтугӯ кунад, шояд сухани некаш шунавад, шояд Ризои Раҳмон дигар вайро дашном намедиҳад, ба вай раҳм мекунад...

– Писарам... ба ӯ мурочиат карданӣ шуд.

Вале Ризои Раҳмон аллакай шахси дигар гашта буд.

–Дар фалону фалонат... – гуфта ба дашномдиҳии вай сар кард. Муаллими куҳансол боз аз ҳолу мадор рафт, тана ба девор монд, гӯё боз нақши девор гашт... Ба муаллим Содиқи Ҷаъфар бовар намекунанд, ки Ризои Раҳмон ба вай душман. Хешовандон, шиносҳои дуру наздик ва фарзандони муаллим ҳам гумон доранд, ки вай бемор, бемори рӯҳӣ шуда...

# ШАҶАРАНОМА

## ДЕҲАИ МО

Деҳаи Нилконро Некон ҳам мегӯянд. Аммо номи Нилкон маъмултар аст. Дар ҳамаи мавридҳо Нилкон мегӯянд. Ва ҳамин тавр менависанд. Чӣ маъние дошта Нилкон ё Некон? Ба чӣ муносибате чунин номҳо ёфта деҳаи мо?

Тахминҳо ҳар гунаанд. Мегӯянд, дар гузашта, дар ким-кадом замоне дар ин маҳал аз гиёҳе нил ҳосил мекардаанд. Маънии нил дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: Нил-гиёҳест дар мамлакатҳои гарм, ки аз шираи он ранги нилӣ мегиранд; ранги кабуди баланди сиёҳтоб, ранги лоҷувардӣ, осмониранг. Боз мегӯянд, замоне дар ин ҷо ҳама аҳли ҳунар мезистаанд, матоъ мебофтаанд, ба матоъҳо ранг медодаанд. Ва дар зери қалъае, ки дар поёни деҳа мавҷуд аст, дар соҳили сангоб бозор будааст. Дар танаи қалъа изи хумҳо ба назар метобад, хумҳое, ки аз қади одам баланд. Хумҳоро кандаанд, сафолпораҳо мондаанд, ки дар онҳо нақши ранг мавҷуд аст, ранги нилӣ. Хумҳо пур аз ранг будаанд. Ва он барои ранг додани матоъҳои бофандагон истифода мешуда ва агар ин ривоятҳо бесабаб пайдо нашуда бошанд, пайдоиши номи деҳа бо ранги нил алоқаманд. Ва шояд мардум ба ҳамин хотир ба маҳаллаи мо кони нил-Нилкон ном мондаанд.

Ва гуфтем, ки деҳаи моро Некон ҳам мегӯянд. Ва бо ин ном ҳам зикр шудани деҳа сабаб дорад. Қадима аст.

Замоне ба ин гӯшаи хушманзар гузори гурӯҳи одамоне афтода. Онҳо соҳибилм, бофазл, соҳибмартаба. Дар он айёми баҳорон, дар ин гӯшаи афсонавии сердолударахт, пургулугиёҳ, дар канори сангоб, ки обаш

ширину нуқрасо буда чанд гоҳе рӯз гузарондаанд. Писандашон шуда ин мавзеъ. Дигар аз ин ҷо нарафта зиндагӣ ихтиёр кардаанд. Ба шарофати онҳо инҷо обод ва серодам гашта. Ҷои рафтуомад, муридону муқаррабонашон. Ва ба ҳурмати эшон, ки аз ҷигарбандони Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ будаанд, барои деҳа ном пайдо мешавад: Некон ном мегузоранд онро, деҳаи Некон. Аҳли деҳа ҳама сайидзода, эшонҳо. Сокинони деҳа имрӯз давоми он хонадон-хонадони ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадониaнд, шаҷараномаашон аз он зоти пок оғоз ёфта. Ва яке аз он ҷигарбандони ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф будаанд, ки мазорашон аз он рӯзҳо, аз охирҳои асри XIV монда. Мазори ҳазрат дар саҳни зебою барҳавои масҷид, дар ҷониби офтоббаро ҷой ёфтаанд. Дар рӯ ба рӯи мазор ду оромгоҳи дигар. Аз рӯи нақлу ривоятҳо яки он мадфани бародар ва дигаре хокдони хоҳари ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф Асмоҳ буда. Баъд як мадфани нав, он манзили абадии қиблагоҳи банда эшони Домулло Мирзо, ки ҳамдеҳагон охири моҳи июни соли 1950-ум он касро ҳамин ҷо ба хок супурдаанд. Шаҷаpaномаи аз авлоди ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ будани аҳли деҳа дар замони ҳар шоҳигарӣ, миригарӣ бо муҳр тасдиқ мегаштааст. Вале баъдҳо Шаҷаpaнома ба дасти ким-киҳо хӯрдааст, фарзандони ким-киҳои мегуфтаашон дар қайди ҳаёт ҳастанд, имкон ҳаст Шаҷаpaнома пайдо шавад ва нусхабардорӣ шуда дастраси ҳамагон гардад.

Имрӯзҳо яке аз фарзандони бофазли деҳа – эшони Ҷалолхон, ки аз пайи ҷустуҷӯи Шаҷараномаи ҳамдеҳагон афтодаанд, худашон шаҷараи чанд пушти сокинони деҳаро тартиб додаанд, ба кори мушкиле даст задаанд. Албатта, он камбудию норасоиҳо дорад, ному

насаби баъзеҳо аз Шаҷаранома берун мондаанд ё ғалат навишта шудаанд. Шаҷараномаи эшони Ҷалолхон бори аввал нашр мешавад, дар нашрҳои оянда он мукаммал мегардад.

## Шаҷараномаи эшони Ҷалолхон

1. Эшони Акрамхоҷа писарашон эшони Мирҳайдар. Писарҳои эшони Мирҳайдар эшони домулло Мирзо, эшони Маллаҳ, эшони Акобир.

Фарзандони эшони домулло Мирзо эшони Меликхоҷа, эшони Кароматуллоҳ, эшони Хайруллоҳ, Маҳкамподшо, Хосият, Мақсад ва Ҳоҷиподшо (хоҳари эшони Кароматуллоҳ). Фарзандони эшони Кароматуллоҳ Иқбол, Парвиз, Фирӯз. Фарзандони эшони Маллаҳ эшони Саъдулло, эшони Акрам, эшони Султон. Фарзанди эшони Акобир Олим (дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ) фавтида.

2. Эшони Турсунхоҷа писарҳояшон эшони Қосимхон, эшони Мавлон, эшони Пӯлодхон, эшони Хон. Писарҳои эшони Қосимхон эшони Маллаҳхон, эшони Ҳамроҳхон, эшони Тӯфон, эшони Аҳтам, эшони Юсуф. Фарзанди эшони Мавлон писараш эшони Абдукарим. Писарҳои эшони Абдукарим эшони Аҳрор, эшони Юсуф, эшони Мусофир. Эшони Пӯлодхон писараш эшони Салимхоҷа. Писарҳои эшони Салимхоҷа эшони Тӯрахоҷа, эшони Маҳмуд. Эшони Хон писарҳояш эшони Араб, эшони Бобоазиз, эшони Муҳит. Писарҳои Ҳамроҳхон эшони Аҳрор, эшони Аброр.

3. Эшони Фахриддинхоҷа писараш эшони

Акрамхоҷа. Писари эшони Акрамхоҷа эшони Мирзохоҷа. Писарҳои эшони Иброҳим эшони Санг, эшони Муқим, эшони Ҳаким. Эшони Мирзохоҷа писарашон Бӯрихоҷа.

4. Эшони Ботурхоҷа писарашон эшони Шоҳисмоил. Писарҳои эшон эшони Мирзо, эшони Тӯра. Писарҳои эшони Мирзо эшони Аҳмадхон, эшони Ӯроқ, писарҳои эшони Аҳмадхон эшони Аъзамхон, эшони Акрамхон, эшони Муҳиддин, эшони Абдураҳим, эшони Юсуфхон, эшони Сайидалӣ, эшони Зикриё, эшони Насим. Писарҳои эшони Ӯроқ эшони Аҳмадхон писари эшони Тӯра эшони Маллаҳхон писарҳои эшон эшони Луқмон, эшони Ҷалол.

5. Эшони Музаффархоҷа, писарашон эшони Қозимирзохоҷа, писарҳои эшон эшони Ҳомидхоҷа, эшони Зоҳидхоҷа, писарҳои эшони Ҳомидхоҷа эшони Абдуқодир, эшони Абдухолиқ, писари эшони Абдухолиқ эшони Зоҳидхоҷа, писарҳояшон эшони Абдулмуъмин, эшони Абдураҳмон, эшони Абдулазиз.

6. Эшони Саидхоҷа, писараш эшони Маллаҳхоҷа, писари эшони Маллаҳхоҷа эшони Бобохоҷа. Писарҳои эшон эшони Умархоҷа, эшони Ҳодихоҷа, эшони Қоринуъмон, писари Умархоҷа эшони Усмон, писари Ҳодихоҷа эшони Искандархон. Писарҳои Искандархон эшони Муҳиддин, эшони Ҷамолиддин. Писари Қоринуъмон эшони Муҳаммадӣ.

7. Эшони Низомиддин, писарашон эшони Шарофиддин, писарҳои эшон эшони Маллаҳхоҷа, эшони Холхӯҷа, эшони Абдураҳим, эшони Абдукарим (эшони

Маллаҳхоҷа дар Ҷанги дувуми ҷаҳон фавтидааст).

8. Эшони Солиҳхоҷа, писаронашон эшони Сайидхон ва Мӯсои Ҷеран. Писари Сайидхон эшони Турманхон. Писарҳои Турманхон эшони Шоҳраҳматуллоҳ, эшони Сайиднеъматуллоҳ, эшони Иззатуллоҳ, эшони Маҳмадуллоҳ, эшони Кароматуллоҳ, эшони Абдусалом. Писари Мӯсои Ҷеран Ҳамроҳ.

9. Эшони Ҳайдархон, писарашон эшони Ғуломалӣ. Писарҳои эшони Ғуломалӣ эшони Авлиё, эшони Хон, эшони Қоринасруллоҳ. Писарҳои эшони Авлиё эшони Умархон, эшони Сироҷхон, эшони Султон. Писари эшони Хон Азизхон. Писарони Азизхон эшони Азимхон, эшони Алихон. Писарҳои Қоринасруллоҳ эшони Искандархон, эшони Мавлавӣ. Писарҳои Искандархон эшони Қаноат, эшони Ҳабибуллоҳ. Писарҳои эшони Мавлавӣ эшони Шамсиддин, эшони Наҷмиддин, эшони Қамариддин, эшони Бадриддин, эшони Сироҷиддин.

10. Эшони Маллаҳхоҷа, писараш эшони Абдулвоҳид. Писарҳои Абдулвоҳид эшони Салимхоҷа, эшони Ҳоким. Писарҳои эшони Салимхоҷа эшони Мирзо, эшони Яҳё. Писари эшони Ҳоким эшони Олимхон.

11. Эшони Тӯтихон, писараш эшони Аҳмадхон. Писарҳои Аҳмадхон эшони Анвар, эшони Ҳоҷӣ. Писарҳои Ҳоҷӣ Исохон, Ҳикматуллоҳ, Зиёдуллоҳ ва дигарон.

12. Эшони Подшоҳрамазонӣ, писарҳояш эшони Сулаймон, эшони Ҳалим. Писари Сулаймон эшони Мирзо

(эшони Занбӯр) писарҳои эшони Ҳалим Эшон, эшони Азимхон, духтарашон Маҳкамбибӣ (модари нависанда Кароматуллоҳи Мирзо). Писари Эшон эшони Ҳамроҳ. Писарҳои эшони Ҳамроҳ эшони Исохон, эшони Олимхон ва дигарон.

13. Эшони Шоҳmаланг, писараш эшони Қаландархоҷа. Писарҳои Қаландархоҷа эшони Сулаймон, эшони Калон, эшони Сайидподшоҳ. Писарҳои Сулаймон эшони Умар, эшони Алӣ. Писарҳои эшони Калон Сайидхоҷа, Усмон, Сангинмурод, Сайидмурод. Писарҳои Сайидподшоҳ Лутфуллоҳ, Фатҳуллоҳ.

14. Эшони Сайидбурҳон, писарҳояш Сайиднабӣ, Сайидалӣ, Абдусамад. Писари Сайиднабӣ эшони Довудхон. Писарҳои Довудхон эшони Бобоазиз, эшони Шаҳобиддин. Писарҳои Сайидалӣ эшони Солеҳ, эшони Ӯроқ, эшони Маллаҳ. Писарҳои Солеҳ Абӯбакр, Нуруллоҳ. Писарҳои Абусамад, эшони Ҷиҳон ва Муъмин. Писарҳои Ҷиҳон эшони Мирзоӯроқ, эшони Иброҳим. Писарҳои Муъмин Абдуллоҳ, Сайидхоҷа, Қосим. Писари эшони Иброҳим Зиёдуллоҳ. Писарҳои эшони Абӯбакр Бурҳон, Алӣ, Усмон, Бозор.

15. Эшони Ӯзбакхоҷа, писарҳояш эшони Олимхоҷа, Амонхоҷа, Авазхоҷа. Писари Олимхоҷа Қоритӯра. Писари Амонхоҷа Абдураҳмонхоҷа. Писарҳои Авазхоҷа Домулло Сулаймон, Муқаддам (Муқаддам дар ҷанг вафот кард). Писарҳои Қоритӯра эшони Мулло Сайиднеъматуллоҳ, Муъминхон, Меликхоҷа. Писарҳои Абдураҳмонхоҷа эшони Муллохоҷа, Асрор. Писарҳои Муллохоҷа эшони Ҳикматуллоҳ, эшони Исматуллоҳ. Писарҳои Асрор Қудратуллоҳ, Раҳматуллоҳ. Писари

Қоритӯра Исмоилхон. Писари Исмоилхон эшони Сайидхон (дар Ҷиликӯл).

16. Эшони Нарзуллоҳ, писараш Исмоил. Писари Исмоил Насим.

17. Эшони Довудхон, писараш эшони Камол. Писарҳои Камол Гадохӯҷа, Сайфиддин.

18. Эшони Фахриддин, писараш Нуриддин. Писари Нуриддин Абдулҳафиз. Писари Абдулҳафиз эшони Насриддин. Писарҳои Насриддин эшони Нуриддин, (рӯҳашон шод бод муаллим буданд), Ҷамолиддин, Тоҷиддин.

19. Эшони Довудхон, писараш эшони Ислом. Писари Ислом эшони Саъдулло. Писари Саъдуллоҳ Шамсуллоҳ (дар Мачитон).

20. Эшони Шоҳ, писараш Ҳоҷимаҳмуд. Писарҳои Ҳоҷимаҳмуд эшони Имом, эшони Амонӣ (бародари нависанда Кароматуллоҳи Мирзо).

21. Эшони Неъматуллоҳ, писараш Муллохоҷа. Писарони Муллохоҷа Салоҳиддин, Тӯйчӣ, Сироҷ.

22. Эшони Ҳусайнхоҷа, писараш Оқилхоҷа. Писари Оқилхоҷа Тӯрахоҷа. Писарҳои Тӯрахоҷа Иброҳимхоҷа, Ибодуллоҳ, Маҳмадуллоҳ. Писарҳои Иброҳимхоҷа Ҷунайд, Фатҳулло ва дигарҳо.

23. Эшони Мусофир, писарҳояш эшони Комил, эшони Эл. Писарҳои Комил Мурод, Барот.

24. Эшони Саидбурҳон, писараш (дар деҳаи Чанор) эшони Малаҳшоҳ. Писарҳои Малаҳшоҳ Саидмуҳиддин, эшони Абдуқодир. Писарҳои Саидмуҳиддин Саидбурҳон, Саидаҳмад.

25. Эшони Эшонқул, писараш (дар деҳаи Чанор) Абдураҳмон. Писарҳои Абдураҳмон Ӯзбакхоҷа, Саид.

26. Эшони Муло Иброҳим, писараш (дар деҳаи Шаршара) эшони Мирзо. Писарҳои Мирзо – Зикриё, Абдуллоҳ, Ҳабибуллоҳ.

27. Эшони Ҳакимхоҷа, писарҳояш эшони Тӯра, эшони Санги (кӯлобӣ). Писари Тӯра – Ҳоҷипаҳлавон. Писарҳои Ҳоҷипаҳлавон – Бадриддин, Зиёдулло. Эшони Ҳоҷипаҳлавон аз забони падару модарашон нақл мекунанд, ки бибиашон апаи Мулло Юсуфи Кангуртӣ будааст. Мулло Садриддини Кангуртӣ падараш. Саиднуриддини Кангуртӣ ҳикоя кард, ки модари Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳам набераи Мулло Юсуфи Кангуртӣ будааст.

28. Эшони Калон, писарҳояш эшони Азизхон, эшони Эшонхон. Писари Азизхон – Холмаҳмад. Писарҳои Эшонхон Азимхон, Ҳоҷӣ.

29. Эшони Азизхоҷа, писараш эшони Азизхон. Писарҳои Азизхон – Акбархон ва Ӯроқ. Писарҳои Акбархон – Акрам, Аъзам, Азиз. Писарҳои Ӯроқ – Аҳрор, Оқилхоҷа аз Ҷанги Гермон хати сиёҳи Оқилхоҷа омад. Писарҳои Акрам Абдуллохон, Холмаҳмад.

30. Эшони Ниёзхоҷа, (эшонҳои лақай дар Рангон), писараш эшони Абдураҳмонхоҷа. Писарҳои эшон эшони Мӯсохон ( бо лақаби Тошхон) эшони Исохон (бо лақаби эшони Бухорӣ). Писарҳои Мӯсохон – эшони Иброҳимхон ва эшони Қосимхон. Писари Иброҳимхон – эшони Азизхон. Писарҳои Исохон – эшони Саъдуллохон, Холхӯҷа, Лутфуллохон, Саидаҳмадхон.

31. Эшони Ашӯралӣ (эшонҳои Сари Чанор). Писараш эшони Абдуфаттоҳ. Писарҳои эшон – эшони Аълам ва эшони Шайх. Писари эшони Аълам – эшони Абдувоҳид. Писари эшон – эшони Сайидбурҳон. Писари эшони Шайх – эшони Абдукарим. Писарҳои эшон – эшони Раҳматуллоҳ, эшони Неъматуллоҳ, эшони Асадуллоҳ, эшони Нуруллоҳ.

32. Эшони Саидбурҳон (муқими Чанори Шоҳи Хандон), писарашон эшони Маллаҳшоҳ. Писарҳои эшон - эшони Саидмуҳиддин, эшони Абдуқодир. Писарҳои Саидмуҳиддин – Саидбурҳон, эшони Саидаҳмад, эшони Саидусмон, эшони Тӯра. Писарҳои Абдуқодир – эшони Эшонхон (чанорӣ), эшони Искандархон (чанорӣ).

33. Эшони Қодиршоҳ (дар деҳаи Мачитон), писараш эшони Миралишоҳ. Писари эшон – эшони Бобоазиз. Писарҳои эшон – эшони Қосимхӯҷа, эшони Ашӯр, эшони Тавакал.

34. Эшони Баҳром, писараш эшони Искандархон. Писарҳои эшон эшони Асадуллоҳ, эшони Зиёдуллоҳ.

35. Эшони Олимхон, писараш эшони Раҳим.

Писарҳои эшон – эшони Олим, эшони Қосим.

36. Эшони Шоҳсоҳиб (аз Қандаҳори Афғонистон), писарашон эшони Сайид Қаландаршоҳ (шоир, муттафакири бузург, тахаллусашон Ҷунунӣ). Писарҳои Мавлави Ҷунунӣ – эшони Саидалихон, эшони Усмонхон, эшони Порсохон. Писари Саидалихон – эшони Хӯҷаҷон. Писарҳои Хӯҷаҷон – Тоҷиддин, Қутбиддин, Садриддин, Бадриддин, Нуриддин. Писари Усмонхон – Ҳалимхон. Писари Ҳалимхон – Сулаймонхон (шоир, муаллим буданд). Писари Порсохон – Анвархон. Писарҳои Анвархон – Аъзамхон ва Акрамхон. Писари Аъзамхон – эшони Ҳайбуллохон хатиби масҷиди ҷомеи Сариосиёб.

37. Эшони Калон, писарҳояш эшони Эшонҷон, эшони Ҳабиб. Писарҳои Эшонҷон – Исматулло ва дигарҳо.

38. Эшони Шайх, писарҳояш эшони Бузург ва дигарҳо. Писарҳои эшони Бузург – эшони Санг ва эшони Қутбиддин. Писархои эшони Санг – эшони Зайниддин, эшони Насимхон. Писари эшони Қутбиддин – эшони Аъломиддин.

39. Эшони Гадохоҷа (эшонҳои Лучоб ё Шоҳгадо), писараш эшони Ҳикматуллоҳ. Писари эшон – эшони Санг. Писарҳои эшон – эшони Ҳамроҳ, эшони Маллаҳ.

40. Эшони Ибодуллохоҷа (аз Алахчин), писарашон эшони Саиднеъматуллохоҷа. Писари эшон – эшони Хайруллохоҷа. Писарҳои эшон – эшони Бобоҷон, эшони Қориҷон, эшони Асохоҷа ва дигарҳо.

41. Эшони Шарофиддин, писарашон эшони Саидҷалол. Писари эшон – эшони Саидкамол. Писарҳои эшон – эшони Луқмон, эшони Набӣ ва дигарҳо.

42. Эшони Саидбурҳон (аз Харангон). Писарҳои эшон – эшони Меликхоҷа, эшони Бобохон. Писари эшони Меликхоҷа – эшони Қиём. Писари эшони Бобохон – эшони Ҳамроҳ.

43. Юсуф (аз Ёвон), писараш Бобои Сафар. Писарҳои Сафар – Алӣ, Нуриддин, Солиҳ, Раҷаб ва дигарҳо.

44. Бойи Азиз ( аз Ёвон). Писарҳояш Абдураҳим ва Азиз. Писарҳои Азиз – Файзиддин, Бадриддин, Садриддин.

45. Нарзуллоҳи Мелик (аз Кибил), писараш Саъдулло (муаллим, раиси ҷамоа буд). Писари Саъдулло – Убайдулло.

46. Абдураҳмон, писараш Ҳалим. Писарҳои Ҳалим Сангинмурод ва дигарҳо.

47. Қурбон (аз Чанор), писараш Неъматулло. Писарҳои эшон – Исматулло ва дигарҳо.

48. Эшони Бозор – оқсақол, писарҳояш Муҳаммадамин, Камол, Таваккал.

49. Эшони Азизхон, писараш Асадулло. Писари

Асадулло – Баҳром.

50. Эшони Тӯра, – писараш Ғулом.

51. Эшони Раҳматулло (Пистамазор), писарҳояш – Асадулло, Ҷамолиддин, Ибодуллои Иван ва дигарҳо.

52. Бӯрибой. Писарҳои Бӯрибой – Саттор, Шариф, Мирзораҳим, Ризо, Сафар.

53. Эшони Мирзохоҷа (лақабаш эшони Додар). Писараш эшони Саидхоҷа (дар Обикиик). Писарони вай эшони Азизхоҷа, Амирхоҷа, Абдураҳмонбой.

МУНДАРИЧА

**Қисса**

Ситораҳои паси абр ............................................5

**Панҷ ҳикоя**

Деҳаро хоб мебинам ..........................................133
Меҳри модар........................................................139
Гӯшвора..............................................................149
Маоши аввал.......................................................155
Марги душвор ....................................................163
Шаҷаранома.........................................................179

**Кароматуллоҳи Мирзо**

# ДЕҲАРО ХОБ МЕБИНАМ

(Қисса ва ҳикояҳо)

Муҳаррири ороиш *Бахтиёр Ҳисориев*
Муҳаррири саҳифабанд *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчини компютерӣ *Саида Мирзоева*

Ба матбаа 03.03.2014 супурда шуд.
Ба чопаш имзо шуд 12.05.2014 Коғази офсет.
Андозаи 60x84 1/1 6 .Ҷузъи чопӣ 12,0
Адади нашр 200 нусха.

Нашриёти «Балоғат» соли 2014